МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ»

ВБД: 63 (575.34)

Бо ҳуқуқи дастнавис

ШАРИФЗОДА СУҲРОБ КАРИМХОН

ТАЪМИНОТИ ИТТИЛООТИВУ ТАҲЛИЛИИ САМАРАНОКИИ ИСТИФОДАИ ЗАМИНҲОИ КИШОВАРЗӢ

(дар мисоли вилояти Хатлон)

ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.6. Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ

Роҳбари илмӣ:

д.и.и., профессор Мирсаидов А.Б.

Кӯлоб - 2026

МУНДАРИҶА

НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ.....3
МУҚАДДИМА.....4
БОБИ I. ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДОЛОГИИ ТАЪМИНОТИ ИТТИЛООТИВУ ТАҲЛИЛИИ ИСТИФОДАИ САМАРАНОКИ ЗАМИНҲОИ КИШОВАРЗӢ.....**16**
1.1. Асосҳои назариявии таъминоти иттилоотиву таҳлилии истифодаи заминҳои кишоварзӣ.....16
1.2. Ҷанбаҳои услубӣ оид ба арзёбии иқтидори иқтисодии заминҳои таъйиноти кишоварзидошта….....….....38
1.3. Таҳқиқи таҷрибаи хориҷӣ доир ба ташкили таъминоти иттилоотии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ.....58
Хулосаи боби якум.....75
БОБИ II. АРЗЁБИИ ҲОЛАТИ МУОСИРИ ИСТИФОДАИ САМАРАНОКИ ЗАХИРАИ ЗАМИНҲОИ КИШОВАРЗИИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН.....**77**
2.1. Таҳлили ҳолати муосири соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон дар асоси таъминоти иттилоотии он.....77
2.2. Арзёбии иқтидори иқтисодии захираи заминҳои кишоварзии вилояти Хатлон.....96
2.3. Ошкорсозии муаммоҳои баланд бардоштани иқтидори заминҳои кишоварзӣ дар асоси таъминоти иттилоотиву таҳлилӣ.....116
Хулосаи боби дуюм.....128
БОБИ III. РОҲҲОИ БЕҲТАР НАМУДАНИ ТАЪМИНОТИ ИТТИЛООТИВУ ТАҲЛИЛИИ ИСТИФОДАИ САМАРАНОКИ ЗАМИНҲОИ КИШОВАРЗӢ ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН.....**131**
3.1. Танзими давлатии муносибатҳои иқтисодӣ доир ба истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ.....131
3.2. Такмили механизми таъминоти иттилоотиву таҳлилии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ.....149
3.3. Таъсиси низом (кластер)-и ягонаи иттилоотиву таҳлилии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ.....164
Хулосаи боби сеюм.....179
ХУЛОСА ВА ПЕШНИҲОДҲО.....181
ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ.....185
РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА.....188
Феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ.....202

НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

ҶТ - Ҷумҳурии Тоҷикистон

ВХ - Вилояти Хатлон

НТҶ - Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ

МАС - Муҷтамаи агросаноатӣ

КЗҶТ - Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон

СИ - Самаранокии иқтисодӣ

НИТ - Низоми иттилоотӣ-таҳлилӣ

НИҶ - Низоми иттилоотиву ҷуғрофӣ

ММД - Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ

ТИИА - Трансформатсияи индустриалии иқтисодиёти аграрӣ

ШНИ - Шохиси нархҳои истеъмолӣ

МММ - Маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ

СУС - Созмони умумиҷаҳонии савдо

СММ - Созмони милали муттаҳид

ФАО - Созмони озуқаворӣ ва кишоварзии СММ

ХД - Хоҷагиҳои деҳқонӣ

ХА - Хоҷагии аҳолӣ

КТ - Кооперативи тиҷоратӣ

МК - Маҳсулоти кишоварзӣ

МС - Маҳсулоти саноатӣ

в. - вилоят

ш. - шаҳр

га - гектар

сент. – сентнер

с. - сол

кг. - килограмм

м. - метр

МУҚАДДИМА

Мубрамияти мавзуи таҳқиқот. Ислоҳоти куллии иқтисодиёти аграрии мамлакат дар солҳои соҳибистиқлолият дар шакли хусусигардонии объектҳои давлатӣ ва ташкили истифодаи хусусии замин дар доираи моликияти инҳисории давлат бар замин сурат гирифт. Ин сабаби асосии ба вуҷуд омадани шаклҳои нави ҳамкории иқтисодӣ гардида, инъикосгари мушкилот ва муаммоҳои нави иқтисодӣ дар ҳолати ҷой доштани номувозинатии талабот ва таклифот мебошад. Аз ин номувозинатиҳо риоя нагардидани принсипи асосии афзоиши дараҷаи самаранокии заминҳои кишоварзӣ ба ҳисоб меравад, зеро дар сурати рӯйи кор омадани муносибат ва шаклҳои нави ҳамкорӣ арзиш ва дараҷаи истифодаи самаранокии заминҳои кишоварзӣ тағйир меёбад. Таҷрибаи ғании ислоҳоти замин нишон медиҳад, ки асоси ба вуҷуд омадани муносибатҳои густурдаи иқтисодӣ таҳия ва коркарди сиёсати иқтисодии истифодаи замин дар чаҳорчӯби муносибатҳои нави бозорӣ ба ҳисоб меравад.

Масъалаи истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ, обёрии заминҳои лалмӣ, бо усул ва фишангҳои нав ва дубора мавриди истифода қарор додани заминҳое, ки аз истифода берун мондаанд, дар меҳвари сиёсати иқтисодии Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад. Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми соли 2023 таъкид намуда буданд, ки «...тағйирёбии босуръати вазъи бозори ҷаҳонии озуқаворӣ ва болоравии мунтазами нархи маҳсулоти ғизоӣ моро водор менамояд, ки ба беҳсозии ҳолати соҳаи кишоварзӣ, афзоиш додани истеҳсоли маҳсулоти он, рушди маҷмааҳои агросаноатӣ ва бо ҳамин роҳ таъмин намудани амнияти озуқавории кишвар таваҷҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир намоем»[2].

Афзоиши маҳсулоти кишоварзӣ ҳангоми истифодаи самараноки захираҳои замин ва истифодаи дурусти иқтидорҳои ҷойдоштаи бахши аграрии иқтисодиёт ба даст оварда мешавад. Бинобар ин таҳияи консепсия ва сохтори иқтидори иқтисодии заминҳои кишоварзӣ омилҳои муҳим дар таъминоти илмию методии фаъолият ва ташкили хоҷагидорӣ, таҳқиқи хусусиятҳои ташаккул ва қонунҳои

фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ, сохтори истеҳсолӣ ва ҷузъи инфрасохтории он мебошанд. Иқтидори иқтисодии заминҳои кишоварзӣ асоси моддии корхонаҳои кишоварзӣ мебошад. Вобаста ба ин таҳқиқи ҷанбаҳои назариявии механизми дараҷаи таъминоти иттилоотиву таҳлили истифодаи замин ва афзоиши дараҷаи самаранокии он ба он оварда мерасонад, ки маълумотҳои омории зарурӣ дигар бора ҷамъоварӣ, таҳия ва коркард карда шаванд ва дар ин асос рафти қабули қарорҳои дахлдори идоравӣ ва танзимнамоӣ барои ҳудуди минтақаи зарурӣ аз сари нав дида баромада шаванд. Айни замон натиҷаҳои назаррас дар ин самт ба назар намерасанд. Аз ин лиҳоз, масъалаи таъминоти иттилоотиву таҳлили идоракунӣ ва истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ, мукаммалгардонии методҳои баҳодиҳии сармоягузории замин ва натиҷаҳои ислоҳоти замин дар бахши кишоварзии иқтисодиёт ба миён омадааст. Бинобар он таҳия ва коркарди механизми таъминоти иттилоотиву таҳлилии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ, ки ҷанбаҳои институтсионалии он ҳангоми таҳияи санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ дар доираи барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии сатҳи миллӣ ва минтақавӣ инъикос мегарданд, афзалият ва авлавиятҳои он дониста мешаванд. Ин зарфиятҳо имкон медиҳанд, вазъи ояндаи соҳаи кишоварзӣ бештар мавриди таҳқиқ қарор дода шавад.

Аз гуфтаҳои боло бар меояд, ки мукаммалгардонии механизми таъминоти иттилоотиву таҳлилии дараҷаи истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ дар ҳудуди иқтисодии муайян, аз он ҷумла вилояти Хатлон мубрамият пайдо менамояд. Барои ноил гардидан ба сатҳи баланди истифодаи самараноки иқтидори иқтисодии заминҳои кишоварзӣ таҳия ва баррасии асосҳои назариявию методии мукаммалгардонии механизми таъминоти иттилоотиву таҳлилии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ ва фаъол намудани раванди мониторинги заминҳои кишоварзӣ аз ҳисоби дуруст ба роҳ мондани низоми иттилоотии ҳолати ҷуғрофии заминҳои гуногун, ки тавассути воситаҳои интернетӣ ба роҳ монда мешаванд, ба миён меояд. Ҳалли ин масъалаҳои гузошташуда сабаби интихоби мавзуъ ва муҳиммияти он шудааст.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Масъалаи истифодаи самараноки заминҳои ҳосилхез ва сатҳи инкишофи муносибатҳои заминро олимони намоён ба мисли, А. Смит [105], А.В. Чаянов [51], Д. Рикардо [45], Ф. Кенэ [26, 27], К. Маркс [25, 34], Ж. Тюрго [24, 26, 68] ва дигарон мавриди омӯзиш, таҳқиқ ва баррасӣ қарор додаанд. Ҷанбаҳои муосири истифодаи самараноки захираҳои замин, инчунин раванди такрористеҳсолкунии он аз тарафи олимони рус: А.А. Варламов [18, 65], А.М. Емелянов [22, 23], А. Миндрин [37], А. Югай [53], А.Н. Лубков [75], В. Алакоз [56], В.В. Милосердов [78], А.В. Добринин [20, 67], В.Л. Аничин [58], В.М. Янюк [116], В. Узун [12], И. Буздалов [62], Т.Н. Шаталов [111, 120], В.Э. Юшкова [114, 115] ва дигарон таҳқиқ шудаанд. Қисматҳои алоҳидаи таҳқиқоти илмӣ дар доираи таҳқиқотҳои олимони ватанӣ, академикҳо Р.К. Раҳимов, Т.Н. Назаров ва Н.Қ. Қаюмов [70] кишоварзӣ ҳамчун соҳаи пешбарандаи иқтисоди миллӣ (хоҷагии халқ) баён мегардад. Инчунин, масъалаи такрористеҳсол ва баланд бардоштани истифодаи самараноки захираҳои замин дар соҳаи кишоварзӣ аз ҷониби олимони тоҷик А.А. Мадаминов [118], А.Б. Мирсаидов [38, 39], А.А. Рауфӣ [97], З.Р. Шарифов [110], И.Ҳ. Самандарзода [101], И.С. Ашуров [60], Қ.Х. Хушвахтзода [49, 50], Н.А. Ҳисайнов [108], Р. Носиров [88], Р. Раҳматзода [98], С.А. Мирсаидзода [81, 82], С.Ҷ. Комилов [71], А.К. Қурбонов [117], Х.З. Элмуродов [52], Ҳ.А. Одинаев [92, 118], Ҷ.С. Пиризода [93, 94, 95], Ҷ.Ҳ. Тағоев [48], Я.Э. Пулатов [96] ва дигарон мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор дода шудаанд. Таҳқиқотҳои олимони ватанӣ вобаста ба соҳаи кишоварзӣ хислати комплексӣ дошта, он қисматҳое таҳқиқ гардидаанд, ки бештар хислати захираистифодабарӣ доранд. Бо ибораи дигар дар бештари таҳқиқотҳои олимони ватанӣ истифодаи захираи заминҳои кишоварзӣ, захираи об, заминсозӣ, озуқаворӣ, таъсири экологӣ ва ғайра матраҳ гардидаанд. Лекин таъминоти иттилоотиву таҳлили идораву ташкили системаи муассири заминистифодабарии кишоварзӣ ва муайян намудани дараҷаи самаранокии истифодаи иқтидори иқтисодии онҳо қисман дастнахурда боқӣ мондаанд.

Ҳамин тариқ, сарфи назар аз шумораи зиёди таҳқиқот оид ба масъалаи истифодаи замин дар соҳаи кишоварзӣ, бисёр масъалаҳои назариявӣ ва

методологии вобаста ба таъминоти иттилоотиву таҳлилии истифодаи самараноки иқтидори иқтисодии заминҳои кишоварзӣ ва идоракунии раванди такроистеҳсоли заминҳои ҳосилхези кишоварзӣ, сармоягардии онҳо дар шароити муосир дар сатҳи кофӣ таҳқиқ нашудаанд.

Аз ин рӯ, дар доираи таҳқиқот тасмим гирифта шудааст, ки масъалаҳои таъминоти иттилоотиву таҳлилии ташкили истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ дар асоси арзёбии иқтидори иқтисодии онҳо, ки муҳимтарин масъала дар ташаккул ва рушди низоми истифодаи заминҳои кишоварзӣ ва идоракунии он маҳсуб меёбанд, мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шавад.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ. Таҳқиқоти диссертатсионӣ бо такя ба санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ ва асноди зерин: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дастгирии давлатии соҳаҳои комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 5 марти соли 2007, № 241 бо тағйиру иловаҳо аз 18 марти соли 2022, № 1866), «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», «Барномаи ислоҳоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2022», «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025», «Барномаи давлатии азхудкунии заминҳои нави обёришаванда ва барқарорсозии заминҳои аз гардиши кишоварзӣ берунмонда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2027», «Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2022, №483» анҷом дода шудааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот. Ҳадафи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз таҳияи муқаррароти назариявию-методологии доир ба таъмноти иттилоотиву таҳлилии ташкилу идораи истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ дар асоси арзёбии иқтидори иқтисодии онҳо ва коркарди тавсияҳои методиву амалӣ оиди мукаммалгардонии методҳои амалкарди таъминоти иттилоотиву таҳлилӣ дар вилояти Хатлон мебошад.

Вазифаҳои таҳқиқот. Татбиқи ин ҳадаф ҳалли як қатор вазифаҳои зерин, ки мантиқи таҳқиқотро инъикос мекунанд, тақозо намудааст:

– таҳқиқи асосҳои назариявии таъминоти иттилоотиву таҳлилии истифодаи заминҳои кишоварзӣ ва тавсифу таснифи ҷанбаҳои услубӣ оид ба арзёбии иқтидори иқтисодии заминҳои таъйиноти кишоварзидошта;

– таҳқиқи таҷрибаи хориҷӣ доир ба ташкили таъминоти иттилоотии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ;

– таҳлили ҳолати муосири соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон дар асоси таъминоти иттилоотии он ва арзёбии сатҳи истифодаи иқтидори иқтисодии захираи заминҳои кишоварзии вилояти Хатлон;

– муайян намудани муаммоҳои баланд бардоштани иқтидори заминҳои кишоварзӣ ва роҳҳои ҳалли онҳо дар асоси таъминоти иттилоотиву таҳлилӣ ва дастгирии давлатии муносибатҳои иқтисодӣ;

– асоснок намудани пешниҳодот ҷиҳати такмили механизми таъминоти иттилоотиву таҳлилии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ;

– коркарди тавсияҳо оид ба таъсиси низом (кластер)-и ягонаи иттилоотиву таҳлилии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ.

Объекти таҳқиқот субъектҳои хоҷагидории бахши кишоварзии вилояти Хатлон мебошад.

Мавзуи таҳқиқот. Маҷмуи муносибатҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва идоракунӣ, ки дар раванди таъминоти иттилоотиву таҳлилии идоракунии раванди истифодаи самараноки иқтидори иқтисодии заминҳои кишоварзӣ ба миён меояд.

Фарзияи таҳқиқот. Дар шароити табодулии рақамии идоракунии бахши аграрии иқтисодиёт таъминоти иттилоотиву таҳлилии идоракунии системаи заминистифодабарии кишоварзӣ дар асоси арзёбии иқтисодии иқтидори заминҳои кишоварзии ҳудудҳои муайян, тамоми муносибат ва алоқаҳои сабабиву оқибатии миёни самтҳои гуногуни низоми истифодаи заминҳои кишоварзиро муайян менамояд. Бинобар он, таҳқиқоти диссертатсионӣ ба исбот намудани фарзия, ки такмил додани методҳои таъминоти иттилоотиву таҳлилии истифодаи иқтидори иқтисодии заминҳои кишоварзӣ самтҳои истифодаи самараноки онро муайян

менамояд ва имкон медиҳад, ки қабули илман асосноки қарорҳои оқилонаи идоракунӣ доир ба истифодаи заминҳо ва стратегияҳои рушди корхонаҳои кишоварзӣ сурат гирад.

Асосҳои назариявии таҳқиқот. Асоси назариявию методологии таҳқиқотро асарҳо, таҳқиқотҳо ва тавсияҳои илмии иқтисодчиён оид ба масъалаҳои баланд бардоштани самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ, таҳияи низоми идоракунии такрористеҳсоли захираҳои замин, ҳуҷҷатҳои барномавӣ ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи рушди муҷтамаи агросаноатӣ, маводи методӣ ва коркардҳои дастаҷамъонаи илмии мамлакат оид ба баҳодиҳии заминҳои кишоварзӣ ташкил медиҳанд.

Асосҳои методологии таҳқиқот. Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба муносибатҳои иқтисодии алоқаманд ба объектҳо, ҷараёнҳо ва равандҳои таҳқиқшавандаи аз ҷиҳати илмӣ асоснок оид ба истифодаи самараноки заминҳои соҳаи кишоварзӣ такя менамояд. Ҳангоми доир кардани таҳқиқот усулҳои диалектикӣ, абстрактӣ-мантиқӣ, монографӣ, иқтисодӣ-математикӣ, иқтисодӣ-оморӣ ва дигар усулҳои таҳқиқоти иқтисодӣ мавриди истифода қарор дода шуданд.

Сарчашмаи маълумоти таҳқиқот. Ба сифати сарчашмаҳои маълумот маводи ҳисоботии вазорату идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, филиали Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон ва раёсатҳои минтақавии он, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раёсати кишоварзии вилояти Хатлон, ҳисоботи солонаи корхонаҳои кишоварзӣ, нашрияҳои илмӣ аз рӯйи маводи конференсияҳо ва семинарҳои илмӣ-амалӣ, инчунин, маълумотҳои Интернет-сомонаҳои расмии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мавриди истифода қарор дода шудаанд.

Пойгоҳи таҳқиқот. Кори диссертатсионӣ дар кафедраи менеҷмент ва маркетинги МДТ «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» дар солҳои 2019-2025 иҷро шудааст.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсиониро асосноккунии заминаҳои назариявию-методологии доир ба таъминоти иттилоотиву таҳлилии ташкилу

идораи истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ дар асоси арзёбии иқтидори иқтисодии онҳо ва коркарди тавсияҳои методиву амалӣ оид ба мукаммалгардонии методҳои амалкарди таъминоти иттилоотиву таҳлилӣ дар вилояти Хатлон ташкил медиҳад.

Муҳимтарин натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки навгонии илмии онро мутобиқ ба ҳадаф ва вазифаҳои гузошташуда муайян менамоянд, бандҳои зерин мебошанд:

– муқаррароти муаллифӣ доир ба моҳияти иттилоот, ки нишонаи мундариҷаи объект - заминҳои кишоварзиро ифода намуда, барои паст кардани сатҳи номуайянӣ дар ташкилу идораи равандҳои истифодаи самараноки иқтидори онҳо хизмат менамояд, баррасӣ шуда, барои шарҳи моҳияти стратегии захираҳои иттилоотӣ оид ба заминистифодабарии кишоварзии муассир вазифаҳои онҳо тавсифу тасниф карда шудааст;

– асоснок карда шудааст, ки заминҳои кишоварзӣ ҳамчун омили асосии истеҳсолот ва иқтидори иқтисодӣ дар соҳаи кишоварзӣ, ҳамчун манбаи даромад, макони истифодаи захираҳои меҳнатӣ, воситаҳои техникиву технологӣ ва ҳамчун захираи инвеститсионӣ мебошад, ки бояд дар маҷмуи иттилоотиву таҳлилӣ ворид гардад, маҷмуи принсип ва воситаҳои арзёбии иқтисодии иқтидори заминҳои кишоварзӣ ва сармоягардии онҳо дар сатҳи минтақа, ки дар ҷавҳари системаи иттилоотиву таҳлилии идораи раванди истифодаи самараноки заминҳо қарор мегирад, муайян карда шудаст;

– вазъи таъминоти иттилоотии идоракунии заминистифодабарии кишоварзӣ дар вилояти Хатлон баҳо дода шуда самаранокии истифодаи он ҳамчун маҷмуи бисёрҷанба, аз ҷумла бисёр равандҳо ва падидаҳои алоҳида ва дар айни замон бо ҳам зич алоқаманд ва вобаста баррасӣ шудааст, муаммо ва омилҳои маҳдудкунандаи самаранокии такрористеҳсоли захираҳои замин дар соҳаи кишоварзӣ мутобиқ набудани воситаҳои мавҷудаи танзими муносибати субъектҳо нисбат ба замин ва меъёрҳои ҷаҳонӣ бо назардошти дараҷаи таъминоти иттилоотиву таҳлилӣ муайян карда шудааст;

– пешниҳод карда шудааст, ки механизми амалкарди дараҷаи таъминоти иттилоотиву таҳлилии истифодаи заминҳои кишоварзӣ дар асоси танзими давлатии муносибатҳои иқтисодӣ доир ба истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ ва ҳамкориҳии иқтисодии давлат бо бахши хусусӣ ба роҳ монда шавад. Тақсими зиёди замин дар байни хоҷагиҳои хурд, боиси истифодаи нодуруст, ғайриоқилона ва самараноки заминҳои кишт шудааст. Дар инҷо муаммои асосӣ дар сатҳи зарурӣ қарор надоштани дараҷаи таъминоти молиявӣ ва нобаробарии тақсими қитъаҳои заминҳо дар байни хоҷагиҳо ва инчунин махсусияти худи заминҳои кишоварзӣ дар давраи дарозмуҳлат мебошад;

– асонок намудани тавсия доир ба таъсиси низом (кластер)-и ягонаи иттилоотиву таҳлилии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ, ки ба васеъшавии такроистеҳсоли заминҳои кишоварзӣ ва беҳтаршавии вазъи ҳисобҳои оморӣ, муҳосибӣ ва таҳлилии фаъолияти субъектҳои хоҷагидор (деҳқонӣ ва фермерӣ) аз ҳисоби такмили механизмҳои дастгирии давлатии такроистеҳсоли заминҳои кишоварзӣ ва дараҷаи таъминоти иттилоотиву таҳлилӣ мусоидат менамояд.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

– муқаррарот доир ба ворид намудан ба моҳияти таъминоти иттилоотиву таҳлилии ташкили идораи заминистифодабарии самараноки кишоварзӣ, инчунин таснифи унсурҳои таъминоти иттилоотиву таҳлилии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ;

– тавсифи моҳияти иқтисодии заминҳои кишоварзӣ ҳамчун унсури асосии истеҳсолот, нафънокӣ ва қобилияти истеҳсолии онҳо дар системаи захираҳои истеҳсолӣ, асонок намудани ҷанбаҳои услубӣ оид ба арзёбии иқтидори иқтисодии заминҳои кишоварзӣ таҳияи меъёру нишондиҳандаҳои он, ки дар системаи таъминоти иттилоотиву таҳлилии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ инъикос меёбанд;

– муайян намудани тамоюлоти сатҳи истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ дар сатҳи минтақа, алалхусус дар вилояти Хатлон бо истифода аз механизми амалкарди иттилоотиву таҳлилӣ, ки дараҷаи таъсиррасонии омилҳои

гуногун, пеш аз ҳама, омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ, инчунин, муаммоҳо дар роҳи такрористеҳсоли иқтидори иқтисодии заминҳои кишоварзӣ;

– асосноккунии пешниҳодот доир ба мукаммалгардонии усулҳои таъминоти иттилоотиву таҳлилӣ вобаста ба унсурҳои низоми идораву ташкили такрористеҳсоли заминҳои кишоварзӣ, ки онҳо ба ҳайси механизмҳои маҷмааи баланд бардоштани сатҳи истифодаи самараноки иқтидори иқтисодии заминҳои кишоварзӣ баромад намуда, дар асоси он коркарди тавсияи амалӣ доир ба таъсиси кластери иттилоотии замин, тавсифу таснифи сохтору вазифаҳои он, ки низоми густурдаи иттилоотии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзиро амалӣ мекунад.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот. Дар асосноксозии ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии муайян намудани истифодаи самараноки заминҳои соҳаи кишоварзӣ дар асоси механизми иқтисодии амалкарди таъминоти иттилоотиву таҳлилӣ ифода меёбад. Дар диссертатсия равишҳои гуногуни назариявӣ аз нуқтаи назари таҳаввулоти илмии истифодаи замин мавриди таҳқиқ қарор гирифта, муайян карда шудааст, ки дараҷаи истифодаи самараноки захираҳои замин ба консепсияи «замин ҳамчун омили асосии истеҳсолот» вобаста мебошад. Натиҷаҳои бадастомада имкон медиҳанд, вазъи иқтисоди минтақаи муайян, ки дар ҳудуди як давлат қарор дорад, аз ҳисоби соҳаи кишоварзӣ беҳтар карда шавад. Дар баробари ин, омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ зарурати таъсиси кластери ягонаи иттилоотиву таҳлилии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзиро дар асоси механизми амалкарди иқтисодии он ба хотири муайян намудани самтҳои ояндадори фаъолияти иқтисодӣ дар соҳаи кишоварзӣ ба вуҷуд меорад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот. Дар кор карда баромадани таъминоти методии равандҳои истифодаи самараноки заминҳои соҳаи кишоварзӣ дар иқтисодиёти вилояти Хатлон ва арзёбии истифодаи бехатари онҳо ифода меёбад. Натиҷаҳои таҳқиқотро роҳбарон ва мутахассисони корхонаҳои кишоварзӣ, раёсати кишоварзии мақомоти маҳалии иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияҳои вилояти Хатлон ҳангоми асоснок ва мушаххас кардани самтҳои тараққиёти истеҳсолоти кишоварзӣ дар зинаҳои гуногун истифода бурда метавонанд.

Тавсияҳои амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҳисоби истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ аз ҷониби субъектҳои хоҷагӣ иқтисодиёти вилояти Хатлонро дар ояндаи дарозмуддат беҳтар мегардонад.

Натиҷаҳои бадастовардашударо метавон дар раванди таълим ҳангоми хондани фанҳои «Микроиқтисод», «Иқтисодиёти КАС», «Иқтисодиёти соҳавӣ», «Идоракунӣ дар комплекси агросаноатӣ», «Иқтисодиёти кишоварзӣ», «Заминсозӣ» ва монанди инҳо мавриди истифода қарор дод.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия. Эҳтимоднокии хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия омада ва сатҳи илмии онҳо бо афкор ва андешаи дар асарҳои бунёдии олимони иқтисодии ватанию хориҷӣ дар самти арзёбӣ, истифодаи оқилона ва самараноки заминҳои кишоварзӣ дарҷ гашта, муайян карда мешавад. Дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои таҳлили иқтисодӣ ба таври васеъ истифода шуда, хулосаву пешниҳодҳо дар асоси ҷамъоварӣ, гурӯҳбандӣ, сохторбандӣ ва коркарди захираҳои иттилоотии дақиқ ба воситаи технологияи иттилоотии муосир ба анҷом расонида шудааст. Натиҷаҳои интишорёфтаи кор эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро тасдиқ менамоянд.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. 5.2.6. Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла бо бандҳои зерин мутобиқ аст: 1. Назарияи муносибатҳои аграрӣ, аз он ҷумла замин, об; рушди шакл ва муносибатҳои моликият дар хоҷагии қишлоқ ва дигар соҳаҳои КАС; 3. Танзими давлатии хоҷагии қишлоқ ва дигар соҳаҳои КАС; 9. Самаранокии фаъолияти корхонаҳо ва соҳаҳои КАС; 13. Механизмҳои ташкилӣ ва иқтисодии хоҷагидорӣ дар КАС, ҷабҳаҳои ташкилӣ-иқтисодии идоракунии равандҳои технологӣ дар хоҷагии қишлоқ; 14. Масъалаҳои иқтисодии ташаккулёбӣ ва фаъолияти сохторҳои интегратсионӣ дар КАС ва хоҷагии қишлоқ; 17. Ташаккулёбӣ, инкишоф ва фаъолияти сохтори иттилоотӣ-машваратӣ дар КАС; 28. Баҳодиҳии методологии самаранокии фаъолияти корхонаҳои (хоҷагиҳои) КАС; 42. Ташаккул ва рушди интегратсия (ҳамгироӣ) дар соҳаи кишоварзӣ; 43. Ташаккул ва рушди муносибатҳои рентавӣ ва тақсими даромади корхонаи комплекси агросаноатӣ.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ. Таълифоти шахсии муаллиф мазмуни диссертатсия ва нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаро фаро мегиранд. Ҳамаи натиҷаҳои дар диссертатсия ҳосилшуда маҳсули таҳқиқи шахсии муаллиф мебошанд. Аз лиҳози консептуалӣ ғояи илмӣ пешниҳод карда шудааст, ки тибқи он асосҳои назариявии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ дар сатҳи минтақавӣ ба таҳия ва коркарди механизми иқтисодии амалкарди таъминоти иттилоотиву таҳлилӣ вобастагии амиқ дорад. Ин вобастагиро ҳангоми пешбурди фаъолияти иқтисодии хоҷагиҳо дар соҳаи кишоварзӣ мушоҳида намудан мумкин аст.

Таъсиси кластери ягонаи иттилоотиву таҳлилии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ имкон медиҳад, ки фаъолияти иқтисодии субъектҳо дар мадди аввал васеъ гардида, яъне намудҳои нави фаъолияти иқтисодӣ ба вуҷуд меоянд, дар навбати дигар бошад, сатҳи рушди иқтисодии вилояти Хатлон дар ояндаи наздик бо нишондиҳандаҳои иқтисодии ҷумҳурӣ баробар карда мешавад.

Тавсия ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот. Натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсияҳои илмиву амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва сатҳи донишгоҳӣ (солҳои 2020-2025) гузориш дода шуданд. Маводи алоҳидаи таҳқиқоти илмӣ ҷиҳати татбиқ аз ҷобини мақомоти маҳаллии вилояти Хатлон қабул карда шудаанд.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Муқаррароти асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 14 номгӯйи корҳои илмии муаллиф дар ҳаҷми 4,25 ҷузъи чопӣ (3,24. ҷ.ч. аз муаллиф) нашр гардидаанд, ки 5 - тои он дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, нуҳ зербоб, хулосаву пешниҳодҳо ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Диссертатсия дар ҳаҷми 204 саҳифа навишта шуда, 31 ҷадвал, 14 расмро дар бар мегирад. Рӯйхати адабиёти истифодашуда 122 номгӯйро дар бар мегирад.

ҚИСМАТИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

Дар муқаддима мубрамияти мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ асоснок карда шуда, ҳадаф ва вазифаҳо, объект ва мавзуъ, фарзияи таҳқиқот, асосҳои назариявии таҳқиқот, навгонӣ ва аҳаммияти амалии таҳқиқот, ҳамзамон дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо мухтасар ифода ёфтаанд.

Дар боби якум «Ҷанбаҳои назариявӣ-методологии таъминоти иттилоотиву таҳлилии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ», моҳияти асосҳои назариявии таъминоти иттилоотиву таҳлилии истифодаи заминҳои кишоварзӣ, ки дар асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ оварда шудаанд васеъ истифода шуда ҳамзамон, ҷанбаҳои услубӣ оид ба арзёбии иқтидори иқтисодии заминҳои кишоварзӣ, таҳқиқи таҷрибаи хориҷӣ доир ба ташкили таъминоти иттилоотии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ мавриди омӯзиш ва хулосабарори қарор дода шуданд.

Дар боби дуюм, ки «Таҳлил ва арзёбии ҳолати муосири истифодаи самараноки захираи заминҳои кишоварзии вилояти Хатлон» номгузорӣ шудааст, таҳлили ҳолати муосири соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон дар асоси таъминоти иттилоотии он, арзёбии иқтидори иқтисодии захираи заминҳои кишоварзии вилояти Хатлон, ошкорсозии муаммоҳои баланд бардоштани иқтидори заминҳои кишоварзӣ дар асоси таъминоти иттилоотиву таҳлилӣ анҷом дода шудааст.

Дар боби сеюм «Роҳҳои беҳтар намудани таъминоти иттилоотиву таҳлилии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ дар вилояти Хатлон», танзими давлатии муносибатҳои иқтисодӣ доир ба истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ, такмили механизми таъминоти иттилоотиву таҳлилии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ, таъсиси низом (кластер)-и ягонаи иттилоотиву таҳлилии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ, мавриди таҳлил ва натиҷагирӣ қарор дода шудаанд.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои калидии таҳқиқот асоснок карда шудаанд.

БОБИ I. ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДОЛОГИИ ТАЪМИНОТИ ИТТИЛООТИВУ ТАҲЛИЛИИ ИСТИФОДАИ САМАРАНОКИ ЗАМИНҲОИ КИШОВАРЗӢ

1.1. Асосҳои назариявии таъминоти иттилоотиву таҳлилии истифодаи заминҳои кишоварзӣ

Дар илми иқтисодӣ таҳқиқи ҷанбаҳои назариявии замин ҳамчун омили асосии истеҳсолот, замин ҳамчун воситаи муҳимми пешбурди фаъолияти иқтисодӣ барои субъектҳои намудҳои фаъолияти иқтисодӣ васеъ ба роҳ монда шудааст. Асоси таҳқиқотҳои қаблии олимони ватанӣ ва хориҷиро ҷанбаҳои гуногуни назариявӣ ташкил медиҳанд. Дар ин росто, олимони зиёде асоси рушд ва тараққиёти иқтисодии ҳар як давлатро дар мавҷудияти ҳудуди калони заминҳои таъйиноти гуногундошта ва давлатҳое, ки заминҳои ками соҳавӣ, қабл аз ҳама, соҳаи кишоварзӣ доранд, нигаронида шуда, мавқеи ошкорсозии дараҷаи самаранокӣ асоси онҳо маҳсуб меёбад.

Заминҳои кишоварзӣ вақте самаранок истифода мешаванд, ки агар онҳо дар муносибатҳои иқтисодӣ ҷойгоҳи устувор пайдо намуда, тамоюли мубодилаи сармояи онҳо (афзоиши даромади пулӣ) фаъол гардад. Ин ҷо дар назар дорем, иқтидори иқтисодии заминро, ки вай аз як тараф барои субъектҳои хоҷагидорӣ ҳамун захираи инвеститсионӣ хизмат намуда даромад меорад, аз тарафи дигар бошад, маҳсулоти аз он гирифта шуда, талаботи аҳолиро ба озуқаворӣ ва корхонаҳои саноатиро ба ашёи хом таъмин менамояд. Вобаста ба ин, таҳқиқи ҷанбаҳои назариявии механизми дараҷаи таъминоти иттилоотиву таҳлили истифодаи замин ва афзоиши дараҷаи самаранокии он ба он оварда мерасонад, ки маълумотҳои омории зарурӣ дигар бора ҷамъоварӣ, таҳия ва коркард карда шаванд ва дар ин асос рафти қабули қарорҳои дахлдори идоравӣ ва танзимнамоӣ барои ҳудуди минтақаи зарурӣ аз сари нав дида баромада шаванд.

Барои ба ин мақсад ноил гардидан, зарур ва муҳим аст, ки заминаҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодии пешбурди фаъолияти иқтисодӣ таъмин карда шаванд. Чунин унсурҳо барои ноил гардидан муҳим арзёбӣ карда мешаванд:

- таҳия ва баррасии асосҳои назариявии татбиқи механизми дараҷаи таъминот, қабл аз ҳама, таъминоти иттилоотиву таҳлилии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ;
- истифодаи оқилона ва самараноки андоз ҳамчун фишанги асосии танзимкунанда ва идоракунанда;
- баланд бардоштани ҳосилнокии заминҳои кишоварзӣ аз ҳисоби ҷалби бештари лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва маблағгузорӣ;
- пурзӯр намудани раванди мониторинги заминҳои кишоварзӣ аз ҳисоби дуруст ба роҳ мондани низоми иттилоотии ҳолати ҷуғрофии заминҳо, ки тавассути воситаҳои интернетӣ ба роҳ монда мешаванд, дар назар дошта мешаванд.

Қисмати асосии таъминоти иттилоотии истифодаи замин маълумоти кадастрӣ мебошад, ки хусусияти миқдорӣ ва сифатии қитъаҳои замин, инчунин арзиши онҳоро расман тасдиқ мекунад. Баъзе манбаъҳои иттилоот: ҳисоботи оморӣ, баҳисобгирӣ ва экологии субъектҳои хоҷагидор дар соҳаи кишоварзӣ, натиҷаҳои бақайдгирии кадастрӣ ва мониторинги замин аз ҷониби идораҳои давлатӣ амалӣ карда мешаванд. Баъзе нишондиҳандаҳое, ки ба фонди иттилоотии низоми дастгирии истифодаи замин дохил мешаванд, инҳоянд:

- ҷой доштани маълумотҳои оморӣ, ки барои истифодабарандагони замин ҳамчун асос мавриди истифода қарор дода мешаванд;
- беҳтар намудани низоми институтсионалии истифодаи қитъаҳои замин, барои субъектҳои фаъолияти иқтисодӣ;
- таҳияи низоми нави баҳисобгирии категорияҳои замин, ки барои субъектҳо ҳамчун қитъаи алоҳидаи замин ҷудо ва тақсим карда мешаванд;
- коркарди маълумотҳои оморӣ дар асоси таҳлили вазъи истифодаи заминҳои кишоварзӣ бо нишон додани «графикҳо» ва ҷадвалҳои алоҳидаи оморӣ, ки асоси фаъолияти иқтисодии хоҷагидорро инъикос менамояд;
- маълумот дар бораи гардиши ҳуҷҷатҳои дохилии ташкилоти соҳаи кишоварзӣ.

Барои дарки моҳияти илмии иқтидори иқтисодии заминҳои кишоварзӣ, пеш аз ҳама, таҳқиқи назариявии аҳаммияти иҷтимоиву иқтисодии онҳоро дар ҳошияи рушди устувори иқтисодиёти кишоварзӣ ошкор кардан муҳим аст.

Воқеан ҳам, захираҳои замин ва муносибат ба замин дар ҳаёти иҷтимоӣ - иқтисодии ҷомеа ва рушди он саҳми муҳим дорад. Аз ин рӯ, рушди муносибатҳои замин ва миқёси ислоҳоти он самаранокии рушди иқтисодиёти мамлакат ва минтақаҳои онҳоро муайян месозад. Олимон-иқтисоддонҳои ватанӣ, таъкид менамоянд, ки новобаста ба рушди муносибатҳо дар самти заминҳои кишоварзӣ дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои деҳоти он ҳоло ҳам натиҷаҳои дилхоҳ ба даст наомадааст. Зеро, тамоюли пастравии сифати заминҳои кишоварзӣ, ҳосилнокии онҳо бинобар заиф будани раванди такористеҳсоли захираҳои замин ва сифати он ба чашм мерасад.

Бинобар он таҳқиқи муаммоҳои илмии тамоили рушди муносибатҳои заминдорӣ ва механизмҳои татбиқи онҳо дар низоми иқтисодиёти кишоварзӣ, таҳлилу ташхиси равандҳои такорористеҳсоли онро тақозо менамояд. Аз ин лиҳоз, таҳияи консепсия ва сохтори иқтидори иқтисодии заминҳои кишоварзӣ мафҳумҳои муҳим дар сохтори таъминоти илмию методии фаъолият ва ташкили хоҷагидорӣ, таҳқиқи хусусиятҳои ташаккул ва қонунҳои фаъолияти иқтисодиёти корхонаҳои кишоварзӣ, сохтори истеҳсолӣ ва ҷузъи инфрасохтории он мебошанд. Маҳз иқтидори иқтисодии заминҳои кишоварзӣ ҳамчун асоси моддии фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ ва умуман соҳаи кишоварзӣ баромад мекунанд.

Академикони тоҷик, Н.Қ. Қаюмов, Т.Н. Назаров ва Р.К.Раҳимов дар таҳқиқоти якҷояи илмии худ мавқеи соҳаи кишоварзиро ҳангоми гузариш ба иқтисоди бозорӣ мавриди омӯзиш қарор дода, таъкид менамояд, ки низоми иқтисоди бозорӣ ва гузариш ба ҳолати воқеии он дар натиҷаи суръати баланди рушди иқтисодӣ, ки ба бахши воқеии иқтисодиёт (соҳаҳои кишоварзӣ ва саноат) вобаста аст, дарбаргирандаи он муносибатҳои иқтисодие мебошад, ки дар оянда имкониятҳои молистеҳсолкунандагонро васеъ менамояд, яъне дар мадди аввал соҳаи кишоварзӣ таъмин карда шавад [70, с. 47]. Аз гуфтаҳои академикон бар меояд, ки новобаста аз ҷараёнҳо ва равандҳои муосири иқтисодиёти ҷаҳон асоси

иқтисодиёти кишварро маҳз соҳаи кишоварзӣ ташкил медиҳад ва баъди ба даст овардани соҳибистиқлолӣ набояд мавқеи соҳа дар баробари дигар соҳаҳои иқтисоди миллӣ заиф нигоҳ дошта шавад.

Академики дигари тоҷик Қ.Х. Хушвахтзода қайд менамояд, ки «...соҳаи кишоварзӣ асоси иқтисодиёти кишварро ташкил медиҳад ва барои беҳтар намудани вазъи иқтисодиёти миллӣ аз ҳисоби он зарур аст, ки ҳар чи бештар захираҳои молиявӣ ва қарзӣ, чи аз дохил ва чи аз беруни кишвар ҷалб карда шаванд» [50, с. 57]. Аз гуфтаҳои олими ватанӣ маълум мегардад, ки муносибатҳои молиявӣ ва, дар умум, ҷараёнҳои молиявӣ асоси рушди соҳаи кишоварзии мамлакатро ташкил медиҳанд.

Таҳқиқоти илмии Ҳ.А. Одинаев, ки ба беҳтаршавии вазъи иқтисодиёти минтақа аз ҳисоби мавқеъгирии соҳаи кишоварзӣ равона гардидааст ба он масъалаҳое такя менамояд, ки ба консепсияи рушди устувор, ки соҳаи кишоварзӣ асосӣ он мебошад, алоқамандӣ дорад. Муҳаққиқ таъкид месозад, ки «...шарти муҳимтарини гузариши Тоҷикистон ба рушди устувор, пеш аз ҳама, мавҷудияти экосистемаҳои табиии нигоҳдошташудаи кишвар ва сарватҳои табиии ҳанӯз пурра истифоданашуда ва ё камистифодашудаи он мебошанд. Тоҷикистон, чи хеле ки маълум аст, дорои захираҳои бузурги намудҳои гуногуни канданиҳои фоиданок ва обҳои нӯшокӣ, неруи тавонои гидроэнергетикӣ, шароитҳои ниҳоят мусоид барои парвариши маҳсулоти кишоварзии аз лиҳози экологӣ тозаю беолоиш, инчунин имкониятҳои воқеӣ барои рушди фаъолона ва ҳамаҷонибаи сайёҳӣ, аз ҷумла сайёҳии экологӣ, рекреатсионӣ ва ғайра дорад» [92, с. 111].

Дар баробари фикру ақидаҳои олимони иқтисодчии ватанӣ, инчунин мутахассисони бевоситаи соҳаи кишоварзӣ, алалхусус доктори илмҳои кишоварзӣ Я. Э. Пулатов қобили таъкид аст, ки ба ақидаи ӯ истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ танҳо аз ҳисоби дараҷаи самаранокии технологияҳои обнигоҳдоранда ва захиракунанда ба даст оварда мешаванд [96, с. 30].

Олимони ватанӣ Р. Носиров ва О. В. Буранов соҳаи кишоварзиро аз ҳисоби дараҷаи самаранокии заминҳои он мавриди таҳқиқ қарор дода, қайд менамоянд, ки фарқ байни он заминҳои кишоварзӣ, ки таъйиноти махсус доранд ва он

муносибатҳои субъектҳои иқтисодӣ, ки захираҳоро ба манфиати худ истифода менамоянд, мавҷуд аст. Онҳо чунин мешуморанд, ки: «...Сарфи назар аз он ки онҳо пайдоиши табиӣ доранд, аммо сифату иқтидори иқтисодии худро тавассути меҳнати инсон пайдо мекунанд. Ба хусусиятҳои махсуси захираҳои заминӣ сифатҳои иҷрои функсияҳои зиёди онҳо мансубанд. Онҳо, пеш аз ҳама, заминаи асосии дорой, молу амволи ғайриманқул ба шумор мераванд» [86, с. 174].

М.А. Саидмуродова [100, с. 5] соҳаи кишоварзиро асоси рушд, инкишоф ва тараққиёти бехатарии озуқаворӣ маънидод намуда, қайд менамоянд, ки «...рушди бемайлони иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои алоҳидаи он ба соҳаи кишоварзӣ вобаста буда, самти фаъолияти иқтисодии субъектҳои алоҳида бояд дақиқ карда шавад ва афзалиятҳои соҳаи кишоварзӣ рӯйи кор оварда шаванд». Дар таҳқиқотҳои дигари худ Р.Р. Қудратов бобати афзалият ва авлавиятҳои соҳаи кишоварзии мамлакат ва минтақаҳои он қайд менамояд, ки «...кам шудани ҷойҳои корӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ ба хоҷагиҳои шахсии ёрирасон имконияти ворид шудани қувваи кориро зиёд намуда, аҳаммияти хоҷагиҳоро дар масъалаи бо кор таъмин намудани аҳолии деҳот баланд намуд» [74, с. 93]. Аз инҷо маълум мегардад, ки субъектҳои алоҳидаи фаъолияти иқтисодӣ дар соҳаи кишоварзии мамлакат аз намудҳои гуногуни он алоқамандии зичро тақозо менамояд.

Олимони ватанӣ, аз қабили Ҷ.Ҳ. Тағоев, Ҷ.С. Пиризода, Ҳ.Р. Исайнов ва Қ.Қ. Давлатзода дар таҳқиқоти худ [48, с. 27] қайд менамоянд, ки «...дар шароити муносибатҳои иқтисоди бозорӣ он масъалаҳое, ки дар бахши аграрии минтақаҳои кишвар ҷой доранд, бо ба вуҷуд омадани муносибатҳои иқтисодии нав, ки манфиатнокии онҳо танҳо ба субъектҳои хоҷагидор рабт доранд ва аз ҳисоби онҳо фаъолияти сармоягузории дохилӣ ва беруна дигаргун карда мешавад, асоси модернизатсияи иқтисодиёти минтақаҳо дар бахши аграрии ҷумҳурӣ ва ҷалби технологияҳои муосири қуввасарфкунӣ дар соҳаи кишоварзӣ маҳсуб меёбанд». Қобили қайд аст, ки муаллифон соҳаи кишоварзиро асоси рушд, пешрафт ва тараққиёти иқтисодиёти ҷумҳурӣ меҳисобанд. Он бахши воқеии иқтисодиёт ва заминагузори дигар бахшҳо буда, ҳолати устувор ва мутавозини иқтисодиётро дар

оянда нигоҳ ва таъмин месозад. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки асоси онро соҳаи кишоварзӣ ташкил медиҳад, нуктаҳои болозикр аҳаммияти аввалиндараҷа доранд.

Дар доираи баъзе аз адабиёти хориҷӣ вазъи иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ аз нуқтаи назари озодии тиҷорати хориҷӣ, ки дар умум аз ҳисоби маҳсулотҳои соҳаи кишоварзӣ (истеҳсоли маҳсулот танҳо барои содирот нигаронида мешавад) амалӣ мешавад, таҳқиқ гардида, қайд мегардад, ки асоси фаъолияти иқтисодӣ дар соҳаи кишоварзиро фарқияти музди меҳнати кормандони кироя ташкил дода, он танҳо ҳангоми таҳлили вазъи соҳавии иқтисодиёти як кишвар ба роҳ монда мешавад [15].

Назарияи иқтисодиёти бахши аграрӣ бисёре аз мафҳумҳои соҳаи кишоварзиро дар тарҳе истифода менамояд, ки онҳо хилофи қонунгузорӣ нестанд. Ба сифати мисол ибораи «қитъаи замин» чи дар доираи назарияи иқтисодиёти кишоварзӣ ва чи дар қонугузории кишвар ҳамчун қисмати таркибӣ дар назар дошта мешавад, ки инъикосгари ҳолати истифодаи он аз намуди иҷозатдиҳӣ, яъне барои пешбурди фаъолияти иқтисодӣ, ки таъйиноти он дарҷ мегардад, дорои ҳудуди муайяни истифода, ҳолати бақайдгирии он, майндони истифода ва фазои иқтисодии ҷойгиршавиро доро мебошад [1]. Ин ҷо дар назар дошта мешавад, ки қисми болоии замин, қабати хокӣ ва сарҳаду ҳудудҳои вай дуруст муайян карда шаванд. Дар сарчашмаҳои назариявӣ зимни арзёбӣ замин ҳамчун дороии ҷисмонӣ ба шумор меравад. Дар ин ҳолат зери мафҳуми «қитъаи замин» метавон қитъаи муайяни заминро бо ҳама молу мулки ғайриманқулаш, ки дар боло ва зери он ҷойгиранд, баррасӣ намуд. Чунин қоида ба мазмуну мундариҷаи стандартҳои байналмилалии арзёбии замин мувофиқат менамояд. Зеро молу мулки ғайриманқул натанҳо қитъаи замин, балки ҳама гуна ашёҳоеро, ки ҷузъи табиии замин мебошанд, аз қабили биноҳо, иморатҳо, пайвастагиҳои зеризаминӣ ва болоизаминиро дар бар мегирад. Аммо бояд қайд намуд, ки шарҳи маънои иқтисодии қитъаҳои замин на ҳама вақт дар санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ инъикос карда мешавад, балки мафҳуми илмии он дар бисёр мамлакатҳои дунё фарқ мекунад. Ба сифати мисол, дар баъзе аз давлатҳои тараққикардаи дунё (мисол ИМА) қаъри замин, иншоот, биноҳои гуногун, ки барои пешбурди фаъолияти

иқтисодӣ васеъ мавриди истифода қарор дода мешаванд, қисми таркибӣ ва ҷудонашавандаи замин дар назар дошта мешаванд. Ҳамин ҳолат дар Ҷумҳурии Федералии Олмон дарбаргирандаи он иншоотҳое дар назар дошта мешавад, ки дар ҳудуди иқтисодии он ҷой дода шудаанд. Асосҳои назариявии фикри болоӣ ба он асос меёбад, ки «қитъаи замин» як қисмати болоии заминро дар худ инъикос намуда, вобаста аз ҳудуд, фазо, мавқеи ҷуғрофии ҷойгиршавӣ, ҳолати экологӣ ва геологии истифодаи замин, қайди давлатии ҳолати кадастрии замин ва дигар асноди меъёриву ҳуқуқиро дар худ нишон медиҳад [17, с. 6].

В. А. Лапача дар ин бора чунин андеша дорад: «...Унсури ягонаи қитъаи замин қабати хокии вай ба шумор меравад» [47, с. 17]. Аз ҷониби дигар олими рус, О. И. Крассов қитъаи заминро ҷузъи таркибии олами наботот ва объектҳои обӣ дар назар дорад [31, с. 22]. Нуқтаи муҳим аз он иборат аст, ки заминҳои истифодашаванда дар худ инъикосгари ҳар чи бештари захираҳои об бошанд. Ҳамин нуқтаро мавриди таҳқиқи дигар олими рус, аз ҷумла А. А. Кузнетсов мушоҳида намуда, метавон хулоса намуд, ки «қитъаи замин ҳамзамон объекти табиӣ ва ашё маҳсуб ёфта, табиатан як шакли молу мулки ғайриманқул ба шумор меравад, инчунин метавонад ҳамчун ашёи асосии тақсимшаванда ва тақсимнашаванда бошад, дорои таъйиноти мақсаднок буда, тибқи ин меъёр ба категорияи муайян мансуб мебошад» [73, с. 158].

Ҳолатҳои консептуалии истифодаи иқтидори иқтисодии замин дар мамлакат дар нигоҳдории ҳатмӣ, истифодаи мақсаднок ва авлавияти истифодакунандагони заминҳои кишоварзӣ дар масъалаҳои муайянсозии ҳиссаи замин, ки дар гардиши бозор иштирок менамоянд, инчунин талаботҳои истифодаи оқилона ва самараноки заминҳои кишоварзӣ дар ҳамаи категорияҳои заминистифодабарандагон, равона гардидааст. Таҳияи дурусти стратегия доир ба истифодаи замин ва таҳқиқи тактикии вай омили муваффақият ва рушди босамари на танҳо истеҳсолоти кишоварзӣ, балки ҳаёти иҷтимоиву иқтисодии мамлакат ва минтақаҳои он ба шумор меравад.

Заминро ҳамчун омили асосии истеҳсолӣ мавриди таҳқиқ қарор дода, метавон қайд намуд, ки он дорои хусусиятҳои гуногуни табиӣ, аз қабили дараҷаи

ҳосилнокӣ, маҳсулнокӣ ва мунтазамӣ буда, ба ҷойгирсозӣ ва оқилона ҷойгиркунонии қуввaҳои асосии истеҳсолӣ вобаста буда, таъйиноти худро дар шакли табиӣ иҷро менамояд. Дар баробари ин, заминро аз лиҳози методологӣ метавон гурӯҳбандӣ намуд, ки он имкон медиҳад фаъолияти соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ (иқтисоди миллӣ), аз қабили кишоварзӣ, саноат, сохтмон, нақлиёт, теллекоммуникатсия, тиҷорат ва ғайраҳо беҳтар гарданд. Тибқи қонунгузории амалкунанда, ки заминро ҳамчун фонди ягона ва ҷузъи таркибии фаъолияти иқтисодии давлат нишон медиҳад ва мувофиқи таъйиноти мақсаднок ба категорияҳои зерин тақсим карда мешаванд:

1. Заминҳои таъйиноти кишоварзӣ;
2. Заминҳои маҳаллаҳои аҳолинишин (шаҳрҳо, маҳаллаҳои шакли шаҳридошта ва деҳотҳои аҳолинишин);
3. Заминҳои таъйиноти саноатӣ, нақлиёт, алоқа, мудофиявӣ;
4. Заминҳои таъйиноти ҳифзи табиӣ, ҳифзи саломатӣ, истироҳатгоҳ ва таърихӣ – фарҳангӣ;
5. Заминҳои фонди давлатӣ - ҷангалӣ;
6. Заминҳои фонди давлатӣ - обӣ;
7. Заминҳои захираҳои давлатӣ [1].

Дар замони рушди технологияти иттилоотии муосир авлавият пайдо намудани принсипҳои заминистифодабарии устувор, ташкили раванди таъмини иттилоотиву таҳлилии самаранокии заминҳои кишоварзӣ бояд вобаста ба истифодаи функсионалӣ ва арзишмандиҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва экологӣ аҳаммияти муҳим пайдо намояд. Бинобар он барои арзёбии самараноки замин ба самтҳои иқтисодӣ, экологӣ ва иҷтимоӣ бояд такя намуд. (ҷадвали 1) «...Илова бар ин идоракунии захираҳои заминро зарур аст, ки дар асоси гурӯҳбандии бахшҳои алоҳидаи чи фаъолияти давлат ва чи бахши хусусӣ ба роҳ монд» [121, с. 9].

Самтҳои дар ҷадвали 1.1. овардашуда зарурати муайян кардани низоми идоракунонии истифодаи иқтидори иқтисодии заминро бо иҷрои вазифаҳои зерин ба миён меорад:

– истифодаи эҳтиёткорона ва оқилонаи замин ҳамчун захираи маҳдуд ва зиёднашавандаи табиӣ, баланд бардоштани даромади рентавӣ ва имконоти бештар ба буҷа ворид кардани маблағҳо;

Ҷадвали 1.1. - Самтҳо ва мазмуни арзёбии самаранокии захираҳои замин

Самтҳо	Мазмуни фишурда
Иқтисодӣ	*Арзиши қитъаҳои замин, ки бо усулҳои арзёбии бозорӣ, рента, харочотӣ, арзиши интихобӣ (алтернативӣ), арзиши умумиқтисодӣ ва ғ. баҳо дода мешаванд. Ҷамъоварии пурраи пардохтҳо аз истифодаи иқтисодии замин дар ин гуна ҳолатҳо самти асосии пешбурди фаъолияти иқтисодии субъектҳои хоҷагидор маҳсуб меёбад.*
Иҷтимоӣ	*Сатҳ, сифат ва дараҷаи некуаҳволии аҳолии мамлкат вобаста ба таъсири омилҳои демографӣ, ки ҳангоми пешбурди фаъолияти иқтисодии субъектҳои хоҷагидор дигаргун мешаванд.*
Ҳуқуқӣ	*Амалисозии самаровари ҳуқуқи моликият ба замин; тартиботи реҷаи истифодаи замин дар доираи Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон*
Экологӣ	*Ҳифзи максималии ландшафтҳои табиӣ, таъминоти мувозинати ҳолати экологӣ, арзёбии таъсири омили инсонӣ (антропогенӣ),* хурдашавӣ (*эрозия), дефлятсия, шӯршавӣ, ботлоқшавӣ (телматология) ва ғ.*

Сарчашма: *аз ҷониби муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёти илмӣ тартиб дода шудааст.*

– такмили низоми баҳисобгирӣ ва бақайдгирии ҳуқуқҳо ба замин, тамоюл баҳри арзоншавӣ ва содагардонӣ;

– фаъолгардонии тадбирҳо ва усулҳои ҷории назорат аз болои ҳолат ва истифодаи замин.

Дар ин ҷо аз ҳама масъалаи калидӣ ва асосӣ дар низоми муносибатҳои замин ин масъалаи ҷанбаҳои институсионалии истифодаи иқтидори замин ба шумор меравад. Ин ҷо «...масъалаҳои назарияи иқтисодии ҳуқуқи моликият, муайянсозии сохтори институсионалӣ, ниҳоди ҳуқуқи моликият барои истифодаи заминҳои кишоварзӣ, ки дар Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос гардидааст» [1].

«...Маҷмуи амалиётҳои иқтисодии гуногун бо замин, натиҷаи азнавтақсимкунӣ ва азнавмуайянкунии ҳуқуқҳо нисбат ба истифодаи захираҳои замин гардиши замин ном дорад. Дар ин ҷо аз ҳама муҳим ин институти ҳуқуқ ба замин мебошад» [82, с. 196]. Бинобар ҳамин, олимони муосир ва иқтисоддонҳо дар раванди таҳлили муносибатҳои аграрӣ, қабл аз ҳама, на ба моҳияти аввалин, балки ба моҳияти иқтисодии ҳуқуқ ба замин таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд. Дар

заминаи назарияи ҳуқуқ ба моликият, ҷанбаҳои институтсионалии муаммоҳои рушди муносибатҳои истифодаи замини тавассути шартнома бо назардошти шаклҳои гуногуни моликият нисбатан баҳсталаб мебошад.

Аз ин нуқтаи назар, метавон хулоса намуд, ки дараҷаи самаранокии заминҳои кишоварзӣ дар алоқамандӣ бо санадҳои меъёрии дахлдор, ки он дар навбати худ танҳо аз ҷониби давлат ҳамчун субъекти асосии танзимкунандаи фаъолият шинохта мешавад, алоқаманд намуд ва дар ин росто гурӯҳбандии заминҳои истифодагардида, ки алакай ба ихтиёри субъектҳои фаъолияти иқтисодӣ вогузор карда мешаванд ба мавҷудияти механизмҳои иқтисодии фоидаовар, ба монанди рентаи замин, музди меҳнат ба ҳисоби қувваи корӣ ва дараҷаи фоидагирии субъектҳо низ вобаста аст. Бояд дар назар дошт, ки ҷанбаҳои назариявии масъалаи болозикр натанҳо ҷанбаи ҳуқуқӣ, инчунин асоси иқтисодии таъйиноти заминро дар асоси истифодаи дурусти ҷузъҳои таркибии замин ва шинохтани он ҳамчун моликият, ки сифр категорияи иқтисодӣ дониста мешавад, дар назар бояд дошт. Дар адабиёти иқтисодӣ таъкид мегардад, ки барои истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ зарур аст, ки усули арзёбии он тибқи қабули қарорҳои идоракунии дахлдори соҳавӣ бароварда шавад [77, с. 55]. «...Намудҳои самаранокии баррасишуда ба мо имкон медиҳанд, ки самаранокии умумии истифодаи заминҳои кишоварзиро таҳия намоем. Вай дар самараи иҷтимоию экологӣ-иқтисодӣ ифодаи мантиқии худро пайдо мекунад, ки он самараи умумии истифодаи замин дар соҳаи кишоварӣ мебошад, ки ба ҳалли на танҳо мушкилотҳои иҷтимоию иқтисодӣ, балки экологии истифодаи замин нигаронида шудааст» [115, с. 34].

Қабули қарор аз ҷониби заминдор (давлат) дар бораи иҷрои функсияҳои объекти моликият - қитъаи замин, ки барои истифода ба ашхоси дигари ба таври ҳуқуқӣ дода мешавад моҳияти заминдарихтиёрдориро ифода менамояд.

Низоми истифодаи замин, дар шароити иқтисодиёти бозоргонӣ такмили муносибатҳо ба замин ва шароити мавҷудбудаи умумиро дар минтақаҳои мамлакат ба андозаи кофӣ инъикос намекунад. Ҳолати ҳозираи низоми институтисионалӣ дар бораи кофӣ набудани асоси консептуалии танзим ва доир

кардани ислоҳоти мақомоти идоракунӣ шаҳотат медиҳад. Дар инҷо мавқеи махсус ба ваколат ва салоҳиятҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти маҳаллӣ дода мешавад ва он ҳамчун субъекти асосии амаликунандаи фаъолияти иқтисодии нақшаҳои барномаҳои минтақавӣ баромад менамояд.

Ҳамин тариқ, идораи нокифояи низоми истифодаи замин дар минтақаҳо боиси талафи маводи нақшавӣ – харитакашӣ, ташхиси маводи хокӣ ва геоботаникӣ гаштааст. Ин дар матн саҳеҳ ва дақиқ будани маҷмуи маълумот, иттилоот ва арзёбии иқтидори иқтисодии заминро коста намуда, ягонагии низоми маҷмуи маълумотҳоро дар бораи замин аз байн бурда, боиси коҳиши сатҳи коркарди иттилоот, ахбори ояндабинӣ ва лоиҳаҳои молиявӣ гардид. Дар натиҷа самаранокии низоми ҳавасмандии иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва назорати истифодаи замин ва дигар омилҳои марбут ба замин коҳиш ёфтанд. Таҳияи консепсияи нави ташкили иқтисодии идоракунии захираҳои замин дар минтақаҳои ҷумҳурӣ ҳамчун асоси такмили низоми идоракунии захираҳои замин дар минтақаҳо ба ҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз, такмили методҳои арзёбии иқтидори иқтисодии заминҳои кишоварзӣ мубрамият пайдо мекунанд.

Вобаста ба ин дар низоми истифодаи заминҳои кишоварзӣ қонуни объективии истифодаи оқилонаи замин, ки мазмуни он тавсияи такрористеҳсолкунии сарватҳои замин дар асоси интенсификатсияи истифодаи онҳо аз тарафи субъектҳои хоҷагидор маҳсуб меёбад, таъкид карда мешавад. Чи тавре дар боло зикр гардид, хусусияти фарқкунандаи замин ҳамчун омили асосии истеҳсолот ба дараҷаи ҳосилнокӣ ва маҳсулнокии он вобаста аст. Пайдарҳамии хусусияти заминҳои кишоварзӣ дараҷаи ҳосилнокии он вобаста ба мавсим ва моддаҳои таркибии он, аз қабили нуриҳои маъданӣ, табиӣ, моддаҳои химиявӣ, органикӣ ва экологию геологӣ вобастагии амикро нишон медиҳад.

Коркунони соҳаи кишоварзӣ дар раванди фаъолияти истеҳсолӣ ҳосилхезии табиии хокро истифода бурда, бо ҳамин тариқ бо амалӣ намудани тадбирҳои агротехникӣ, агрохимиявӣ ва мелиоративӣ ба сатҳи ҳосилхезӣ таъсир мерасонанд.

Таҳаввулоти илмии мавзуи таҳқиқшаванда нишон медиҳад, ки ҳосилхез будани заминҳои кишоварзӣ ба категорияҳои гуногун ҷудо мегардад, ки он иборат аст аз:

- ҳолати ҳосилнокии табиии заминҳои кишоварзӣ, ки ба таркиби хоки истифодашаванда вобаста буда, таъсири шуълаҳои офтобӣ дар як соли тақвимӣ асоси онро ташкил медиҳад;
- ба таври суънӣ ва маснуъӣ афзоиш додани дараҷаи ҳослнокии маҳсулотҳои истеҳсолшавандаи соҳаи кишоварзӣ;
- ҳосилнокии имкониятҳо (неру)-и замин аз ҳисоби қобилияти хок барои таъмини сатҳи муайяни ҳосилнокии сенозҳои табиӣ бо назардошти омилҳои табиию иқлимӣ, ки шароити истифодаи иқтисодии заминро муайян мекунанд;
- ҳосилхезии самаранок – ҳамчун як қисми ҳосилхезии иқтидорӣ, ки бо назардошти шароити мушаххаси ташкилӣ, иқтисодӣ ва агротехнологӣ амалӣ карда мешавад. Ин навъи ҳосилхезиро тавассути ҳосилхезии иқтисодӣ бо истифода аз низоми нишондиҳандаҳое муайян кардан мумкин аст, ки арзиши зироат ва хароҷоти истеҳсоли онро инъикос мекунанд.

Вобаста ба масъалаҳои такористеҳсолкунии замин дар адабиёти иқтисодӣ истифодаи мафҳумҳо ё категорияҳои ба ҳам алоқаманди «беҳтар намудани замин» ва «беҳтар намудани истифодаи замин» пешниҳод карда мешавад. Вақте сухан дар бораи беҳтар намудани замин меравад, пешниҳод мегардад, ки тағйир ёфтани ҳолати сифатии он, ки дар натиҷаи он ҳосилхезии замин зиёд мешавад, фаҳмида мешавад: ободонии замин бо роҳи истифодаи воситаҳои ҳозиразамони техникӣ ва технологияи кишоварзӣ, истифодаи дурусти нуриҳои органикӣ ва минералӣ ва монанди инҳо амалӣ карда мешавад. Мафҳуми беҳтар намудани истифодаи захираҳои замин ба зуҳур ё ба амал баровардани ҳосилхезии замин дахл дорад. Бисёр муаллифон нақши муҳим ва аввалиндараҷаи навъи такористеҳсоли ҳосилхезии табиии хокро ҳамчун як навъи экологӣ ва иқтисодии рушди устувори кишоварзӣ таъкид мекунанд. Дар ин замина онҳо навъҳои зерини такористеҳсоли ҳосилхезии табиии хокро пешниҳод мекунанд:

А) такроистеҳсоли маҳдуди ҳосилнокии табиӣ, ки ба навъи табиии истеҳсолоти кишоварзӣ асос ёфта, дар натиҷа тамоюли пастшавии маҳсулнокии табиӣ ба вуҷуд меояд;

Б) такроистеҳсоли одии ҳосилхезии табиӣ, ки дар асоси ҳифзи табиии замини кишоварзӣ сурат мегирад;

Г) такроистеҳсоли васеи табиӣ, ки дар асоси беҳтар кардани сифати табиии майдони кишт сурат мегирад.

Дар ин ҷо навъҳои дуюм ва сеюми такроистеҳсоли ҳосилхезии табиӣ ба мазмуни рушди устувор ва навъи якум ба рушди техногении бахши кишоварзии иқтисодиёт мувофиқат мекунад. Илова ба арзёбии ҳосилхезии хок, инчунин арзёбии имкони истифодаи мақсадноки замин зарур мебошад. Масалан, дар солҳои 80-уми асри гузашта дар бисёр ноҳияҳои вилояти Хатлон аз ҳисоби шудгор кардани заминҳои нишебӣ, инчунин аз ҳисоби заминҳои ба навъҳои гуногун тобовар васеъ шудани майдони кишт ва ё қитъаи кишт ба амал омад. Дар натиҷа тамоюли камшавии майдони алафзорҳо ва чарогоҳҳо ба вуҷуд омад ва бо ҳамин раванди таназзули гардиши иқтисодии минтақаҳои навкорам ба амал омад. Илова бар ин таҳқиқи ҳолати заминҳои таъйиноти гуногундошта нишон медиҳад, ки дараҷаи серҳосил будани замин ба мавҷудияти чарогоҳҳои гуногун (дар шароити имрӯза - чарогоҳҳои сунъӣ) вобастагӣ дошта, ҳолати босуръати рушди онҳо ба дараҷаи самаранокии фаъолияти чорводорон алоқамандӣ дорад. Ин ба самараи чорводорӣ ва зиёд шудани саршумори ҳайвоноти калони шохдор, гӯсфанду буз вобаста аст.

Бояд таъкид кард, ки захираҳои замини кишоварзӣ, ки дар раванди истеҳсолот иштирок мекунанд, бояд дар охири давраи истеҳсолӣ дубора омода карда шаванд. Мазмуни иқтисодии он иборат аз он аст, ки хусусиятҳои такроистеҳсоли васеи маҳсулот дар тамоми занҷираи истеҳсолӣ қатъ намегардад. Дар баробари ин ҳангоми ҷой доштани такроистеҳсоли маҳдуд, ки дараҷаи истеъмоли маҳсулот маҳдуд карда мешавад, ба дараҷаи ҳосилхезии маҳсулотҳо аз ҳисоби хоки истифодашаванда амалӣ карда мешавад, муҳим ва зарур арзёбӣ карда мешавад. Чунин фикрро дар таҳқиқотҳои И.В. Бутко мушоҳида намудан мумкин

аст, ки тибқи ақидаи ӯ «...раванди такрористеҳсоли сарватҳои замин ҳамчун раванди пай дар пай нав кардани сифатҳои истеъмолии замин (ҳамчун омили истеҳсолоти кишоварзӣ) ва муносибатҳои замин - муносибатҳои иҷтимоию иқтисодие, ки дар заминаи моликият, ихтиёрдорӣ ва истифодаи замин инкишоф меёбанд, мебошад» [64, с. 17]. Дар ин таъриф, агар дар марҳилаи истеҳсолот сухан дар бораи барқарор намудани ҳосилнокии замин ва сифатҳои маҳсулнокии он равад, пас дар марҳилаи тақсим муносибатҳои байни ҳамаи иштирокчиёни раванди такрористеҳсолкунии замин оид ба тақсими фоида ва даромади аз замин гирифташуда (рента, андоз ва ғайра) ва дар марҳилаи мубодила, муомилот ё мубодилаи моликияти замин дар бозори амволи ғайриманқул, захираҳои замин меравад. Дар ин марҳила бояд даромад аз барқарор намудани сифатҳои истеҳсолии замин ба ихтиёри соҳибони он дода шавад.

Бояд гуфт, ки дар марҳалаи сермаҳсулӣ замин аксар вақт бо марҳилаи истеҳсолот, алоқаманд мегардад: истироҳати (рекресияи) сифатҳои истеҳсолии замин дар як раванди технологӣ бо парвариши растаниҳо ба амал бароварда мешавад. Самараи иқтисодии равандҳои такрористеҳсолкунии замин, таносуби арзиши нав бавуҷудовардашуда бо андозаи сармоя ва умуман хароҷоти захираҳо муайян карда мешавад. Самаранокии умумии такрористеҳсол бошад, ҳамчун таносуби арзиши маҳсулоти офаридашуда ва арзиши сармояе, ки дар раванди такрористеҳсолкунӣ истифода мешавад, муайян карда мешавад.

Густариши муносибатҳои иқтисодии давлат аз ҳисоби истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ вобастагии худро ба дараҷаи таъйиноти заминҳо нишон медиҳад ва илова бар ин муносибатҳои иқтисодии субъектҳои хоҷагидор ба ҷараёни такрористеҳсоли маҳсулоти истеҳсолгардида вобастагӣ дорад. Таҳқиқи ҷанбаҳои назариявии замин ҳамчун омили асосии рушди иқтисодӣ ва фароҳамоварандаи муҳити солими соҳаи кишоварзӣ барои иқтисодиёти мамлакат нишон медиҳад, ки замин моликияти бевоситаи давлат ҳамчун субъекти болоии танзимкунандаи фаъолияти иқтисодӣ дар назар дошта мешавад. Ин гуфтаҳо, ба андешаи мо, аз он дарак медиҳад, ки соҳаи кишоварзӣ ҷузъи таркибии бахши аграрӣ маҳсуб ёфта, асоси онро дараҷаи самаранокии фаъолияти иқтисодии

субъектҳо ташкил медиҳанд. Бояд дар назар дошт, ки яке аз вазифаҳои стратегии давлат ташаккул ва такомули фаъолияти иқтисодӣ дар соҳаи кишоварзӣ бо назардошти манфиатҳои худ ва бахши хусусӣ ба ҳисоб рафта, бахши аграриро ҳамчун қисмати асосӣ ва ҷузъи таркибии нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ (маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ва маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ) бояд шинохта шавад. Бо ибораи дигар, ҳиссаи он дар рушди иқтисодии мамлакат сол аз сол афзоиш дода шавад.

Сиёсати иқтисодии давлат дар бахши аграрӣ маҷмуи тадбирҳои иқтисодиро дар назар дорад ва онҳо иборат аз ҳолати таъсиррасонӣ ба муносибатҳои иқтисодии субъектҳои хоҷагидор дар назар дошта мешавад. Инҷо гуногуншаклии моликияти давлатӣ ва васеъ намудани имкониятҳои иқтисодии бахши хусусӣ ҳангоми аз худ намудани сарватҳои табиӣ дар натиҷаи тақсимоти дуруст ва оқилонаи манфиатҳои ҷонибҳо бояд ҳолати мувозинатӣ ва устуворро инъикос намоянд. Метавон қайд намуд, ки сиёсати иқтисодии давлат дар бахши аграрӣ иборат аз хусусиятҳои алоҳидаи механизмҳои амалкарди иқтисодӣ дар назар дошта мешавад.

Аз ин рӯ, давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори тадбирҳои аввалиндараҷа вазифа гузоштааст, ки баҳисобгирии пурра ва объективии тамоми заминҳои кишвар мувофиқи гурӯҳбандии муқарраршуда таъмин карда шавад. Бо ин кор давлат мехоҳад фасод ва бесарусомониро дар муносибатҳои замин аз байн бибарад. Баҳисобгирии пурра ва объективии тамоми заминҳои кишоварзӣ, пеш аз ҳама, ба такмили механизмҳои дастгирӣ ва танзими давлатӣ имкон дода, иҷрои объективии вазифаҳои асосии муносибатҳои замин ба монанди баҳисобгирӣ, тақсимот, иҷро ва назоратро таъмин менамояд (расми 1.1).

Аз расми овардашуда маълум мегардад, ки муносибатҳои иқтисодӣ ба замин хусусиятҳои хосси иқтисодии худро дошта, марҳилаи аввали он баҳисобгирии воситаҳои ҷойдошта, ки ҳангоми муносибати иқтисодии субъектҳои хоҷагидор ба вуҷуд меоянд, дар назар дошта мешавад. Дар баробари ин, маълум аст, ки муносибатҳои иқтисодии шахсони алоҳида, аз ҷумла

субъектҳои иқтисодӣ ҳангоми пешбурди фаъолияти иқтисодӣ тақсим ва азнавтақсимкунии заминро ҳамчун заминаи иқтисодии он медонанд.

Расми 1.1. - Вазифаҳои асосии муносибат ба заминҳои таъйиноти кишоварзидошта

Сарчашма: *таҳияи муаллиф*

Қабл аз амалкарди муносибати иқтисодӣ, яъне татбиқи амалии натиҷаҳо ба миён гузошта шуда, дар марҳилаи минбаъда мониторинг, яъне назорати фаъолияти субъектҳо аз ҷониби мақоми ваколатдори соҳа, яъне ҳукумат дар асоси ба роҳ мондани самти таъминоти ҳуқуқӣ амалӣ мегардад.

Вазифаҳои муносибатҳои заминро метавон ба таври зайл тавсиф кард:

1. Вазифаи баҳисобгирӣ ҳамчун асоси таҳлил ва арзёбии вазъи иқтисодии заминҳои кишоварзӣ, ки ба мавҷудияти маълумотҳои оморӣ ва таҳлилӣ вобастаанд, инъикосгари бақайдгирии давлатии ҳолати кадастрии заминҳои кишоварзӣ ба ҳисоб рафта, қитъаи заминро ҳамчун асоси фаъолияти иқтисодии субъектҳои хоҷагидор бо назардошти хусусиятҳо ва равишҳои иқтисодии он, ба монанди табиӣ, иқлимӣ, геологӣ ва ҷой доштани равишҳои танзими фаъолият аз мавҷудияти асосҳои ниҳодӣ ва иқтисодии он меҳисобанд. Дар ин гуна ҳолат истифодабарандагони замин он субъектҳои хоҷагидор ба ҳисоб мераванд, ки принсипҳои асосии тақсимоти заминро ҳатман бояд иҷро намоянд;

2. Тақсим ва аз нав тақсими замин ба маҷмуи чорабинӣ ва тадбирҳои бахши давлатӣ вобаста буда, ба мақсади ҷорӣ намудани сиёсати иқтисодии

заминтақсимкунӣ, яъне заминҳои кишоварзӣ ва бекорхобидаи ҳифзи муҳити зист дар асоси татбиқи механизми иҷорадиҳӣ амалӣ карда мешавад;

3. Татбиқи ҳадафҳои гузошташудаи бахши давлатии иқтисодиёт, ки муносибат ба заминро дар асоси истифодаи оқилонаи замин бо назардошти фишангҳои танзимкунандаи молиявӣ, пеш аз ҳама, андозӣ роҳандозӣ карда мешавад. Дар чунин ҳолат бояд тартиби андозбандӣ аз ҳисоби радабандии минтақавӣ амалӣ карда шавад ва он дар ниҳояти кор имкониятҳои иқтисодии субъектҳои хоҷагидорро васеъ менамояд. Дар баробари ин, қитъабандии заминҳои соҳаи кишоварзӣ асоси фаъолияти ҳарду ҷонибро бояд таъмин намояд (бахши давлатӣ ва хусусӣ);

4. Мониторинги умумии ҳамаи зинаҳои фаъолияти иқтисодии субъектҳои истифодабарандаи қитъаҳои замин бо назардошти механизмҳои амалкарди беҳдошти ҳолати маҳсулнокии заминҳои кишоварзӣ ва дар ин асос бартараф намудани ҳолатҳои баҳсӣ миёни иштирокчиёни муносибатҳои иқтисодӣ аз ҳисоби заминҳои кишоварзӣ;

5. Таъминнокии ниҳодии заминаҳои ҳуқуқии истифодаи заминҳои кишоварзӣ ва таъсиси ниҳоди махсуси идоракунандаи тартиби иҷрои санадҳо ҳангоми пешбурди фаъолияти иқтисодии субъектҳои хоҷагидор. Имкониятҳои иқтисодии субъектҳои пешбурди фаъолияти иқтисодӣ, ки ба зиммаи онҳо қитъаи замин вогузор гардидааст, таҳкурсии заминавиро ба вуҷуд меорад ва ин дар ниҳояти кор дараҷаи самаранокии фаъолияти иқтисодиро баланд менамояд.

Бояд гуфт, ки айни замон бисёр вазифаҳои дар боло зикршуда дар бахши аграрии иқтисодиёти вилояти Хатлон ба қадри зарурӣ ва назаррас иҷро карда намешаванд. Ба сифати мисол, дараҷаи таъминоти ҳуқуқии фаъолият аз ҳисоби қабули санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ дуруст ба роҳ монда шудааст, вале аз ҷониби субъектҳои фаъолияти иқтисодӣ қитъаҳои замин ба таври зарурӣ ва мутобиқат ба санадҳои меъёрии танзимкунандаи фаъолият дуруст арзёбӣ карда намешавад. Маҷмуи санадҳову меъёрҳо ба вуҷуд оварда шудаанд, вале хусусиятҳои зарурии пайдарпайи истифодаи замин ҳанӯз зоҳир нагардидаанд. Ҷузъҳо ва унсурҳои

алоҳидаи низоми истифодаи заминҳои кишоварзӣ шомили амалҳое мебошад, ки танҳо мазмуни салоҳияти он фаро гирифтаанд.

Дар китоби олимони ватанӣ, зери роҳбарии академик Н.Қ. Қаюмов таъкид мегардад, ки «...бахши аграрии иқтисодиёт, қабл аз ҳама, соҳаи кишоварзӣ, ки асоси иқтисодиёти ҷумҳуриро ташкил медиҳад ва ҳиссаи он дар рушди иқтисодиёти мамлакат бештар аз 40%-ро ташкил медиҳад, ба пайдарҳамии консепсияи рушди устувори иқтисодиёт, ки аз ҷониби бештари давлатҳои дунё эътироф ва қабул гардидааст, занҷираи мантиқии илмиро дар шакли «инсон-табиат-хоҷагӣ-бахши иҷтимоӣ-экология-иқтисодиёт» ташкил дода, маҳаки асосии он дар доираи консепсияи дигар, яъне ҳолати устуворӣ ва мутавозинии экологӣ, яъне «заминистифодабарӣ» ба роҳ монда шавад» [30, с. 23].

Дар таҳқиқот қайд мегардад, ки ба роҳ мондани истеҳсолоти дурусти маҳсулотҳои соҳаи кишоварзӣ, ташкили фаъолияти самараноки субъектҳои хоҷагидор ва дар ин асос мутобиқ ва мувофиқ сохтани уҳдадорӣ ва салоҳияти онҳо ба он оварда мерасонад, ки заминҳои кишоварзӣ мақсаднок мавриди истифода қарор дода мешаванд ва дар шакли «автоматӣ» дараҷаи самаранокии онҳо баланд бардошта мешавад. Аз ин рӯ, бефаъолиятӣ, бепарвоии ҷамоатҳо нисбат ба таназзули хок, ки сабаби аз гардиши кишоварзӣ баромадани заминҳои ҳосилхез ва дигар ҳодисоти номталуб мегардад ба амал меояд. Дар ноҳияҳои вилоят тамоюлҳои хавфноктарини амали истифодаи замин инҳо мебошанд:

- таназзули майдони бузурги заминҳои кишоварзӣ - рушди равандҳои эрозия, камшавии хок ва ғайра;
- мавҷудияти фасод дар соҳаи танзими муносибатҳои замин ва заминсозӣ;
- аз талаботи воқеӣ ва таҷрибаи ҷаҳонӣ ақиб мондани воситаҳои танзими иқтисодии муносибатҳои замин;
- назорати нокифояи давлатии истифода ва ҳифзи замин;
- норасоии кадрӣ, ки дар соҳаи кишоварзӣ ҷой дорад, дараҷаи самаранокии фаъолияти иқтисодиро дар умум заиф гардонида аст.

Дар адабиёти иқтисодӣ мавҷудияти номуайянии ҳуқуқӣ дар истифодаи замин низ қайд карда мешавад. Олими тоҷик Носиров Р. камбудиҳои зерини номуайянии ҳуқуқиро нишон додааст:

- мавҷуд будани номуайянӣ дар фасли ҳуқуқии истифодаи қитъаҳои замин, ки қисми низоми истифодаи замин маҳсуб меёбад;
- муайян намудани фонди замини субъектҳои хоҷагидор тибқи ҳолати ҳуқуқии замин, моликияти ҳиссавии қитъаи замин, иҷора ва ғайраҳо;
- ҳуқуқи таъминнашудаи субъектҳои хоҷагидор ба қитъаи замини истифодашаванда;
- номуайянии ҷойгиршавии истифодаи замини корхонаҳои кишоварзӣ ва воҳидҳои он;
- андозаи ғайриоқилона ё контури замин, ҳуқуқи моликият барои истифода ва азхудкунии замин, номутобиқатии майдони замини ба истеҳсолот тахассусшуда, шумораи кормандон, мавҷудияти захираҳои табиӣ, истифодаи ғайриоқилонаи замин ва нобаробарии тақсимоти замин байни субъектҳо ба душвории арзёбии вазъи иқтисодии минтақаи муайян оварда мерасонад;
- нодуруст ҷойгир будани қитъаи замин аз марказҳои истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ ва ҷараёнҳои бо он алоқаманди раванди такористеҳсоли маҳсулоти истеҳсолгардида;

Дар доираи сарҳади муайян, ки аз ҷониби қонунгузор барои хоҷагидор ҷудо гардидааст, дуруст истифода нагардидани раванди истеҳсолии маҳсулот мутобиқ ба ҳудуди қитъаи замин. Ин ҳолат ба вайроншавии ҳолати мутавозини экологӣ оварда мерасонад.

Дар диссертатсия қайд мегардад, ки ташаккул ва рушди ҷараёни такористеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ дар доираи низоми иқтисоди гуногуншакли кишоварзӣ душвор ва мураккаб буда, гурӯҳбандии он аз ҳисоби амалӣ намудани чораҳои мушаххас ба роҳ монда мешавад ва онҳо иборантанд аз:

- таҳияи низоми мукаммали муносибатҳои иқтисодии субъектҳо доир ба заминҳои истифодашаванда;

- коркарди воситаҳои иқтисодии танзимкунандаи ҳолати баланд бардоштани дараҷаи самаранокии заминҳои соҳаи кишоварзӣ;
- ҷонок намудани раванд ва ҷараёнҳои танзими давлатӣ ва дар умум идоракунии самараноки фаъолияти иқтисодии вобаста ба замин;
- беҳтар намудани назорати давлатии фаъолияти субъектҳои хоҷагидор, ки пешбурид фаъолияти онҳо ба чораҳои давлатӣ вобастагӣ дорад.

Бояд таъкид кард, ки такрористеҳсоли ҳосили замин бо саъйю талоши соҳиби муассир, яъне давлат таъмин карда мешавад. Давлат бояд муомилоти назоратшавандаи замини кишт, махсусан замини ҳосилхезро ташкил кунад. Ин раванд ташаккули низоми муносиби дастгирии ҳуқуқиро дар бар мегирад, ки шаффофияти муомилоти замин, бақайдгирии кадастрии ҳамаи заминҳо, таъмин ва назорати истифодаи мақсадноки замин ва гардиши замин аз ҷониби давлат, инчунин танзими қатъии давлатии заминро таъмин менамояд. Чунон ки борҳо қайд карда шуд, вазифаи асосии роҳандозӣ ва мураттаб намудани муомилоти замин таъмин истифодаи оқилонаи он мебошад. Аз ин рӯ, дар раванди фаъолияти истеҳсолии истифодабарандагони замин таъсири антропогенӣ ба замин зоҳир мегардад. Бинобар ин ташкили истифодаи самараноки заминҳои ҳосилхез муҳимтарин шарти таъмини такрористеҳсолкунии устувори сарватҳои замин мебошад. Ба андешаи мо, роҳандозии низоми истифодаи самараноки замин чунин ҷузъҳоро дар бар мегирад:

- ташаккули муҳити оқилонаи ҳудуд ва фазои иқтисодии мусоид дар байни хоҷагиҳои пешбарандаи фаъолияти иқтисодӣ доир ба замин;
- амалӣ намудани сиёсати дурусти иқтисодии субъектҳои хоҷагидор дар самти кишти зироатҳои таъйиноти гуногундошта;
- васеъ намудани самти истифодаи нуриҳо ва маъданҳои гуногуни ёрирасони заминҳои кишоварзӣ;
- ҷорӣ намудани технологияҳои мутобиқшавӣ ва рушди кишоварзии ландшафтҳои экологӣ ва беҳтар намудани бехатарии экологии он ва ғайра.

Раванди такрористеҳсоли замин бояд идорашаванда ва мувофиқан шомили иҷрои чунин вазифаҳои идоракунӣ бошад:

- мутобиқ намудани манфиатҳои давлат ва заминистифодабаранда, истифодаи мунтазами замин ва идораи ҳудудӣ;
- таъмини силсиламаротиб дар низоми идоракунии замин;
- ташкили муттасилии равандҳои истеҳсолоти соҳаи кишоварзӣ;
- идоракунии ҳосилхезии замин, ҳифзи муҳити зист ва ғайра.

Дар шароити иқтисодиёти серсохт ва фаъолияти табақаҳои сершумори навъҳои гуногуни заминистифодабарандагон, вақте ба онҳо дар низоми идоракунии раванди такрористеҳсоли ҳосилнокии замин мустақилияти васеи иқтисодӣ дода мешавад, истифодаи низоми танзими иқтисодӣ ба мадди аввал мебарояд. Ба танзими иқтисодӣ маблағи андоз ва иҷораи замин, нархҳои бозорӣ ва кадастрии замин, маблағҳои ҷубронпулӣ барои гирифтан ё ҳифзи замин ва ғайра дохил мешаванд.

Маврид ба зикр аст, ки хулосаи умумии таҳқиқи ҷанбаҳои назариявии замин ҳамчун омил ва воситаҳои асосии таъмини рушди иқтисодии ҳудуд ва минтақаи муайян имкон медиҳад, ки маҷмуи омилҳо ва принсипҳои раванди истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ дигаргун карда шаванд. Дар ин асос таҳлили сохтории воҳидҳои истеҳсолӣ, аз қабили корхонаҳо, ташкилотҳо ва хоҷагиҳои кишоварзӣ дар намуди воҳидҳои калону ягонаи соҳаи таҳқиқгардида пешниҳодҳои мушаххасро амалӣ намоянд. Зеро маҳз ҳамин сохторҳои калон дар соҳаи кишоварзӣ барои истифодаи сермаҳсули техника ва технологияи ҳозиразамони кишоварзӣ қобилият ва тавоноӣ доранд. Онҳо таҷрибаи мамлакатҳои тараққикардаи иқтисодиёти бозориро тавсия мекунанд. Дар ин ҷо хариду фурӯши озоди замин маҳдуд шуда, давлат на танҳо бозори замин, балки тақсим ва истифодаи онро низ танзим мекунад. Дар асоси таҳлили таҷрибаи кори бозори замин дар мамлакатҳои Ғарб як қатор принсипҳои зерини танзими муомилоти заминҳои кишоварзиро метавон ҷудо намуд:

- эътироф ва баррасии вазифаи махсуси иҷтимоии моликияти замини кишоварзӣ;

- ба таври максималӣ маҳдуд кардани муомилоти заминҳои кишоварзӣ ва назорати қатъӣ аз рафти истифодаи мақсадноки ин заминҳо ва муайян намудани ҷавобгарӣ барои истифодаи нодурусти онҳо;

- ба амал баровардани назорати қатъии давлатӣ аз болои муомилот ва гардиши қитъаҳои замин, инчунин, таъмини шаффофияти муомилот бо қитъаҳои замин;

- талаботи тахассусӣ барои заминистифодабарандагон, ки ба фоидаи аз замин гирифташуда баҳои баланд медиҳанд ва афзалиятҳои азхудкунии заминро муайян мекунанд;

- бо ҳар роҳ манъ ва бегона кардани қитъаҳои замин ва тағйир додани таъйиноти онҳо, маҳдуд кардани муомилот бо қитъаҳои замине, ки аз таркиби заминҳои давлатӣ ба таври ройгон дода шудаанд;

- ба таври қатъӣ мураттаб намудани тартиби ба мақсадҳои ғайрикишоварзӣ ҷудо кардани заминҳои махсусан сермаҳсул ва барои истифодаи таъйиноти пешбинишуда ҷорӣ намудани ҳаққи аз ҷиҳати илмӣ асосноки иқтисодӣ аҳаммияти калон дорад;

- аз фонди давлатии замин дар минтақаҳое, ки ҳангоми тақсим ва истифодаи онҳо мушкилиҳо мавҷуданд, ройгон ё бо имтиёз ба даст овардани қитъаҳои замин.

Дар хулосаи зербанди болоӣ қайд намудан зарур аст, ки замин маҳаки асосии рушди иқтисодиёти бахши аграрӣ буда, онро дар ҳамаи сатҳ ва зинаҳои идоракунӣ бояд самаранок мавриди истифода қарор дод. Дар баробари ин, фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ, ки ҳиссаи бештари заминҳои соҳаи кишоварзиро аз худ менамоянд ва онро ҳамчун моликияти хусусӣ истифода намуда, тағйир медиҳанд, ҳолати мувозинатӣ ва устувори бахшҳои алоҳидаро, аз қабили сохтори иерархии истифодабарӣ, яъне давлат ва бахши хусусӣ нигоҳ дошта мешавад. Ба ин муносибат моҳияти идоракунии давлатии истифодаи заминро метавон ҳамчун ифодаи мутамаркази талаботи ҷомеа, ки дар асоси истифодаи моликияти замин қонеъ карда мешавад, муайян кард. Қисмати муҳим ва зарурии таҳқиқи ҷанбаҳои назариявӣ ҳангоми дида баромадани услубҳои арзёбии иқтидори иқтисодии

заминҳои кишоварзӣ маҳсуб меёбад. Ҳангоми дуруст ва самаранок мавриди истифода қарор додан, вазъи иқтисодии давлат ва минтақаҳои алоҳидаи он, чи аз ҳисоби хусусиятҳои иқтисодии истифодаи замин ва чи аз ҳисоби танзим ва ба эътидол овардани муносибатҳои иқтисодии субъектҳои хоҷагидор ба даст оварда мешавад.

1.2. Ҷанбаҳои услубӣ оид ба арзёбии иқтидори иқтисодии заминҳои таъйиноти кишоварзидошта

Дар шароити муосир барои беҳтар намудани вазъи иқтисодии минтақа зарурати таҳқиқи асосҳои услубии арзёбии иқтидори иқтисодии заминҳои кишоварзӣ ба вуҷуд омадааст, ки он ҳамчун ҷузъи бунёдии низоми иттилоотиву таҳлилии самаранокии истифодаи онҳо дар доираи ислоҳоти иқтисодӣ дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ дар даҳсолаи охир ба таври табиӣ соҳаи кишоварзиро дар бар мегирад. Дар доираи илмҳои иқтисодӣ, махсусан бахши аграрӣ масъалаҳои вобаста ба беҳтаршавии фаъолияти иқтисодии субъектҳои хоҷагидор, ҳолати истифодаи заминҳои кишоварзӣ аз ҳисоби фишангҳо ва механизмҳои иқтисодӣ, дарёфти сарчашмаҳои гуногуни маблағгузорӣ ва сармоягузорӣ, аз нав дида баромадани сохтор ва зерсохторҳои муҷтамаи агросаноатӣ, танзими давлатии иқтисодиёт ва амсоли онҳо методологияи ягонаро доро нестанд. Аз ин рӯ, усулҳо ва равишҳои гуногуни муносибатҳои истифодаи замин дар соҳаи кишоварзӣ натанҳо омӯзиш, балки таҳқиқи равишҳои методологияи таърихӣ, абстрактӣ, таҳлиливу мушоҳидавӣ, инчунин методологияи омехтасозии омилҳои иқтисодиро тақозо менамояд. Зеро маҳз тавассути истифодаи методологияи омехта омилҳои иқтисод муҳаррики асосӣ шуда, ташкили муносибатҳои иқтисодӣ ва истеҳсолоти самараноки захираҳои замини соҳаи кишоварзӣ таъмин мегардад.

Дар таҳқиқоти муҳаққи хориҷӣ Юшкова В.Э. қайд мегардад, ки «...дар системаи муносибатҳои замин як қатор мушкилотҳои маконию иқтисодӣ мавҷуданд. Ин талаб мекунад, ки ислоҳоти прогрессивии структурӣ дар соҳаи кишоварзӣ барои баланд бардоштани самаранокии истифодаи заминҳои соҳаи кишоварзӣ фавран ба амал бароварда шавад» [114, с. 263].

Муносибатҳои замин дар соҳаи кишоварзӣ ин зуҳур ва густариши муносибатҳои нави иқтисодӣ, ки асоси меҳварии онро субъектҳои хоҷагидор ташкил медиҳанд, ҷузъи таркибии раванди такроистеҳсолоти бахши аграрии иқтисодиёт дониста мешаванд. Олими маъруфи ватанӣ Т.Н. Назаров масъалаҳои вобаста ба омӯзиши соҳаи кишоварзӣ ва муайян намудани самаранокии фаъолияти иқтисодӣ онро ҳамчун омили рушди иқтисодӣ маънидод менамояд ва асоси онро ошкорсозии муаммоҳои сатҳи умумимиллӣ ва минтақавӣ медонад [83, с. 7].

Баъзе аз муҳаққиқони хориҷӣ, махсусан, В.В. Милосердов ҳамаи муносибатҳои иқтисодӣ, пеш аз ҳама, муносибатҳои иқтисодии субъектҳои хоҷагидорро доир ба замин мавриди таҳқиқ қарор дода, таъкид месозад, ки «...дар байни мафҳуми ислоҳоти замин ва ислоҳоти аграрӣ бисёр умумиятҳо вуҷуд дорад, аммо ислоҳоти аграрӣ – мафҳуми васеътар мебошад» [78, с. 74]. Олимони тоҷик Р. Носиров ва Ҷ. Саидмуродов низ дар бораи пайвастагии ислоҳоти замин ва ислоҳоти аграрӣ таъкид намуда, ба алоқамандии низомии унсурҳои низоми муносибатҳои заминдорӣ, ба монанди «...арзиши иқтисодии замин, ҳифзи манфиатҳои иқтисодии субъектҳои хоҷагидор, беҳтар намудани вазъи кишоварзии экологӣ, дигаргун намудани фазои иқтисодии ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъектҳо вобаста ба шаклҳои гуногуни моликият ва ғайраҳо таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намудаанд» [40, с. 42]. Ба ғайр аз ин, масъалаҳои идоракунии захираҳои замин, беҳтаркунии ҳолати замин, азнавтақсимкунии он, ҳифз ва нигоҳдории дараҷаи самаранокии истифодаи қитъаҳои заминҳои соҳаи кишоварзӣ, ҳисоби имконият (неру)-и иқтисодии ҷойдошта, гирдгардиши муносибатҳои иқтисодии бозорӣ, ҷамъоварии маълумотҳо доир ба ҳолати истифодаи заминҳои кишоварзӣ ва сохта ба истифода додани бино ва иншоотҳои ёрирасон ҳамчун инфрасохтори зарурӣ барои беҳтарсозии шароитҳои экологӣ вазифаи аввалиндараҷа дониста мешавад [78, с. 75]. Ин самтҳои номбаршуда муносибатҳои замину заминдориро муайян месозанд. Дар таҳқиқи муносибатҳои истифодаи замин таваҷҷуҳи бештар ба методҳои баробарҳуқуқӣ ва иқтидормандии захираҳои замини аҳаммияти

кишоварзидошта зоҳир гардидааст, ки бешубҳа мазмуни асосии муносибати замин, эътимоднокӣ ва самаранокии истеҳсолоти кишоварзиро таъмин менамояд.

Субъектҳои фаъолияти иқтисодӣ, ки асоси муносибатҳоро доир ба замин ташкил медиҳанд, захираҳои заминро бо назардошти манфиатҳои иқтисодии худ ва дараҷаи фоидагирӣ мавриди истифода қарор медиҳанд, ба унсурҳои таркибии зерин вобастагӣ доранд:

– истифодаи самараноки захираҳои ҷойдошта дар қитъаи замини дар ихтиёрбуда;

– таҳия ва коркарди механизми амалкарди низоми пардохтҳои ҳатмӣ ва ихтиёрӣ, ки давлат меъёрҳои онро муайян ва татбиқ месозад;

– фароҳам овардани шароитҳои мусоид ҳангоми азхуднамоӣ, нигаҳдорӣ ва истифодаи моликияти давлатӣ;

– таъмини баробарии фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ дар ҳамаи зинаҳои идоракунии давлатӣ, ки ҳангоми амалӣ сохтани муносибатҳои доир ба замин ба вуҷуд меоянд;

– густариши низоми муносибатҳои иқтисодӣ ҳангоми ҷой доштани ҳуқуқ ба моликият, низоми иҷозатдиҳӣ ва иҷораи заминҳои бекорхобида ва азкормондаи соҳаи кишоварзӣ.

Бояд дар назар дошт, ки асоси риоя ва амалӣ намудани чораҳои болозикр танҳо дар асоси дуруст ба роҳ мондани низоми пардохтҳои иқтисодӣ, ки бо сарватҳои замин алоқамандӣ доранд, сурат мегирад. Дар ин гуна ҳолатҳо шарти муҳим ва асосӣ ба эътидол овардани фаъолияти иштирокчиёни ҳамгироии иқтисодии субъектҳои хоҷагидор арзёбӣ карда мешавад.

Яке аз намояндагони мактаби иқтисодии «классикони нав» А. Маршалл қайд менамояд, ки «...агар заминро аз нуқтаи назари инфиродӣ баҳогузорӣ намоем, пас маълум мегардад, ки он ҳамчун як шакли сармоя баромад менамояд» [35, с. 21]. Илми муосири иқтисодӣ, махсусан иқтисодиёти кишоварзӣ моро водор месозад, ки дар баробари дигар омилҳои истеҳсолот заминро вобаста ба хусусиятҳои табиии он ҷудо намуда, ҳамчун заминагузор барои дигар омилҳои истеҳсолӣ ҳисоб намоем. Ҳангоми истифодаи дурусти замин ва дараҷаи

фоидагирии он дар шакли рента, хусусиятҳое ошкор карда мешаванд, ки дар фаҳмиши меҳнат, сармоя ва фаъолияти соҳибкорӣ мушоҳида намудан номумкин аст. Масалан, хусусиятҳои мавсимии дараҷаи фоидагирӣ аз рентаи аввалия, ки танҳо бо замин алоқамандӣ дорад.

Олими ватанӣ, Ҷ.С. Пиризода масъалаҳои вобаста ба арзёбии иқтидори иқтисодии заминҳои кишоварзиро таҳқиқ намуда, қайд менамояд, ки «...тағйир ёфтани вазъи иқтисодии давлат ва минтақаҳои алоҳидаи он аз мавҷудияти имкониятҳои иқтисодӣ, ки онҳо дар муҳлати муайяни вақт ошкор мегарданд ва намудҳои нави фаъолияти иқтисодиро ба вуҷуд меоранд, алоқамандӣ дорад. Дар баробари ин, зарур аст, ки муаммоҳо ва мушкилотҳои захираистифодабарӣ аз ҳисоби дигар муносибатҳои иқтисодии бо он пайваст, аз қабили дараҷаи худтаъминкунии озуқаворӣ ва ҳамгироии иқтисодии фаъолияти субъектҳои хоҷагидор бартараф карда шаванд. Неруи иқтисодии замин дар худ унсурҳоеро дар бар мегирад, ки барои афзоиши истеҳсоли маҳсулот саривақтӣ ҳисобида шуда, танҳо барои қонеъсозии талаботи аҳолӣ нигаронида мешаванд» [93, с. 162]. Аз гуфтаҳои олими ватанӣ бармеояд, ки усулҳои истифодаи захираҳои соҳаи кишоварзӣ имкониятҳои иқтисодии натанҳо сарватҳои табиӣ, ҳамзамон имкониятҳои иқтисодии субъектҳои хоҷагидорро низ метавонад инъикос намояд.

Бояд дар назар дошт, ки раванди идоракунии муносибатҳо доир ба замин, ки дар соҳаи кишоварзӣ ба вуҷуд меоянд, истеъдод, қобилият ва маҳорати субъектҳои хоҷагидор (соҳибкорон) буда, ҷараёни истеҳсоли маҳсулотро метезонад. Агар чунин хусусият дар қарни гузашта ҷой дошта бошад, пас дар шароити муосир аз ҳисоби мукаммал намудани механизми идоракунии захираистифодабарӣ он имкониятҳои иқтисодии субъектҳоро боз ҳам васеътар менамояд. Ин нуқта ба он ҳолати иқтисодӣ далолат менамояд, ки замин хусусиятҳои иқтисодии худро на дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ якзайл нишон медиҳад. Масалан дар соҳаи саноат, ки инҷо замин бештари ҳолат барои сохтмони бино, иншоот ва дар умум фазои иқтисодии субъекҳо хизмат менамояд, ба кулли аз соҳаи кишоварзӣ фарқ менамояд. Дар зерсоҳаҳои саноат бошад вобаста ба таъйиноти соҳавии он вазифаҳо ва хусусиятҳои худро қисман дигаргун

месозад ва ин ҳолат, чи гунае, ки таҷриба собит месозад, табиӣ арзёбӣ карда мешавад ва аз ҳудуди таҳқиқотҳои иқтисодӣ берун мебарояд. Замин воситаи асосии истеҳсолот ба шумор меравад, зеро ба он хусусияти хеле беназир ҳосилхезӣ хос аст.

Замин ҳамчун категорияи иқтисодӣ макони махсуси амалишавии фаъолияти иқтисодии субъектҳои хоҷагидор буда, дар алоқаманди бо дигар омилҳои истеҳсолот дараҷаи самаранокии фаъолияти умумии иқтисодиро баланд намуда, барои соҳаи кишоварзӣ нисбат ба дигар омилҳо имкониятҳои васеъро фароҳам меорад. Дар мавриди набудани меҳнату сармоя ташкили истеҳсолоти кишоварзӣ мушкил аст, пас ин маънои онро дорад, ки масъалаи идоракунӣ низ аз байн меравад. Набояд фаромӯш кард, ки дар умум раванди идоракунӣ пурра аз байн намеравад, балки механизми татбиқи он дигаргун мешавад.

Меҳнат, сармоягузорӣ ва идоракунӣ ҳангоми мавҷуд набудан монеъаҳои сунъӣ метавонад аз ин марзу бум ба ҷойҳои дигар баҳри ҷустуҷӯйи бозиҳии баланд мунтақил шаванд. Аз гуфтаҳои боло бар меояд, ки алоқамандии ҳамаи омилҳои истеҳсолот ва равандҳои идоракунии он барои соҳаи кишоварзӣ дараҷаи фоидагириро суръат бахшида, фарогири он муносибатҳои иқтисодиёт мегардад, ки дар он хусусиятҳои омилҳои иқтисодӣ мушоҳида мегарданд. Барои ин бояд ҳар як омили истеҳсолот даромади мувофиқ орад. Замин барои соҳаи кишоварзӣ ҳамчун омили мутобиқ ва доимӣ барои суръатбахшии рафти истеҳсоли маҳсулот хизмат намояд, пас аз инҷо бар меояд, ки раванди ҷуброни зарар ҳангоми истифодаи нодуруст пӯшонида мешавад (дарёфти сарчашмаҳои даромад аз ҳисоби омилҳои истеҳсолот) ва ин ҳолатро ҳангоми алоқамандии омилҳои истеҳсолот метавон мушоҳида намуд (расми 1.2).

Расми 1.2. нишон медиҳад, ки равиши методологии муносибати заминдорӣ дар муайянсозии ҳаққи истифода, сармояталабӣ, инчунин самаранокии замин фаҳмиши муносибати заминро дар шакли пардохтпазирӣ ё намудҳои даромаднокии он маҳдуд менамояд. Масалан, агар барои гирифтани фоида аз истифодаи замин рента истифода гардад, пас мафҳуми муносибати замин маънои шакли ҳуқуқии истифодаи заминро таҷассум менамояд.



Расми 1.2. - Алоқамандии омилҳои истеҳсолот ва даромади (ҷуброни) онҳо
Сарчашма: *таҳияи муаллиф*

Агар дар шакли андоз бошад, пас ин усули методологӣ шаклҳои алоҳидаи истифодаи заминро бо унсурҳои идоракунии маъмурӣ (давлатӣ) тасвир менамояд.

Шакли ҷуброни иштироки замин дар истеҳсолот рента мебошад. Рента (аз забони лотинӣ «баргардонидашуда») як намуди даромад аз ҳисоби истифодаи замин ба ҳисоб меравад, ки барои дорандаи он дар асоси ҳуқуқи моликият ба замин ҳамчун омили истеҳсолот фоида меорад. Он қисмати даромади замин, ки дар шакли рента ба соҳибонаш фоида меорад, ба арзиши маҳсулоти истеҳсолгардида дар муҳлати муайяни вақт вобастагӣ дошта, дар натиҷаи афзоиши маблағҳои иловагии пешбурди фаъолият, яъне ҷалби сармоягузорӣ ченакҳои ҳисоби он натанҳо барои ду ҷониб, инчунин барои соҳибони сармоя низ фоидаи иловагӣ ба даст меорад. Аз инҷо алоқамандии байни рентаи замин ва ҳолати гирифтани дивиденд, ки танҳо барои сармоягузор мансуб аст, мушоҳида карда мешавад.

Дар баробари гуфтаҳои боло инчунин бояд қайд намуд, ки ҳар як омили истеҳсолот, чи дар алоҳидагӣ ва чи бо ҳам алоқаманд будан, ба арзиши молу маҳсулоти истеҳсолгардида саҳми якзайл мегузоранд. Мушкилии асосӣ дарёфти ҳолати мувозинатии ҳамаи омилҳои истеҳсолот барои муайян намудани арзиши аслии маҳсулоти истеҳсолгардида ба ҳисоб меравад. Дар баъзе ҳолатҳо ҳиссаи

замин нисбат ба меҳнат зиёд бошад, пас зарурати аз сари нав дида баромадани омили сеюм, яъне сармоя ба вуҷуд меояд. Чунки таҷрибаи бойи андӯхтгардида, чи дар дохили давлат ва берун аз он нишон медиҳад, ки ҳар қадаре, ки ҳиссаи сармоя ҳамчун омили истеҳсолот барои соҳаи кишоварзӣ зиёд бошад, ҳамон қадар замин самаранок мавриди истифода қарор дода мешавад. Дар инҷо дараҷаи самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ, дар навбати худ, зери таъсири ду омил, яке сармоя, дигаре раванди сармоягузорӣ мебошад ва он ҳам предмети таҳқиқоти алоҳида дониста мешавад.

Тавсифи сифативу миқдории қитъаи замин, дар маҷмуъ, бо шароитҳои табииву иқтисодӣ дар интихоби махсусгардонии истеҳсолот ва муайянсозии иштироки кории захираҳои боқимонда муайянкунанда мебошад. Барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар қитъаи замини ҳаҷман хурд ҷалби сармояи ҳаҷмаш калон ва захираҳои меҳнатии зиёд мувофиқи мақсад нест. Чунин ҳолатро дар шароитҳои истеҳсолоти экстенсивӣ, ки бо ҳаҷмҳои ками сармоягузорӣ ва меҳнат сурат мегирад, метавон мушоҳида намуд.

Олими ватанӣ А. А. Рауфӣ қайд менамояд, ки «...дар вақти ҳозира аз худ кардани заминҳои нави обёришаванда дар мамлакат бисёр маҳдуд аст. Барои аз худ кардани заминҳои нави обёришаванда ва дар гардиши хоҷагидориҳои интенсивӣ ворид кардани заминҳои нав танҳо бо ёрии воситаҳои нави техникии обёрикунанда мумкин мешавад. Барои ин дар заминаи сохтани иншоотҳои азими энергетикии обӣ нақбҳои обгузари ҳаҷман ва дарозиашон калон сохта мешаванд, ки бо ёрии насосҳои обкаш маҷрои дарёҳо ба танзим дароварда шуда, онҳо барои обёрикунии заминҳои нав истифода карда мешаванд. Бо ин восита барои минбаъда васеъ кардани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар заминҳои нави мамлакат имконияти даркорӣ сохта мешаванд» [97, с. 192]. Ин фикр комилан дуруст аст ва ҳангоми мавҷуд набудани азрёбии арзишии заминҳои ҳудудашон калон барассии масъалаи истифодаи самараноки онҳо имконнопазир аст. Табиист, ки бе донистани ҳаҷми замини кишоварзӣ кишоварз ба ҳеҷ унвон сармоя, меҳнат ва идоракунии аз меъёр зиёдро ҷалб намекунад. Маҳз рақобати дар байни

истеҳсолкунандагони мол онҳоро маҷбур месозад, ки ҳамаи омилҳои истеҳсолотро ба таври самаранок мавриди истифода қарор диҳанд.

Дар таҳқиқот қайд мегардад, ки масъалаи муайян ва ҳисоби арзиши маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ натанҳо ба раванди занҷираи истеҳсолот, инчунин ба раванд ва ҷараёнҳои танзими ҳолати иқтисодӣ вобастагӣ дорад. «...Ин мутаносубӣ дар доираи назарияҳои нафъноки ва ё фоиданокиҳои ҳадди ақал муайян карда мешавад. Моҳияти қонуни нафънокии ҳадди ақал тавассути гирифтани маҳсулоти иловагӣ (ҳадди ақал), яъне гирифтани молу маҳсулоти иловагӣ ҳангоми ворид намудани воҳиди иловагии омилҳои тағйирёбанда дар мавриди доимии омилҳои дигар ифода мегардад. Даромади гирифташуда дар истеҳсолот, бояд ба суммаи даромадҳои ҳадди ақали ҳар як омил баробар бошад. Ифодаи зеринро истифода бурдан мумкин аст» [112, с. 51].

$$Д_и = Ф_з + Ф_м + Ф_р + Ф_и \qquad (1),$$

Дар иҷо $Д_и$- даромад аз истеҳсолот;

$Ф_з, Ф_м, Ф_р, Ф_и$ – Фоидаи ҳадди ақал аз истифодаи ҳамаи омилҳои истеҳсолот.

Омилҳои истеҳсолот, ки дар формулаи (1) оварда шудаанд, дар худ нишон медиҳанд:

$Д_и$ – даромади иловагӣ;

$Ф_з$ – фоида аз замин;

$Ф_м$ – фоида аз меҳнат;

$Ф_р$ – фоида аз рента;

$Ф_и$ – фоида аз идоракунӣ.

Маълум мегардад, ки таъмини дурусти натиҷаи омилҳои асосии муносибати заминҳои кишоварзӣ натанҳо сатҳи даромаднокӣ ва идоракунии дурусти онро нишон медиҳад, балки шуғли пурмаҳсул ва дараҷаи ҷолибияти сармоягузории заминҳои кишоварзиро ба мақсади истифодаи оқилона ва самаранок таъмин менамояд. Маҳз тавассути чунин равиши методологӣ раванди ташаккули

муносибат ба заминҳои кишоварзиро бо нишондиҳандаҳои нарх ва хароҷоти маҳсулоти кишоварзӣ муайян кардан имконпазир мегардад.

Категорияи арзиш ва ҷузъиётҳои он, ки бо хароҷотҳои воҳидҳои истеҳсолӣ алоқамандӣ доранд (арзиши иловашуда, арзиши изофа) методологияи ягонаро доро набуда, вобаста ба ҳолати заминистифодабарӣ аз ҳамдигар фарқ менамоянд, ки ин албатта ба истифодаи самараноки захираҳои замин мусоидат хоҳад кард. Шарти асосӣ ва муҳим риояи принсипи ҳадди ақали хароҷотҳо ва ҳадди аксари даромадҳо дар назар дошта мешавад. Мисоли ин, роҳҳои рушди соҳаи кишоварзӣ дар даврони шуравӣ мебошад.

Дар даврони мавҷудияти давлати шуравӣ истеҳсоли ҳаҷми маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ аз ҳисоби усули экстенсивӣ (қувваи кории барзиёд) сурат мегирифт ва ин ҳолат ҳаҷми хароҷотҳои тағйирёбандаро коҳиш медод. Маҳз аз ҳамин сабаб фоидаи иқтисодии субъектҳои хоҷагидор дар шакли рентаи замин новобаста аз ҳолати таъсиррасонии омилҳои ғайрииқтисодӣ афзоиш меёфт. Ҳолати дигар ҳангоми интихоби рушди иқтисодии интенсивӣ мушоҳида мегардад, ки коркарди як технологияи муосир имкониятҳои иқтисодии субъектҳои фаъолияти иқтисодии соҳаи заминро васеъ менамояд. Сухан дар бораи кам намудани хароҷотҳои доимӣ ва афзоиши хароҷотҳои тағйирёбанда меравад. Чунки ба ҷойи 10 «қувваи корӣ» 1 техника лозим мегардад. Ошкор сохтани хусусиятҳои арзиши замин, ки дар натиҷаи фаъолияти иқтисодӣ ба вуҷуд меояд, арзёбии фаъолияти иқтисодии ҳамаи корхонаҳои соҳаро бо назардошти ҷой доштани дигар унсурҳои бозорӣ, аз қабили нарх ва рақобат миёни истеҳсолкунандагони маҳсулоти соҳа дигаргун месозад.

Дар баъзе таҳқиқотҳои илмӣ, аз ҷумла [76, с. 3] арзиши бозории қитъаҳои замин дар асоси ба ҳам омадани принсипҳои зерин такя менамоянд: принсипи имкони истифодабарӣ; принсипи алоқамандӣ бо муҳити бозорӣ; принсипи алоқамандӣ бо объектҳои моликият; принсипи истифода аз лиҳози иқтисоди самаранок. Ба андешаи мо, аз ҳама принсипи асосӣ ин охирин маҳсуб меёбад, чунки вазъи иқтисодии истифодаи қитъаҳои заминро инъикос менамояд.

Қитъаҳои замин дар низоми омилҳои истеҳсолот ҷойгоҳи муҳим доранд. Маҳз рентаи замин арзиши онро ташкил менамояд, ҳамчунин вайро ҷомеа метавонад дар шакли пардохт бобати истифода аз он дарёфт кунад. Аз нуқтаи назари иқтисодӣ муносибатҳои асосноккардашуда ҷиҳати муайянкунии ҳаҷми рентаи заминӣ имкон медиҳад, шароитҳо барои баробарҳуқуқии ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ, сармоягузории иловагӣ ва зуҳури ташаббусҳои соҳибкории аграрӣ фароҳам оварда шаванд. Аз ин рӯ, моро лозим меояд, ки дар оғози кор чунин категорияи иқтисодӣ ба монанди арзиши заминро ба таври муфассалтар шарҳу тавзеҳ диҳем.

Чи тавре маълум аст, арзиш ба шумораи категорияҳои бунёдии иқтисодӣ мансуб мебошад, аммо дорои нишондиҳандаи муайяни ягона ва ё ин ки ба таври умумқабулгардида намебошад.

Арзиш, агар ҳамчун меҳнати зарурӣ ва ҷамъиятӣ барои истеҳсоли маҳсулот баромад намояд, пас аз таҳқиқотҳои баъзе аз олимони хориҷӣ маълум мегардад, ки «...ин қобилияти мол ва гурӯҳи молҳое мебошад, ки талаботи одамонр аз ягон ҷиҳат қонеъ мегардонад» [69, с. 151].

Дар назарияи иқтисод ду намуди арзиш мавҷуд аст, ки аз якдигар фарқ мекунанд:

– арзиши мубодила (табодул);

– арзиши истифода (истеъмол).

Арзиш дар мубодила – ин арзиши имконпазири ба даст овардани ҳуқуқи моликият ба қитъаҳои алоҳидаи замин, ки дар натиҷаи муайян сохтани нархи маҳсулоти истеҳсолӣ ва дараҷаи рақобатпазирии маҳсулот ба вуҷуд меоянд, дар назар дошта мешавад. Арзиши ҳамаи объектҳои истеҳсолӣ, ки тавассути он молу маҳсулот истеҳсол карда мешаванд, бо назардошти ҳамаи унсурҳои ёрирасони бозорӣ, ба монанди арзаю тақозо, нарх ва рақобат танзим ва дар асоси он мутавозин (баробарии таносубҳо) карда мешаванд, ки ин ҳолат ҳам харидорон ва ҳам фурӯшандагонро қаноатманд мекунад ва талаботҳо ба пешниҳодҳо баробар мегарданд. Барои риояи чунин мувозинат бояд молу маҳсулот сифати стандартӣ дошта, миқдору сифати онҳо талаботи харидоронро қонеъ карда тавонанд.

Пардохтҳо ва барасмиятдарорӣ бояд вақти зиёдеро нагирад. Ичунин, дахолати мақомоти давлатӣ ба раванди бозоргонӣ набояд боиси эҷоди мушкилӣ гардад.

Ин муқаррарот ва ё шартҳои номбаршуда ба ҳолати муосири бозори заминҳои кишоварзӣ дар мамлакат мувофиқат намекунанд. Ин мувофиқ наомаданҳо бо як қатор омилҳои объективӣ (беназириии қитъаи замин аз рӯйи сатҳу сифат) ва ҳамчунин маҳдудиятҳои қонунии субъективии гардиши замин дар Тоҷикистон алоқаманд мебошад.

Арзиши истифода ва ё арзиши истеъмолӣ - ин арзиши объект барои мақсадҳои амиқ ва истифодаи ҳамаҷониба шомили низоми истифодаи замин буда, бар пояи истифодаи самараноки он асос ёфтааст. Ҷузъиёти таркибии арзиш ҳамчун категорияи иқтисодӣ ва лозима барои муътадилии соҳаи кишоварзӣ арзиши истеъмолӣ буда, онро дар натиҷаи истеъмоли маҳсулот ҳамчун қисмати ниҳоии такроистеҳсолоти васеъ дар назар доранд.

Арзиши истеъмолии замин, нафънокии вай ҳамчун воситаи истеҳсолот ҳама вақт таваҷҷуҳи субъектҳои хоҷагидорро ба худ ҷалб менамояд.

Хусусияти арзёбии заминҳои кишоварзӣ ба вижагии муайянкунии омилҳои ташаккулдиҳандаи арзиш алоқаманд мебошад. Дар таҳқиқотҳои олимони ватанӣ, ки ба мсъалаҳои арзёбии заминҳои кишоварзӣ бахшида шудаанд, қайд мегардад, ки «...арзёбии сифатии заминҳо аз рӯйи хосиятҳои табиӣ ва иқтисодии заминҳо баҳогузорӣ карда мешавад» [110, с. 140]. Аз гуфтаҳои З.Р. Шарифов бар меояд, ки замин дар баробари хусусиятҳои миқдорӣ, инчунин хусусиятҳои сифатиро низ доро буда, ҳангоми арзёбӣ намудани ҳолати истифодабарӣ дараҷаи ҳосилнокии маҳсулот аз ҳисоби ҳосилхезии он муайян карда мешавад.

Андешаҳои Шарифов З. Р., Давлаталӣ Ш.- ро ҷонибдори намуда, илова намудан мумкин аст, ки арзёбии заминҳои кишоварзӣ аз рӯйи сифати ҳосилхезӣ ва аз рӯйи арзёбии иқтисодии муносибати замин мустақиман муайян карда шуда, барои такмили онҳо бошад, аввал сифат ё меъёрии ҳосилхезии заминҳои кишоварзиро таҳқиқу таҳлил намуда, сипас самаранокии иқтисодии онҳоро аз рӯйи як қатор нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ҳисоб карда, натиҷаи ҳардуро омехта кардан лозим аст. Қувватнокии заминҳои соҳаи кишоварзӣ аз сифати хоки

истифодашаванда ва муқоисаи он бо дигар заминҳо, ки хусусиятҳои агрохимиявӣ ва техникӣ доранд, сатҳи кишоварзии интенсивиро дар худ инъикос менамояд. Дар низоми бақайдгирии давлатии заминҳо, яъне ошкор сохтани ҳолати кадастрии замин қувватнокии хокҳои истифодашаванда ҳамчун омили асосии агроиқлимӣ, ки мансуб танҳо ба замин аст, дар назар дошта мешавад. Дар инҷо қувватнокии хокҳо ҳамчун имконияти таъмини маҳсулоти кишоварзӣ дар назар дошта мешавад.

Ба сифати меъёрҳои қувватнокии замин он хусусият ва аломатҳои хокҳоро истифода мебаранд, ки онҳо имкон медиҳанд, ба таври пурра, дурусту саҳеҳ ва объективона қобилияти қонеъкунонии талабот ба озуқа, рутубатнокиҳоро дар шароитҳои амиқ арзёбӣ намоянд. Чунин нишондодҳо аз қабили нигоҳдорӣ, тавоноии қабати гумуси хок, рутубатнокӣ, маҷмуи унсурҳои ҷабанда ва амсоли инҳо сифатҳои мусбати хок маҳсуб меёбанд. Хусусиятҳои манфии хокҳо ин шӯрӣ, зичӣ ва туршии баланд ба шумор мераванд.

Моҳиятан омили асосии баҳогузорӣ ё худ арзёбӣ ҳосилнокии иқтисодӣ ба шумор меравад. Ҳосилнокии иқтисодӣ - ин дар зери таъсири антропогенӣ табдилёфтаи (коркади хок, кашонидани пору ва нуриҳои минералӣ ва воситаҳои ҳимояи растаниҳо) ҳосилнокии табиӣ ба шумор меравад. Ҳосилнокии табиӣ маҷмуи шароитҳои табиие, мебошад, ки ба сифати афзоиши растаниҳо таъсир мерасонад.

Натиҷаи корҳои иҷрогардида доир ба арзёбии сифатии хоки заминҳои кишоварзӣ нишон медиҳад, ки дар нишондодҳои миқдории фарқияти табиии байни заминҳои хоҷагиҳо, ноҳияҳо ҳангоми арзёбии иқтисодии замин истифода мешаванд, ифода меёбад. Бояд дар назар дошт, ки дар баробари арзёбии миқдорӣ, инчунин арзёбии сифатии замин ҳамчун омили асосии истеҳсолот ҷудо карда шуда, ҳосилнокии қитъаҳои ҷудошудаи заминҳои кишоварзиро бо назардошти меъёрҳои баҳогузорӣ ва фазои иқтисодии он тарҳрезӣ менамояд.

Ҳисоб ва андозагирии дараҷаи ҳосилнокии заминҳои босифат ва сифаташ пастро дар асоси ҳолатҳои зерин метавон амалӣ сохт, ки онҳо иборатанд аз:

- арзёбии ҳолати сифати хоки истифодагардида, ки хусусиятҳои табиии худро доро мебошад;

- дигаргун намудани сохтор ва зерсохторҳои амудӣ ва уфуқии майдонҳои кишти зироат ва полезиҳои соҳаи кишоварзӣ;

- муайян намудани дараҷаи нархҳои истеъмолии маҳсулотҳо вобаста аз арзиши аслии маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ;

- сатҳи нархи маҳсулоти истеҳсолӣ, ки ба хароҷоти заруирии ҷамъиятӣ дар занҷираи истеҳсолӣ инъикос гардидааст.

Таҳқиқи ҳолатҳои болоӣ нишон медиҳад, ки замин ҷузъи асосии кадастр ҳамчун раванди бақайдгирии шакл, навъ ва тарзи истифодаи замин дониста шуда, асоси онро ҷамъоварии пардохтҳои таъйиноти гуногундошта ташкил медиҳанд. Таҳқиқи масъалаи мазкур дар доираи таҳқиқотҳои олимони барҷаста, ба монанди «падари иқтисодиёт» Адам Смит нишон медиҳад, ки масъалаҳои вобаста ба муайяннамоии арзиши маҳсулоти истеҳсолшудаи соҳаи кишоварзӣ ва дараҷаи нархгузории он бо ҷараёни пешниҳоднамудаи «дасти ноаён» маънидод менамояд [105, с. 80]. Аз инҷо бармеояд, ки ҳангоми интихоб намудани усули арзёбӣ манфиатҳои субъектҳои хоҷагидор бояд дар назар дошта шаванд. Давид Рикардо бошад, муносибат ба заминҳои кишоварзиро дар асоси назарияи рентавии худ, ки ҳангоми истифодаи оқилонаи замин ба вуҷуд меояд, мавриди омӯзиш қарор медиҳад [45, с. 98].

Иқтисодчии маъруфи даврони шуравӣ А.В. Чаянов ҳангоми таҳқиқи масъалаҳои ҳамгироии иқтисодӣ дар соҳаи кишоварзӣ интихоби усули баҳодиҳии вазъи иқтисодиёти кишоварзиро дар тарҳрезии нақша-чорабиниҳои сатҳи умумиҷумҳуриявӣ ва вобаста аз дараҷаи самаранокии фаъолияти иқтисодӣ, ки танҳо аз ҷониби субъектҳои хоҷагидор амалӣ мешаванд, маънидод менамояд [51, с. 18]. Дигар олими он давр А.А. Варламов бошад, муносибатҳои иқтисодиро ҳангоми муайян намудани дараҷаи самаранокии захираҳои соҳаи кишоварзӣ таҳқиқ намуда, қайд менамояд, ки усулҳои маъруф оид ба муайян намудани усули арзёбии заминҳои кишоварзӣ вобастагии худро ба ҳолати кадастрии замин,

хусусиятҳои ҷуғрофӣ ва муҳити зист, ки бо раванди обёрӣ алоқаманд аст, вобастагӣ дорад [18, с. 43].

Дар баробари олимони болозикр таҳқиқоти олимии дигари даврони шуравӣ, ба монанди А.М. Емельянов ба масъалаҳои арзёбии заминҳои соҳаи кишоварзӣ дар асоси интихоби усули он, ки иборат аз афзоиши сармоя мебошад, қобили пазироӣ дониста мешавад [22, с. 87]. Ба ин монанд, таҳқиқоти олими дигари даврони шуравӣ В.В. Милосердова иборат аз мавқеъгузории рентаи кадастрии заминҳои истифодагардидаи соҳаи кишоварзӣ дониста мешавад. Ӯ қайд менамояд, ки «...Асоси усулро баҳисобгирии меъёрҳои истеҳсоли маҳсулот ва арзиши аслии он барои шароитҳои миёна, қимати омили рентавӣ, истеҳсоли мутаъдили воҳиди хӯрока, бозгашти хароҷот ташкил медиҳад» [36, с. 98]. Дар баробари ин, усули арзёбии заминҳои бахши аграрии иқтисодиёт, ки вобастагии худро аз мавҷудияти иқтидори иқтисодӣ доранд, мансуб ба қалами Н.И. Слюсарева дониста мешавад ва ӯ нархнома (баҳогузори)-и дараҷаи меъёргирии заминҳои истифодагаридаро вобаста аз фишангҳои иқтисодии андозбандӣ, иҷорадиҳӣ ва гузоштани гарав бевосита алоқаманд медонад.

Яке аз усулҳои бозоргонии баҳисобгирифташуда муайян кардан арзиши заминҳо мебошад. Ҳисобу китоби иттилооти пайдошуда дар минтақаи табиӣ – иқтисодӣ истифодаи нархҳои фурӯши маҳсулоти кишоварзиро дар ба мегирад.

Дар доираи таҳқиқот таҳлили ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии интихоби усули арзёбии қитъаи заминҳои кишоварзӣ ба он оварда мерасонад, ки на дар ҳамаи минтақаҳо омилҳои таъсиррасон, сабаби асосии ба даст овардани фоидаи иқтисодӣ дар шакли рентаи замин мегарданд ва онҳо пайдарҳамии зеринро дар худ инъикос менамояд:

- ✓ ҳангоми истеҳсоли маҳсулот интихоби навъи гуногуни маҳсулоти истеҳсолгардида аз ҷониби субъекти истеҳсолкунанда, ки дар замини он парвариши маҳсулот имкониятҳои васеъро доро мебошад;
- ✓ ҳангоми муайян намудани дараҷаи нархгузории маҳсулоти истеҳсолшуда ҳадди ақали онро нишон додан;

- ✓ аз ҳам ҷудо намудани унсурҳои таркибии нархмуайянкунӣ ва ба ин васила таҳия ва коркард намудани стартегияи нархгузории дақиқи маҳсулоти истеҳсолшудаи соҳаи кишоварзӣ;
- ✓ ошкор намудани андозаи рентаи замин, ки барои истеҳсоли маҳсулот ва рафти фурӯши он таъсири бевосита мерасонад ва дар натиҷа аз ҳисоби маҳсулнокии баланди маҳсулот андозаи он дигаргун карда мешавад.

Бояд дар назар дошт, ки рентаи замин хусусиятҳои хосси худро доро буда, унсури асосии он дараҷаи пардохтпазирии он маҳсуб ёфта, барои қонеъсозии талаботҳои аҳолӣ, ки дар ҳудуди минтақаи муайян (дар мисоли таҳқиқоти илмӣ – вилояти Хатлон) ҳамчун маҳсулоти озуқаворӣ шинохта мешавад, бо андозаҳои гуногун, ки дар худ нархи муайянро дорад муайян карда мешавад. Нархи бозории замини кишоварзӣ дар ин ҳолат тавассути зариби 2.9% муайян карда мешавад ва аз ин ҳисоб истеҳсолкунандаи маҳсулоти кишоварзӣ фоидаи иқтисодиро метавонад ба даст орад.

Истифодаи методи хароҷоти муҳосибаи рентаи дифференсиалӣ, ки онро методи клаиссикӣ низ номидан мумкин аст, ба мақсад мувофиқ мебошад [7]:

$$Р_з = (Н_ф - Н_{ии}) х Х_м, \quad (2)$$

дар ин ҷо $Р_з$- рентаи замин, сомонӣ/га;

$Н_ф$- нархи фурӯш, сомонӣ/га;

$Н_{ии}$ - нархи истеҳсолӣ, сомонӣ / сентнер;

$Х_м$ - ҳосилнокии мутаъдил, сентнер/га.

Нархи инфиродии истеҳсолот мутобиқи формулаи зерин муҳосиба карда мешавад:

$$Н_и = А_м х З_ф, \quad (3)$$

дар ин ҷо $Н_и$ – нархи истеҳсолот;

$А_м$ - арзиши аслии маҳсулот, сомонӣ/сен;

$З_ф$- зариби фоиданокӣ.

Рентаи дифференсиалӣ ба воситаи методи даромаднокӣ муҳосиба карда мешавад:

$$А_з = [Н_и - (З_{сарм} + С_д + Ф_и + Ф_{соҳ})] х Ҳ \quad (4)$$

Дар ин ҷо $А_з$- рентаи замин;

$Н_и$– нархи истеҳсолӣ;

$З_{сарм}$ – зариби сармоягузорӣ;

$С_д$ – сармояи доимӣ;

$Ф_и$ – фоидаи иловагӣ;

$Ф_{соҳ}$ – фоидаи соҳибкорӣ;

Ҳ – ҳосилнокии меъёрӣ.

Асоснокунии зариби ҳаракати сармоя дар заминаи меъёри дарозмуҳлати коғазҳои қиматноки давлатӣ шубҳаро ба миён меорад. Афзалтар он аст, ки агар зариби капитализатсия аз рӯйи қурби бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақсади ба эътидол овардани бозор ҳисоб карда шавад.

Ба камбудиҳои услуб ҳамчунин пӯшидагии маҳсулоти барномавӣ, ки ба ворид намудани тағйирот ба зариби ҳисоб ва формулаҳо дар сатҳи истифодабарандагон мушкилиҳо ба пеш меорад, дохил мешавад.

Олимони дигар аз қабили Н. В. Комов ва Д. Б. Аратский услуби нархҳои меъёрии заминҳои таъйиноти соҳаи кишоварзиро асоснок карда тавсия намудаанд, ки арзиши қитъаи мушаххаси замин тавассути формулаи дар поён нишондодашуда муайян карда мешавад [29, с. 73]:

$$А_{мқз} = М_а * З * М * З_м * З_{мқ} * Ш_т \quad (5)$$

дар ин ҷо $А_{мқз}$- арзиши меъёрии қитъаи замин;

$М_а$– меъёри андози 1 – гектар замини кишоварзии мушаххас вобаста ба ҳудуди маъмурӣ;

З – Зариби муайяни нархи меъёрии заминҳои кишоварзӣ барои ҳудуди муайян;

М - масоҳати қитъаи замин, га;

$З_м$– зариби минтақавӣ (мутобиқшуда), ки макони ҷойгиршавии қитъаи заминро дар минтақаи мушаххас инъикос менамояд;

$З_{мқ}$– Зариби минтақавӣ ба арзиши қитъаи замин вобаста ба шакл ва намуди заминҳои кишоварзӣ;

$Ш_{т}$ – шохиси таваррум, ки сатҳи умумии нархҳоро дар ҳудуди минтақа ифода менамояд.

Афзалияти усули мазкур дар содагӣ, муқаррарии қисми ҳисобҳо ва дастрас будани он мебошад. Ҳамаи бузургиҳо (пардохти андоз, зариби гузаронидан ба нархи меъёрӣ ва ғайраҳо) дар тартиби мутамарказонидашуда тасдиқ шудаанд.

Яке аз камбудиҳои асосии услуби интихобгардида иборат аз он аст, ки он алоқамандиро ба содагӣ ва миёнакунонии ҳисобҳо инъикос месозад.

Таҷрибаи арзёбии қитъаҳои замин дар доираи ҳудуди муайян нишон медиҳад, ки ҳисоби дифференсиали (гуногун)-и ҳосилнокӣ ва маҳсулнокии замин дар асоси ҷой доштани зарибҳои барзиёд ба натиҷаҳои бадастомада таъсири бевоситаро мерасонад.

Таҳлили интихоби усулҳои ҷойдоштаи арзёбии заминҳои соҳаи кишоварзӣ дар доираи ҳудуди муайян нишон медиҳад, ки ҳамаи усулҳои ҷойдоштаро ба чунин гурӯҳҳо тақсим намудан имконпазир мебошад:

– усулҳои бозории қиёсӣ, ки раванд ва ҷараёни алоқамандии таносубҳои унсурҳои бозориро вобаста аз фурӯши молу маҳсулоти таъйиноти гуногундошта дар назар дорад;

– тақсим намудани хароҷотҳои ҷойдоштаи истеҳсолкунандагони маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ, ки барои ихтиёрдорӣ, нигаҳдорӣ ва сафарбар намудани заминҳои таъйиноти нави соҳаи кишоварзӣ нигаронида шудаанд ва баробарии ҳолати истифодаро дар худ инъикос месозанд;

– усули фоидагирӣ, ки дар худ вобаста аз мавҷудияти номуайянӣ ва таваккал даромади интизориро ба вуҷуд меоранд.

Истифодаи ду муносибати аввала дар шароити иқтисодии бавуқуъпайваста мушкил аст. Ин ҳолат дар шароити минтақаҳои кишвар ба сабаби набудани бозори рушдёфтаи заминҳои кишоварзӣ ва гардиши озоди онҳо алоқаманд мебошад.

Таҳлилҳои минбаъда дар доираи методи даромаднокӣ оварда мешавад. Методи баҳисобгирӣ ба формулаи классикии арзиши замин асос ёфта, иловатан барои истифодаи амалӣ одӣ ва дастрас мебошад ва сатҳи тағйирёбии нархҳоро ба маҳсулоти кишоварзӣ ба назар мегирад. Арзишҳои асосии замин дар муносибати зерин - даромади интизорӣ аз истифодаи вай ва зариби гардиши сармоя мебошад [109, с. 82]:

$$А=\frac{Д}{З}, \qquad (6)$$

дар ин ҷо: А – арзиши замин;

Д – даромад;

З – зариби гардиши сармоя мебошад.

Дар шароити рушди муносибатҳову механизмҳои бозории истифобарии заминҳои кишоварзӣ таҳлилу арзёбии иқтидори иқтисодии он бояд дар доираи методи даромаднокӣ суръат гирад, ки ин раванд сатҳи сармоягардии заминҳои кишоварзиро ҳамчун дороии асосии субъектҳои хоҷагидор нишон медиҳад. Арзиши замин ҳамчун суммаи даромадҳо дар як давраи мушахас муайян карда мешавад. Дар ин ҷо даромадро рентаи аз замин гирифташуда ташкил менамояд. Мақсади ниҳоӣ арзиши замин мебошад, аммо барои ба даст овардани вай формулаҳои тартибдиҳандаро таҳлил кардан зарур аст, чунки онҳо дорои як қатор хусусиятҳои вижа мебошанд.

Зариби баргашти сармоя-ин меъёре мебошад, ки афзалияти даромади софро дар арзиши молумулки ғайриманқул ифода менамояд. Муҳлати баргашти сармоя – бузургии аксии зариби сармоягардӣ мебошад. Аз ин гуфтаҳо бар меояд, ки замин ҳамчун омили асосии истеҳсолот дар худ муносибатҳои иқтисодиро оид ба амволи ғайриманқул доро буда, аз дигар амволе, ки шабеҳи он аст бо хусусиятҳое фарқ менамояд, ки дар ҷадвали 1.2 оварда шуда, хосияти замин ҳамчун мол нишон дода шудаанд. Муҳлати сармоягардӣ тахминан ба (вобаста ба шароитҳои истифода) муҳлати ҳаёти иқтисодӣ вобаста аст.

Чи тавре аз ҷадвал аён мегардад, замин ҳамчун мол шуруъ аз таъйинот то дараҷаи шаклгирии фаъолияти иқтисодии субъектҳои хоҷагидор бо хусусиятҳои

хосси худ аз дигар омилҳои истеҳсолӣ фарқ намуда, ҳангоми ба ҳисобу китоб гирифтани арзиши замин нуқтаҳои назари муайян мавриди истифода қарор дода мешаванд.

Дар як ҳолат зариби самоягардиро мувофиқи фоизи солонаи депозит (амонат) дар бонк мувофиқи принсипи алтернативии гузоштани сармоя қабул менамоянд, дар ҳолати дигар аз рӯйи фоиданокии гузоштани сармоя дар соҳа, муайян карда мешавад. Муҳлат аз ҷониби олимон пешниҳод гардида, дар муҳлати сармоягардии замин - аз 10 то 100 сол мебошад. К. Маркс ин муҳлатро вобаста ба фоизҳои бонкӣ муайян намудааст. Барои шароити ҷомеаи сармоядорӣ фоизи мутаъдили самаранокии сармоягузорӣ ба замин аз рӯйи андозаи 5% - и сармоягузорӣ муайян карда мешавад (бинобар ин муҳлати сармоягардӣ 20 солро ташкил медиҳад).

Ҷадвали 1.2. - Хусусиятҳои замин ҳамчун амволи ғайриманқул (мол)

Хосият	Шарҳу эзоҳ
Таъйинот	Бисёрфункисиягӣ: иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ғайраҳо
Пайдоиш	Такрористеҳсолнашаванда, ҷузъи асоситабиат, захираҳои асосии ҳамаи неъматҳо новобаста аз мавҷудияти инсоният
Дараҷаи дигаргуншавӣ	Беҳарактии мутлақ, ҷисман вайро ба дигар ҷойи беҳтар кӯчонидан мумкин нест. Вобастагии калони нархҳо ба макони ҷойгиршавии замин
Шумора	Доимӣ, маҳдуд, дар асл такрористеҳсол намегардад
Сифатнокӣ	Макони ҷойгиршавӣ, ҳосилнокӣ, релеф муайян карда мешаванд
Ивазшавӣ ба дигар захираҳо	Ба ҷойи ягон захираи дигар иваз карда намешавад
Ташкилёбии арзиши истеъмолӣ	Тавассути неруи табиӣ ва гузоштани меҳнат ва сармоя ба вуҷуд оварда мешавад
Куҳнашавӣ ё фарсудашавӣ дар раванди истифода	Куҳна намешавад, нобуд намешавад, хосиятҳои фоиданокии худро гум намекунад, дар раванди истифодаи оқилона беҳтар мегардад
Тағйирёбии арзиш бо мурури вақт	Ба таври потенсиалӣ нарх паст намегардад, бо сабабҳои афзудани маҳдудият, камчинӣ, таваррум ва дигар омилҳо баланд мегардад
Давомнокии гардиши хоҷагидорӣ	Истифодаи бе охир
Шаклҳои фаъолият дар соҳаи соҳибкорӣ	Аслӣ, моддӣ ва арзишмандӣ

Сарчашма: *дар асоси омӯзиши адабиёти илмӣ аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.*

Арзиш - бузургии аксии зариби сармоягардӣ, мувофиқан ҳамон қадаре, ки вай кам бошад, ҳамон қадар арзиши замин баланд меравад. Аз ин рӯ, ҳангоми арзёбии заминҳои соҳаи кишоварзӣ дар ҳудуди Тоҷикистон зарур аст, ки зарибии ягонаи сармоягузорӣ истифода карда шавад, чунки дар ин ҳолат қиёскунии натиҷаҳои ба даст оварда шуда, таъмин карда мешаванд.

Муайян намудани даромад аз рента, ки яке аз ҷузъи муҳимми арзиши замин ба ҳисоб меравад, дорои хусусиятҳои хосси худ мебошад. Масъалаи пайдоиш ва ташакулли рентаи замин аз даврaҳои хеле дур зери таваҷҷуҳи муҳаққиқон қарор гирифта буд. Аммо барои пурра ва ба таври амиқ асоснок намудани бузургии рента бояд ба муқаррароти назарияи рентаи замин назар андозем.

Хулосаи зербоби болозикр нишон медиҳад, ки ҳамаи хароҷотҳои таъсиррасон, гурӯҳбандии онҳо, дараҷаи фоидагирӣ ва ҳисоби сарчашмаҳои даромаднокӣ дар соҳаи кишоварзӣ, ки мансуб ба як минтақаи муайян аст, дар асоси коркард ва ҷалби ҳар чи бештари технологияҳои пешқадами муосир имкониятҳои субъектҳои хоҷагидорро васеъ менамояд. Дар баробари ин, нишондиҳандаҳои иқтисодии замин, ба монанди ҳосилнокӣ ва маҳсулнокии заминҳо, ки аз шакл, намуд ва навъи заминҳои соҳаи кишоварзӣ вобастагӣ доранд, бо олотҳои идоракунӣ ва қисматҳои таркибии он, аз қабили танзим, назорат ва иҷрои ҳолати қарорҳои идоракунии дахлдор вобастагӣ доранд.

Самаранокии иқтисодии дилхоҳ замин ва фаъолияти хоҷагидорӣ дар асоси баҳисобгирӣ ва арзёбии омилҳои гуногун муайян карда мешавад. Самаранокии муносибати замин дар соҳаи кишоварзӣ бо назардошти шаклҳои мавҷудаи моликият, афзоиши маҳсулнокии меҳнат, устуворӣ ва мувозинатии низоми пардохтпазирии субъектҳои хоҷагидор, модернизатсияи бахши воқеии иқтисодиёт, пурзӯр намудани асосҳои ниҳодӣ (институтсионалӣ) баҳри самаранок истифода намудани захираҳои замин аз таҳқиқи таҷрибаи давлатҳои пешқадам дарак медиҳад. Барои таъмини муносибати дуруст ба заминҳои кишоварзӣ аҳаммияти иҷтимоӣ-иқтисодиро аз самаранокии иқтисодии истифодаи замин, новобаста аз шакли моликият ҷудо намудан мувофиқи мақсад мебошад.

1.3. Таҳқиқи таҷрибаи хориҷӣ доир ба ташкили таъминоти иттилоотии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ

Таҳқиқи таҷрибаи давлатҳои хориҷа дар асоси он пойдориву рушди иқтисодиёти бозорӣ методҳои асосии танзими давлатии муносибатҳои замин дар КАС, ба ақидаи мо бо назардошти таҷрибаи мамлакатҳои аз ҷиҳати бозор рушдёфта, чи мамлакатҳои хориҷи наздик ва чи мамлакатҳои хориҷи дур, ки дар онҳо таҷрибаи баланди арзёбии иқтисодии замин андӯхт шудааст, ташаккул меёбад. Аммо ин маънои онро надорад, ки мо танҳо ба таҷрибаи хориҷӣ такя намоем, таҷрибаи ватаниро ба назар нагирем, дар ин самт Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои иқтидори баланди илмӣ мебошад. Аз ин рӯ, барои мо услуби дорои механизми хуби мантиқӣ, аз ҷиҳати иқтисодӣ асосноккардашуда лозим мебошад, ки мо битавонем бо истифода аз он ҳолати заминҳои кишоварзии Тоҷикистонро таҳлил ва арзёбӣ намоем.

Дар доираи санадҳои меъёрию ҳуқуқии кишвар, аз ҷумла Кодекси шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гаравгузории молу амволи ғайриманқул» омадааст, ки «ба молу амволи ғайриманқул қитъаҳои замин, заминҳои таъйиноти истихроҷи маъданҳо, хулоса ҳамаи он таъсисоте, ки ба таври устуворона бо замин алоқамандӣ доранд, аз ҷумла биноҳо ва иморатҳо мансуб мебошанд». Қайд кардан ба маврид аст, ки дар мамлакатҳои ғарб замин беш аз 30 % - и арзиши молу амволи ғайриманқулро ташкил менамояд. Дар луғати амрикоӣ ба молу амволи ғайриманқул замин ва ҳамаи он таъсисоте, ки ба вай алоқамандаст, мансуб дониста мешаванд. Ба категорияи моликият ҳаммаъно якчанд калимаҳо ва ибораҳои дигар дар доираи адабиётҳои иқтисодӣ вомехӯранд, ки маънои иқтисодии онҳо вобаста ба таъйиноти дараҷаи истифодабарӣ фарқ кунонида мешавад. Дар баъзе аз таҳқиқотҳои илмӣ ҳангоми бартараф намудани муаммоҳои заминистифодабарии соҳаи кишоварзӣ ва таҳқиқи механизми танзими давлатии фаъолият замин на ҳамчун омили истеҳсолот, балки ҳамчун моли махсус дар шакли амвол, ки он дар навбати худ ба амволи манқул ва ғайриманқул тақсим мегардад, таҳлил карда мешавад [56, с. 13]. Ҳамаи воситаҳои асосӣ ва ёрирасони корхонаҳои соҳаи

кишоварзӣ, ки дар худ бино, иншоот, дастгоҳҳои асосии истеҳсолӣ дарахтҳои бисёрсола ва дигар воситаҳоро доро мебошанд, ба он қисмати амволи ғайриманқул ворид карда мешаванд, ки ҳангоми арзёбии сатҳи капитализатсияи корхона ба категорияи моликият ворид карда мешаванд.

Таҳқиқи ҷанбаҳои назариявии моликият ва мафҳумҳои иқтисодии ба он монанд, ки гурӯҳи муаллифон [21, 57, 62, 66] самти омӯзиши худро ба он равона сохтаанд, водор месозад, ки муносибатҳои иқтисодии субъектҳои хоҷагидорро ба гурӯҳҳои алоҳида ҷудо намуд ва ин ҳам бошад иборат аст аз:

- муносибатҳои иқтисодии субъектҳо ҳангоми аз худ намудани қисмати асосии моликият, ки ба афзоиши ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда оварда мерасонад ва саҳми бештарро замин ишғол менамояд. Ин қисматро танҳо муносибатҳои иқтисодии субъектҳои хоҷагидор ташкил медиҳанд;
- муносибатҳои субъектҳо, ки ҳангоми таҳқиқотҳои муштарак, ба монанди геоэкология амалӣ карда мешаванд ва асоси онро ҳолати экологии моликият ташкил медиҳад. Дар ин гуна мавридҳо ҳифзи муҳити зист хоҷагидоронро водор месозад, ки барои нигоҳ доштани ҳолати экологии замин хароҷотҳои иловагӣ ба инобат гиранд;
- муносибатҳои иҷтимоии субъектҳои хоҷагидор, ки ба баланд гардидани сатҳ, сифат ва дараҷаи некуаҳволии аҳолӣ равона гардидаанд ва ин ҳолат, дар маҷмуъ, ба беҳтар гардидани муҳити иҷтимоӣ таъсири мусбӣ мерасонад;
- муносибатҳои субъектҳои фаъолияти иқтисодӣ, ки хусусиятҳои минтақавии фаъолиятро дар асоси таъсири омили антропогенӣ (таъсири инсон ба табиат ва ҳолати ҷуғрофӣ) ба роҳ монда мешаванд.

Дар таҳқиқот қайд мегардад, ки дар давлатҳои хориҷа, махсусан давлатҳои тараққикардаи дунё захираҳои ҷойдоштаи заминро ҷузъи таркибии гирдгардиши иқтисодиёт, яъне такрористеҳсоли маҳсулотҳои истеҳсолӣ ва истеъмолӣ ташкил медиҳанд. Ҳангоми афзоиши истеҳсоли маҳсулот диққати асосӣ ба он воситаҳо, олот ва захираҳое равона мегардад, ки ба сарчашмаҳои фойдагирӣ алоқамандии бевосита доранд. Масалан, ҳангоми гирифтани рента танҳо аз ҳисоби заминҳои

кишоварзӣ ё ин ки муносибат ба моликият дар шакли молу амволи ғайриманқул (бино, иншоот, воситаҳои истеҳсолии муҳлати истифодааш аз 25 сол зиёд). Раванди кӯчонидани воситаҳо ва фондҳои асосии истеҳсолии субъектҳои фаъолияти иқтисодии соҳаи кишоварзӣ бояд дар худ дараҷаи суръатнокиро аз ҳисоби афзоиши мутаносибии фаъолияти иқтисодӣ дошта бошанд, яъне фаъолияти истеҳсолии корхонаҳо ҳолати мунтазамиро бояд нигоҳ дорад. Дар баъзе мавридҳо ҳангоми кӯчонидани воситаҳои асосӣ фаъолият дар муддати кӯтоҳ қатъ мегардад ва ин ҳолат ба дараҷаи самаранокии фаъолияти иқтисодӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Дар таҷрибаи воқеии субъектҳои заминдориву заминистифодабарандагон шахсони гуногуни ҳақиқӣ ва ҳуқуқӣ вомехӯранд. «...Дар замони муосир дар сохтори заминистифодабарандагони соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ хоҷагиҳои фермерӣ дорои вазни хос мебошанд. Масалан, дар Федератсияи Россия беш аз 73% - и заминҳои кишоварзӣ ба онҳо тааллуқ дорад» [104, с. 60]. Махсус бояд қайд намуд, ки хоҷагиҳои деҳқонӣ, хоҷагиҳои ёрирасон, инчунин дигар шаклҳои хоҷагидорӣ саҳми худро ҳангоми самаранок истифода бурдани заминҳои кишоварзӣ ва рушди соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар умум ва таъмини амнияти озуқаворӣ гузошта истодаанд. Ҳамзамон ҳиссаи хоҷагиҳои ёрирасон, наздиҳавлигӣ низ дар ҷумҳурӣ зиёд шуда истодааст. Чунин шаклҳои хоҷагидорӣ, ба монанди хоҷагиҳои кооперативӣ, хоҷагиҳои давлатӣ ҷойи худро ба хоҷагиҳои фермерӣ ва дигар шаклҳои хоҷагидории бозорӣ дода истодаанд.

Ҳамин тариқ, омӯзишу таҳқиқ собит менамояд, ки истифодаи дурусти замин аз ҷанбаҳои институтсионалии он сарчашма гирифта, ба субъектҳои хоҷагидорӣ имкониятҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодиро фароҳам меоварад. Маҳз аз ҳамин сабаб, уфуқҳои асосии истифодаи оқилона ва самараноки захираҳои замин пешниҳод гардида, тавассути ташкили истеҳсолоти дурусти кишоварзӣ иқтидори иқтисодии захираҳои замин муайян мегардад. Гузашта аз ин, заминистифодабарандагон самти фаъолияти иқтисодии худро интихоб намуда, дар шакли шахсони ҳуқуқӣ ё воқеӣ дар иқтисодиёти кишоварзӣ иштирок менамоянд.

Бояд қайд намуд, ки соҳибкорони бахши аграрӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва дигар шакли хоҷагиҳо соҳибмулк буда наметавонанд. Дар низоми замин истифодаи иқтидори иқтисодии қитъаҳои заминҳои кишоварзӣ унсурҳои асосӣ ба монанди соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ ҷойгоҳи муҳим дорад. Алоқа дар байни ин унсурҳо ба тариқи зайл ба роҳ монда мешавад: ихтиёрдориро истифода муайян менамояд, истифодаро соҳибмулк муайян менамояд. Дар шароити ҷумҳурӣ, дар ҳолате ки соҳибмулки ягонаи захираҳои замин давлат ба шумор меравад, бинобар ҳамин зарур дониста мешавад, ки боз ҳам моҳияти иқтисодии ҳуқуқи моликият ба замин амиқтар шарҳ дода шавад.

Ҳуқуқи моликият ба заминро, асосан дар асоси санадҳои меъёрию ҳуқуқии танзимкунанда ва муносибати сохторҳои (заминистифодабарандагон), ки онҳо дар алоқамандӣ бо мавҷуд будани қитъаи замин ва истифодаи он пайдо мешаванд, метавон мавриди баррасӣ қарор дод. Ин муносибатҳо меъёрҳои рафтори фарҳангиро доир ба истифодаи замин инъикос менамоянд, ки дилхоҳ субъект дар ҳамкорӣ бо дигар субъектҳо бояд онҳоро риоя намояд ва дар сурати риоя накардани он меъёрҳо машғули пардохти ҷарима хоҳад шуд. Ҳамин тариқ, ҳуқуқи моликият ин «қоидаҳои рафтори» муайяни қабулгардида дар мамлакат мебошад. «Ҳуқуқи моликият ин ҳуқуқи назорат аз болои истифодаи захираҳои муайян ва тақсими хароҷот ва даромадҳои ба даст омада дар ин давра мебошад. Маҳз ҳуқуқи молкият ҳамаи қоидаҳои доду гирифти одамонро дар ҷомеа муайян мекунад» [19, с. 102].

Дар сурати дуруст ва дақиқ муайян шудани сохтори моликият оид ба истифодаи самараноки замин, заминистифодабарандагонро (субъектҳои хоҷагидор)-ро аз лиҳози манфиатнокии дараҷаи фоидагирӣ ҳавасманд менамояд. Дар ин гуна ҳолат ба дигар субъектҳо низ дар шакли синергетикии манфиати иқтисодӣ мусбӣ арзёбӣ мегардад. Дар раванди мубодила ҳуқуқи моликият ба қитъаи замин ба субъекти иқтисодӣ - деҳқони асил дода мешавад, ки вай дар навбати худ хеле хуб медонад, ки замин чи арзиш дорад. Дар чунин шароит тақсими самараи захираҳои замин таъмин карда мешавад. Дар раванди додугирифт онҳо аз ҳолати каммаҳсулӣ ба ҳолати сермаҳсулӣ интиқол меёбанд.

Истифодаи замин дар шароити бозор гардиши босуръати заминҳои кишоварзиро ба вуҷуд меорад, яъне заминистифодабарӣ ё ин ки азнавтақсимкунии ҳуқуқҳо ва функсияҳои онҳо дар асоси ба роҳ мондани амали хариду фурӯш, ҳуқуқ ба қитъаи заминҳои кишоварзӣ, иҷора, тӯҳфа ва амсоли инҳо давра ба давра иваз мешаванд, ба амал меояд. Тавсеи муносибатҳои бозорӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ заминро бо мурури замон ба объекти гардиши хоҷагидорӣ табдил дод, яъне амалан дилхоҳ қитъаи замин метавонад соҳиби нав пайдо намояд. Дар ин ҷо, ҳар як қитъаи замин ба мақсадҳои муайян истифода бурда мешавад ва арзиши муайяни худро дорад.

Он қисмати замин, ки барои истеҳсоли маҳсулот мавриди истифода қарор дода мешавад, бо унсурҳои бозории фаъолият бояд алоқаманд бошад ва ҳангоми ҷой доштани қарорҳои нодурусти қойдаҳои бозорӣ зарурати бозбинии он дар ҳолатҳои иҷро низ бояд дигаргун карда шавад. Ба сифати мисол ҳангоми мунтазамии фаъолияти иқтисодии вобаста ба фурӯши маҳсулот нархҳои бозории маҳсулоти истеҳсолгардида танҳо ба он қисмати моликият бояд дигаргун карда шаванд, ки дар занҷираи истеҳсолии маҳсулот истифода гардидаанд. Ҷузъи таркибии моликият он қитъаҳои замин мувофиқ дониста мешаванд, ки вобаста аз вазифаҳои иҷронамуда ба шаклҳои зерини фаъолияти иқтисодӣ ҷудо мегарданд:

- ҳолати истифодаи замин вобаста ба мақсадҳои гузошташудаи корхонаҳои истеҳсолӣ. Он корхонаҳои истеҳсолие, ки вобаста ба манфиатҳои иқтисодии худ шарт ва қоидаҳои фаъолиятро муайян менамоянд, бо дигар корхонаҳои истеҳсолии маҳсулотҳои якранг мутобиқ гардонида шаванд. Корхонаҳои калон харидории ҳуқуқи моликиятро ба қитъаҳои замин ташкил менамоянд, аз ҷумла механизмҳои гузаронидани онҳоро ба сармояи оинаномавӣ истифода мебаранд;
- сохтани биною иншоот дар заминҳои кишоварзӣ. Ҳолати истифодаи замин дар пояи чунин фондҳо имкониятҳои иқтисодии субъектҳоро, ки дар зерсоҳаҳои бахши аграрӣ фаъолият менамоянд, дигар менамояд;
- дар ҳолати кунунии ҷумҳурӣ сатҳи талабот ба маҳсулоти соҳаи кишоварзиро, хонаҳо (манзилҳои истиқоматӣ), молумулки ғайриманқули

тиҷоратӣ муайян мекунад. Ҳар қадар ки даромад аз қитъаҳои замин зиёд бошад, ба ҳамон андоза талабот ба замин зиёд мешавад. Бо сабаби он ки дар замони ҳозира даромаднокии истеҳсолоти соҳаи кишоварзӣ паст мебошад, бинобар ҳамин афзудани нархҳо барои қитъаҳои замин тавассути нархномаҳои амволи ғайриманқул муайян карда мешавад, ин амал талабот ба қитъаҳои замин ҷиҳати сохтмони биноҳои истиқоматиро зиёд намуд.

Дар шароити муосир, заминҳое, ки дар ихтиёри хоҷагиҳои ҷумҳурӣ қарор доранд, дорои самаранокии паст мебошанд. Ҳамзамон зиёдшавии талаботи хоҷагиҳо ба қитъаҳои замин ба мушоҳида мерасад. Масъалагузории таҳқиқоти илмӣ сабаби ҷой доштани муаммҳо ва мушкилотҳои зеринро ҳангоми дуруст ба роҳ намондани он муносибатҳои иқтисодии субъектҳои хоҷагидори соҳаи кишоварзӣ ва, дар маҷмуъ, бахши аграрӣ медонад, ки дар алоҳидагӣ меъёрҳо сохта тарҳрезӣ менамоянд ва манфиатҳои дигар корхонаҳои самти фаъолияти худро ба инобат намегиранд.

Сатҳи пасти ҳосилнокии меҳнат дар соҳаи кишоварзӣ ва мувофиқан сатҳи пасти даромаду рақобатпазирӣ, онҳоро маҷбур месозад, ки роҳҳои нави истифодаи заминро барои пешбурдани ҳаёт ҷустуҷӯ намоянд. Бояд қайд намуд, ки новобаста ба уҳдадориҳои қарзии калони субъектҳои хоҷагидор, яке аз роҳҳои муҳимми баромадан аз буҳрони молиявию – иқтисодӣ дар оянда истифодаи воситаҳои қарзӣ маҳсуб меёбад. Дар чунин ҳолат захираҳои қарзии дарозмуддат ва мақсаднок, истифода бурдани онҳо, ҷорӣ намудани технологияи муосир, баланд бардоштани ҳосилнокии замин, яъне барқароркунонии иқтидори истеҳсолии соҳа аҳаммияти махсус доранд. Аммо раванди қарздиҳӣ на бо сабабҳои набудани захираҳои қарзӣ, балки мавҷуд будани хавфу хатари баргардонии он тамоюли заиф дорад. Дар ҳақиқат, қобилияти пасти пардохтпазирии корхонаҳои кишоварзӣ сабаби берун рафтани захираҳои молиявӣ аз соҳаи кишоварзӣ мебошад.

Аз соли 1965 то инҷониб дар Олмон «арзёбии пулӣ»-и заминҳои соҳаи кишоварзӣ бо назардошти махсусияти онҳо (зироаткорӣ, боғпарварӣ) доир карда мешавад. Дар баъзе аз таҳқиқотҳо қайд мегардад, ки арзёбии захираҳои замин аз

фоидаи дар ихтиёрдоштаи субъектҳо вобаста буда, мунтазамии фаъолият ба афзоиши дараҷаи рақобатпазирӣ дар бозорҳои истеъмолӣ вобаста аст [10]. Ҳамаи хароҷотҳои ҷойдошта (доимӣ ва тағйирёбанда) аз дараҷаи фоидагирӣ дар шакли музди меҳнат муайян ва ошкор мегарданд. Ба ғайр аз ин сатҳи даромаднокӣ ва таъминот ба воситаҳои истеҳсолот, таркиби механикии хок ба назар гирифта мешавад, ки ба хароҷоти коркарди мошинии қитъаҳои замин, ҳамчунин вазни хосси заминҳои киштнашаванда, макони ҷойгиршавии хоҷагӣ ба назар гирифта мешавад.

Арзёбии қитъаҳои замини кишт ва чарогоҳҳои табиӣ дар алоҳидагӣ гузаронида мешавад. Барои ин, арзёбии нисбии қитъаҳои замин истифода бурда мешавад. Баҳогузорӣ бо холҳо ҳосилнокии мансуббударо ба қитъаи замин нисбат ба «қитъаи намунавии замин», ки ба 100 хол баробар аст, муайян карда мешавад.

Як гурӯҳи нишондиҳандаҳои иқтисодиёт ҷой доранд, ки барои арзёбии фаъолияти иқтисодии заминистифодабарандагони соҳаи кишоварзӣ муҳим ва саривақтӣ дониста мешаванд ва муайян намудани ҳисса ва таъсири онҳо вобаста аз чунин ҳолатҳо дониста мешавад:

- ошкор намудани ҳиссаи истеҳсоли маҳсулоте, ки барои зерсоҳаи кишоварзӣ, яъне чорводорӣ зарур аст (махсусан хӯроки чорво дар шакли алаф) ва он аз ҳисоби майдонҳои кишти дубора ба даст оварда мешавад;
- муайян намудани маҳсулоти тозаи стандартӣ барои ҳар як хоҷагӣ, бо роҳи зарбкунии майдонҳо, ки зери зироатҳои амиқ ҷудо карда шудааст бо бузургии миёнаи истеҳсол дар соҳаи маҳсулоти стандартӣ зироатҳои мувофиқ;
- дар чорводорӣ низ шумораи чорвои парваришшаванда ба истеҳсоли маҳсулоти стандартии чорводорӣ ба як сар чорво дар соҳа зарб карда мешавад;
- дар ниҳоят маҳсулоти стандартии тоза барои ҳар як хоҷагӣ ба майдони умумии онҳо тақсим карда мешавад ва маҳсулоти тоза дар асоси воҳиди майдонҳои кишти хоҷагӣ муайян карда мешавад.

Маълумотҳои бадастомада аз арзёбии иқтисодии замин барои андозбандӣ ва фаъолияти маблағгузорӣ ва амсоли инҳо мавриди истифода қарор дода мешаванд.

Дар диссертатсия таҷрибаи шоҳигарии Испания доир ба масъалаҳои вобаста ба баҳодиҳии иқтисодии заминҳо мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Таҷрибаи пешбурди фаъолияти иқтисодии субъектҳо зери таъсири бевоситаи даврaҳои истеҳсолӣ қарор гирифта, дар мадди аввал дар фазои иқтисодии ҳудудҳои истеҳсолӣ қайди давлатии маҳсулотҳо (зироатҳо)-и парваришёфта гузаронида мешавад. Баъдан арзёбии ҳар як намуди зироати истеҳсолӣ дар асоси таҳлилҳои ҷойдоштаи мақомотҳои маҳаллӣ гузаронида мешавад. Дар ин давра майдонҳои кишт (зироатҳои парваридашуда) ошкор гардида, дараҷа ва сатҳи истеҳсолӣ, яъне экстенсивӣ ва интенсивии он асоснок карда мешавад. Марҳила (давра)-и сеюм бошад, ба арзёбии шакли моликияти замин, яъне он қитъаҳои замин, ки таъйинити кишоварзидошта шинохта шудаанд, равон мегардад. Чунин таҷриба дар оғози асри XXI дар баъзе аз минтақаҳои Федератсияи Россия мавриди баҳрабардорӣ қарор дода мешавад [44, с. 104].

Раванди ҷалби сармоягузорӣ ба соҳибмулкони соҳаи кишоварзӣ аз ҷониби давлат танзим ва назорат гардида, ҳиссаи сармоягузор дар андозаи 3% қабул карда мешавад ва он ба дараҷаи ҳосилнокӣ ва маҳсулнокии заминҳои истифодашаванда вобаста мебошад. Пайдарҳам гирифтани фоида аз ҳисоби қитъаи замини истифодашаванда марҳилаҳои худро дошта, ҳамаи онҳо такя ба дараҷаи интенсивии раванди истеҳсолот алоқамандӣ доранд. Ҳар қадаре ки экстенсив ба интенсив бо суръат сурат гирад, ҳамон қадар даромади иқтисодии субъектҳои хоҷагидор афзоиш меёбад. Бояд дар назар дошт, ки дар шоҳигарии Испания дараҷаи даромаднокии ҳадди ақал ва ҳадди аксар ҷой доранд ва бинобар ин, ҳамаи субъектҳои хоҷагидор даромади оптималӣ (беҳтарин)-ро зери таъсири омилҳои иқтисодӣ мунтазир ҳастанд. Илова бар ин ҳар як намуди зироати парваришгардида дар алоҳидагӣ арзёбӣ гардида, ҳиссаи умумии ҳамаи зироатҳо барои муайян намудани дараҷаи даромаднокӣ низ ошкор мегардад.

Амалиётҳои арзёбӣ дорои маҷмуи итиллоот буда, танҳо ба мақсади ташкили андозбандии адолатнок гузаронида мешавад. Муайян кардани андоз дар ду шакли даромад аз рӯйи андозбандии даромад асоснок карда мешавад:

- квотаи муқарраркардашуда - то ба муддати 5 - сол тағйир намеёбад ва ба даромади софи меъёрӣ ба 1 гектар замин мувофиқат мекунад;

- имтиёзҳои андозӣ дар шакли квотаҳои давраи аввали фаъолият, минбаъда (ҷамъбастӣ) ва ҳарсолаи муносиб ба арзиши маҳсулоти истеҳсолгардида вобаста ба ҷой доштани хароҷотҳои доимӣ ҳиссагузор мебошанд.

Таҷрибаи яке аз давлатҳои тараққикардаи дунё, ба монанди ИМА нишон медиҳад, ки арзёбии иқтисодии замин ҳамчун омили истеҳсолот ва воситаи асосии пешбурди фаъолияти иқтисодии хоҷагиҳои деҳқонӣ ва фермерӣ дорои хусусиятҳои асосии фарққунанда буда, майдонҳои кишт аз ҳисоби захираҳои бойи замини давлат сол ба сол зиёд карда мешаванд ва вобаста ба манфиатҳои иқтисодии субъектҳо хусусӣ гардонида мешаванд. Ҳамасола ҳиссаи молистеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ дар ҳиссаи умумии соҳаи кишоварзӣ, ки барои маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ лозим аст, бо маротиб зиёд гардида истодааст. Дар таҷрибаи ИМА мавқеи истифодаи усулҳои иқтисодӣ, дар шакли механизм ва фишанги иқтисодӣ мавриди истифода қарор дода мешаванд. Дар баъзе аз таҳқиқотҳои илмӣ таҷрибаи штати Калифорния яке аз таҷрибаҳои муваффақ дониста мешавад, ки хусусиятҳои асосии фарққунанда иборат аз интихоби усули он дар назар дошта мешавад. Таъминоти иттилоотиву таҳлилии дараҷаи самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ дар инҷо вобаста ба мавҷудияти маълумотҳои омории замин, ба монанди қобилияти хок, мавқеъгирӣ ва ҷойгирсозии заҳбурҳо, истифодаи нуриҳои минералӣ, моддаҳои органикӣ, ҳосилхезӣ, ҳосилнокӣ, дараҷаи шуршавии заминҳо ва ғ. тарҳрезӣ карда мешавад [8]. Услуби истифодагардидаи амрикоӣ иборат аз таҳияи ҷадвалҳои хосси арзёбии фаъолияти иқтисодӣ буда, бо номи «шохиси Сторӣ» муайян карда мешавад. Ин шохис бо роҳҳои зарб задани ҳамаи сифтаҳои хокҳо гирифта мешавад, ки барои ҳар кадоми онҳо ҷадвали арзёбӣ таҳия карда мешавад. Дар инҷо маълумот ва иттилооти зарурӣ барои арзёбии фаъолияти иқтисодӣ дар соҳаи кишоварзӣ ҳамчун асос дониста мешавад. Дар натиҷаи ҷой доштани чунин ҳисобҳо унсури

бозории нарх ҳамчун замина барои замини истифодагардида пайваста тағйир дода мешавад.

Хусусияти дигари фарқкунандаи услуби «калифорниягӣ» ҳангоми муайян намудани дараҷаи даромаднокии соф аз фурӯши маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ дониста мешавад. Ҳадди ниҳоии фоидаи соф, ки танҳо барои субъектҳои фаъолияти иқтисодӣ (хоҷагиҳои фермерӣ) аз худ карда мешавад, баробар ба 100% дониста шавад, пас дар ин ҳолат вобастагии байни фоида ба навъ ва намудҳои хоки истифодагардида бояд ҳисоб карда шавад. Дар инҷо бузургии миёнаи арифметикӣ бояд ҳамчун бузургии иқтисодӣ дар асоси услуби коррелиатсионӣ ҳисоб карда шавад. Агар ҳосилнокӣ ва маҳсулнокии замин барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ баланд бошад, пас дар чунин ҳолат ҳамаи унсурҳои истифодагардида, ба монанди хок ва навъҳои он ва инчунин намудҳои гуногуни растанӣ таҳлили муқоисавӣ карда мешаванд, ки дар натиҷа ҳиссаи ҳар яки он барои субъекти фаъолияти иқтисодӣ иттилооти зарурӣ барои фаъолияти оянда лозим мегардад. Ин маълумотҳо ба сифати муайянкуниҳо дар мавриди хариду фурӯши қитъаи замин ва ҳамчунин барои пешгӯиҳо мавриди истифода қарор дода мешаванд.

Дар диссертатсия таҷрибаи давлатҳои ҳамсоя, пеш аз ҳама Ҷумҳурии Ӯзбекистон мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Хусусиятҳои хосси иқтисодиёти Ӯзбекистон дар соҳаи кишоварзӣ иборат аз фароҳам овардани шароитҳои мусоид барои заминҳои соҳа, ҷалби пешбари сарчашмаҳои сармоягузорӣ, фароҳам овардани иқлими мусоиди ҷалби маблағҳо, дараҷаи нархгузории маҳсулотҳои соҳаи кишоварзӣ, гузариш ба низоми электронии ҳисоби маълумотҳои оморӣ ва иттилооти зарурӣ дониста мешавад. Низоми нархгузории ҳамсоякишвар шаҳодат аз он медиҳад, ки он дорои давраҳои зерини амалишавӣ мебошад: дар давраи аввал низоми нархгузорӣ вобастагии худро ба мавҷудияти маълумот ва иттилооти зарурии соҳа нишон медиҳад ва муҳити иқтисодии солимро вобаста ба ҳамгироии тамоми унсурҳои таъсиррасон инъикос месозад. Дар баробари ин, таъкид намудан зарур аст, ки мавқеи давлат дар ин давр муҳим буда, нархгузории фаъолият, махсусан раванди истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ ба дараҷаи ҳосилхезии

заминҳо ва ҷамъоварии маълумотҳои оморӣ вобаста аст. Хусусияти давраи дуюм бошад, бо нишондиҳандаҳо ва категорияи иқтисодии истифодашаванда вобаста аст. Ба ибораи дигар арзиши воқеии қитъаҳои замини истифодашаванда аз рӯйи даромад ва баъд аз он фоидаи субъектҳо муайян гардида, дигар марҳилаҳои он чунин сурат мегиранд: а) маҳсулнокии замини кишоварзӣ зери таъсири омилҳои ғайрииқтисодӣ, пеш аз ҳама, техникӣ қарор дорад; б) таносуби мусбии ҳамаи омилҳои истеҳсолот, ки ҳангоми тавлиди молу маҳсулот ширкат меварзанд, муайян мегардад; в) таҳлили хусусиятҳои хосси неру ва имкониятҳои амалӣ намудани нуриҳои минералӣ, маводи органикӣ ва дигар унсурҳо; г) дараҷаи фоидагирӣ аз ҳисоби ҷой доштани фоизҳои пасти қарзӣ, ки бонкҳо ба субъектҳои фаъолияти иқтисодии соҳаи кишоварзӣ пешниҳод менамоянд ва дар ин асос хароҷотҳои иқтисодии онҳо ба эътидол оварда мешаванд.

Дар баробари ин, дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон дараҷаи даромаднокии субъектҳои бахши аграрӣ, пеш аз ҳама соҳаи кишоварзӣ маҳаки асосии манфиатҳои иқтисодӣ буда, онро дар доираи заминҳои корам аз рӯйи се усул муайян менамоянд:

- иҷораи заминҳои корам ва кишт дар асоси маблағҳои пулии худи субъектҳо роҳандозӣ карда мешавад;
- дар асоси ба эътидол овардани таносуб байни ҳаҷми маҳсулоти ба фурӯш баровардашуда ва хароҷотҳои умумии корхона (доимӣ ва тағйирёбанда);
- ҳамоҳангии усулҳои болоӣ, яъне омехта, аз рӯйи ҳосилнокӣ ва нархи маҳсулот, аммо хароҷоти вобаста ба ҳаҷми маблағҳои иҷорапулии мавҷудбудаи заминҳо.

Баъзе аз муҳаққиқони ӯзбек қайд менамоянд, ки ислоҳоти замин, ки дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба вуқуъ омад, дарбаргирандаи зинаҳои пайдарҳам буда, муносибатҳои иқтисодии байни субъектҳоро дар асоси гузариш аз низоми иқтисоди нақшавӣ ба бозорӣ ба роҳ монда, хусусияти фарқкунандаи он дар гуногуншаклии моликият ва ҳуқуқҳои иқтисодии субъектҳо мушоҳида мегардад [54, с. 25]. Таҷрибаи бойи ҳамсоякишвар барои иқтисодиёти кишоварзии кишвар дар самти васеъ намудани ҳуқуқҳои иқтисодии субъектҳо, аз ҷумла, азхудкунӣ,

ихтиёрдорӣ, нигаҳдорӣ ва истифодаи замини кишоварзӣ муфид арзёбӣ карда мешавад.

Дар ин радиф ва бо ҳамин монандро дар таҷрибаи Ҷумҳурии Қирғизистон низ дидан мумкин аст. Таҳлили таҳқиқотҳои баъзе аз олимони қирғиз нишон медиҳад, ки асоси пешбурди фаъолияти иқтисодиро дар ҳамсоякишвар мавқеи иқтисодии захираҳои об, ки барои соҳаи кишоварзӣ ҷудо мегардад, ташкил медиҳад [106, с. 64]. Маълум аст, ки Ҷумҳурии Қирғизистон ба монанди кишвари мо дорои захираҳои бойи об буда, асос ва муваффақияти соҳаи кишоварзиро дар мавҷудияти ин захираи нодири табиӣ арзёбӣ менамоянд. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки ҳангоми таҳқиқ ва омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ масъалаи асосӣ ин хусусиятҳои хосси давлатҳои минтақа дониста мешаванд. Қирғизистон ба монанди Тоҷикистон кишвари кӯҳӣ буда, соҳаи кишоварзиро аз ҳисоби обёрӣ ва обтаъминкунӣ вобаста медонад.

Таҷриба нишон медиҳад, ки тӯли солҳои охир ислоҳоти соҳаи кишоварзии ҳамсоякишвар бо ислоҳоти бахши об, ки ҳамасола меъёри истифода ва истеъмоли об дар он дигаргун мешавад, ба роҳ монда мешавад. Дар баробари ин, на ҳамаи минтақаҳои Ҷумҳурии Қирғизистон ба монанди Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби мавҷудияти захираҳои об ва замин баробар тақсим шудаанд. Аз ин рӯ, дар ҳамсоякишвар масъалаи баробарии тақсимоти захираҳои замин ва об муҳимтарин арзёбӣ карда мешаванд.

Таҷрибаи ба эътидол овардани муносибатҳои иқтисодии субъектҳои бахши аграрии иқтисодиёт, махсусан соҳаи кишоварзӣ дар Қазоқистон нишон медиҳад, ки мафҳуми «қувватноки»-и хоки истифодашаванда ба дараҷаи хароҷоти тағйирёбандаи корхонаҳо вобаста буда, сифати хоки истифодашаванда, дараҷаи ҳосилнокӣ ва маҳсулнокӣ, ки зери таъсири омилҳои гуногуни иқтисодӣ қарор дошта, ба бартараф намудани мушкилот ва камбудиҳои масъалаи самаранокии истифодаи замин оварда мерасонад [6]. Барои бартараф намудани таъсири ин омилҳо методи гурӯҳбандии омории комбинатсионӣ истифода бурда мешавад, яъне мафҳуми «ҳосилнокии муътадил» муайян карда мешавад. Зери мафҳуми ҳосилнокии муътадил чунин бузургии ҳосилҳо дар назар дошта мешавад, ки вай

албатта аз заминҳои корами ҳамон маҳал ё ин ки аз гурӯҳи хокҳое гирифта мешавад, ки онҳо зери шартҳои коркарди якхела қарор дошта бошанд.

Дар Қазоқистон ду консепсияи арзёбии замин, ки дар давраи Иттиҳоди Шуравӣ таҳия кард шуда буданд, ба таври васеъ мавриди истифода қарор дода мешуд. Дар доираи консепсияи аввал арзиши маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ бо нархи бозории маҳсулот (дар баъзе ҳолатҳо нархи асосӣ) ва андозаи даромади дарихтиёрдоштаи субъекти фаъолияти иқтисодӣ ва ҳаҷми умумии танҳо хароҷотҳои истеҳсолиро муқоиса намудан бамаврид аст. Фаҳмиши пайдарҳамии мазкур дар таҳқиқотҳои олимони дигари ҳамон дар (даврони Шуравӣ) низ қисман вомехӯрад ва олимон ба монади С.Д. Черемушкин ва Б.З. Харченко махсусан ҷудо мегарданд [46, с. 36]. Хусусияти фарқкунандаи консепсияи баъдина (дуюм) тақозо менамояд, ки майдонҳои кишт (мушаххас) ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзиро танҳо дар асоси сатҳи пасти хароҷотҳои тағйирёбанда афзоиш медиҳанд ва асоси онро муҳосибаҳо ташкил додаанд. Ин шакли муҳосибаро олимони рус И. Ф. Суслов, Г. С. Николенко ва дигарон пешниҳод карда буданд [46, с. 38].

Дар солҳои 70 - ум қарни XX дар Иттиҳоди Шуравӣ корҳои арзёбӣ дар чаҳор давра доир карда мешуданд. Арзёбии маҳсулоти бахши аграрӣ, махсусан, соҳаи кишоварзӣ дар мадди аввал беҳтар намудани сифати хоки истифодашавандаро тақозо менамуд ва дар ин асос замин ҳамчун воситаи асосии истеҳсолӣ пурра арзёбӣ мегардид.

Тули ин солҳо услуби умумииттифоқии арзёбии заминҳо (соли 1976) омода шуда буд. Якумин маротиба арзёбӣ дар Россия тибқи услуби ягона гузаронида шуда буд. Мувофиқи вай арзёбӣ дар ду самт гузаронида шуда буд: умумӣ ва хусусӣ. Арзёбии умумӣ, дар маҷмуъ, доир ба заминҳои кишоварзӣ гузаронида шудааст, хусусӣ бошад, дар заминҳои алоҳидаи кишоварзӣ. Нишондодҳои асосии арзёбии замини инҳоянд:

- ҳосилнокии зироятҳои соҳаи кишоварзӣ, маблағи умумӣ нисбат ба ҳудуди истеҳсолӣ;

- муайян намудани арзиши истеъмолии маҳсулоти бахши аграрӣ (соҳаи кишоварзӣ);

- бозdеҳии фондҳои асосии истеҳсолӣ вобаста ба мавҷудияти харoҷотҳои истеҳсолии корхона;

- даромади дефференсиалӣ (як қисми даромади соф, ҳамчун ифодакунандаи арзиши иловагӣ ё худ изофагии маҳсулотҳо ба заминҳои аз ҳама беҳтар), маблағи умумӣ нисбат ба ҳудуди истеҳсолӣ.



Расми 1.3. - Принсипҳои асосии идоракунии захираҳои замин дар давлатҳои тараққикарда

Сарчашма: *таҳияи муаллиф*

Дар диссертатсия таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ оид ба таъмини иттилоотиву таҳлилии идоракунӣ, танзим ва назорати фаъолияти субъектҳои иқтисодии истифодабарандагони замин ҷамъбаст гардида, таъкид шудааст, ки гузаронидани таҳлилу арзёбии иқтидори иқтисодии заминҳои кишоварзӣ дар доираи механизмҳову принсипҳои умумииқтисодӣ ба мақсад мувофиқ мебошад. Ҳамаи принсипҳои истифодашаванда дар худ инъикосгарди принсипи умумии «баэътидоловаранда» буда, вобаста ба таъсири омилҳои ҷуғрофӣ, экологӣ ва геологӣ таъйиноти хос доранд (расми 1.3).

Низоми нархмуайянкунии фаъолияти иқтисодии субъектҳои хоҷагидор аз мавҷудияти нишондиҳандаҳои иқтисодӣ, ки аз ҷониби давлат барои онҳо ҳамчун кумак ҷудо мегардад, вобастагӣ дорад (дотатсия, субвенсия ва субсидия). Аз таҳқиқи таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ оид ба мавзуи илмӣ муайян мегардад, ки арзёбии заминҳои соҳаи кишоварзӣ бояд арзиши аслӣ ва умумии заминҳо (моликият, амволи ғайриманқул) аз шаклгирӣ ва тағйирёбии суммаи хароҷотҳои умумӣ ва шаклу намудҳои даромадгирӣ (фоидагирӣ) бо назардошти мавҷудияти маълумотҳои оморӣ ва итттилоотии фаъолияти умумииқтисодӣ гузаронида шавад. Илова бар ин, низоми бақайдгирии дараҷаи нархҳои истеъмолӣ, ки дар ҳудуди бозор муайян карда мешаванд (танҳо барои маҳсулотҳои соҳаи кишоварзӣ) нархи маҳсулотро аз ҳисоби арзиши воқеии маҳсулот муайян менамояд, на ин ки аз ҳисоби арзиши изофаи маҳсулот.

Аз инҷо бармеояд, ки масъалагузории дараҷаи арзёбии чи фаъолияти иқтисодии субъектҳо ва чи ҳолати истифодаи замин (таъсири унсурҳои замин) водор месозад, ки ба ҳолатҳои зерин оварда мерасонад:

- таъмини иттилоотиву таҳлили пешбурди фаъолияти иқтисодӣ дар соҳаи кишоварзӣ;
- таҳияи барномаи мушаххаси раванди истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ дар асоси таъйиноти маҳсулотҳо ба минтақаҳои ҷумҳурӣ;

- таҳлили вазъи муосири дараҷаи самаранокии заминҳои бахши аграрӣ ва дар ин асос дуруст ба роҳ мондани унсурҳои такрористеҳсол (истеҳсол, тақсимот, мубодила ва истеъмол);

- такомули низоми нархгузории маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ дар дохили корхона ва дар доираи бозор;

- ба эътидол овардани дараҷаи пардохтпазирии корхонаҳои истеҳсолии соҳаи кишоварзӣ;

- ба низоми электронӣ гузаронидани таъйиноти фондҳои асосии истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ.

Таҳлили ҳолатҳои болоӣ ба он оварда мерасонад, ки арзёбии заминҳои кишоварзӣ дорои мушкилот ва камбудиҳои пешбурди фаъолияти иқтисодӣ буда, барои бартараф намудани онҳо чораҳои зарурӣ андешидан зарур аст. Дар институти илмӣ-таҳқиқотии хоки ба номи В. В. Докучаев услуби баҳисобгирии нархҳои хок ва қитъаҳои замин, бо назардошти ҳисоби дифференсиалӣ асоснок карда шудааст. Якум, ин сатҳи ҳосилнокии иқтидории хокҳо, ки аз рӯйи номгӯйи хокҳо маънидод карда мешаванд, таҳия кард шудааст. Дуюм, нархномаҳои тартибдодашудаи хокҳо нишондодҳои зариби иловагии хокҳо ва зарибҳо барои шароитҳои боду ҳаво тибқи формулаҳои махсус муҳосиба карда шудааст, пешниҳод мегардад. Дар баъзе аз таҳқиқотҳои олимони рус, махсусан [11] таъкид мегардад, ки зарибҳои низоми нархгузорӣ вобаста ба категорияҳои замин, унсурҳои табиӣ дигаргун мегарданд ва меъёрҳои хосси ҳисоби худро бо фоиз ва маротибаҳо нишон медиҳанд. Масалан, дараҷаи даромадгирии 10% барои субъекти фаъолияти иқтисодӣ меъёри баланд арзёбӣ карда мешавад ва он аз он шаҳодат медиҳад, ки вазъи табиии истифодаи замин дар ҳолати хуб қарор дорад. Бо ибораи дигар ҳосилнокӣ ва маҳсулнокии заминҳои истифодашаванда баланд мебошад. Албатта, ки аз лиҳози табиӣ муътадилии ҳолати мазкур ҳамасола бояд дигаргун бошад ва ин соҳибкорони бахши аграриро водор месозад, ки самти фаъолияти истеҳсолии худро вобаста аз мавсимҳои сол дигаргун менамоянд.

Яке аз олимони намоёни русс К. Каутский таъкид менамояд, ки «...он даромаде, ки субъектҳои хоҷагидор бо гузашти муҳлати муайяни вақт (мавсим) ба

даст меоранд, хусусиятҳои хосро вобаста ба хароҷотҳои умумии иқтисодӣ доро буда, сатҳи маблағгузори (сармоягузори)-и он фоидаи иловагиро аз ҳисоби кам намудани хароҷотҳои мавсимӣ ва ҳолати нигоҳдошти замин медиҳад» [25, с. 44]. Аз гуфтаҳои муаллиф бар меояд, ки арзиши маҳсулоти истеҳсолгардида ба меъёрҳои дараҷаи даромадгирӣ (фоидагирӣ) бояд мутобиқ гардонида шавад. Ҳолати мазкур имкон медиҳад, ки таносубҳои дигари иқтисодӣ, ба монанди таносубҳои нархӣ ва фоидагирӣ, нархӣ ва фоизи қарзҳо, ҷалби маблағҳои иловагии сармоягузорон дар сарчашмаи асосии даромадгирӣ, яъне рента таъсири мусбӣ мерасонад.

Аз инҷо метавон хулоса намуд, ки арзёбии заминҳои кишоварзӣ дорои хусусиятҳо ва қисматҳои алоҳидаи таъсиррасон, чи аз ҳисоби нишондиҳандаҳо ва категорияҳои иқтисодӣ ва чи аз ҳисоби таъсири омилҳои ғайрииқтисодӣ (иҷтимоӣ, экологӣ, геологӣ ва ҷуғрофӣ) ҷудо мегардад. Раванди такмили муносибатҳои услубӣ аз низоми маъмурӣ- фармондиҳӣ, банақшагирӣ ба низоми бозорӣ бо элементҳои иқтисодиёти қаблӣ сурат гирифт. Аммо, дар шароити муосир мавҷуд набудани иттилооти зарурӣ барои таҳлил ва арзёбии воқеии вазъи соҳа имкониятҳои ояндаро маҳдуд менамояд. Дар баробари ин, раванд ва ҷараёнҳои фурӯши маҳсулоти истеҳсолгардида низ ба таъминоти иттилоотиву таҳлилии соҳаи кишоварзии мамлакат ва минтақаҳои алоҳидаи он низ дар оянда мушкилот ва муаммоҳои рушдро ба миён мегузорад. Агар сарчашмаи асосии даромадгирӣ аз замин ҳамчун воситаи асосии истеҳсолӣ, ки ба моликияти гуногун тақсим мешавад, ба миён гузошта шавад, пас дар чунин ҳолатҳо интихоби усули нави пешбурди фаъолияти иқтисодии субъектҳои соҳавӣ, пеш аз ҳама соҳаи кишоварзӣ боз ҳам васеъ мегардад. Ба ақидаи мо ин аз рӯйи мантиқ мебошад, зеро мақсади услуби дилхоҳи арзёбии арзиши заминҳои кишоварзӣ ин арзёбии иқтидори маҳсулнокии вай мебошад. Услуби дар боло таҳлилшуда дар муносибатҳои арзёбии арзиши заминҳои кишоварзӣ мушаххасот ворид менамояд ва барои эҷоди амсилаи оқилонаи арзёбии заминҳои кишоварзии минтақаҳои мамлакат мусоидат менамояд.

Хулосаи боби якум

1. Масъалаҳои вобаста ба асосҳои назариявӣ, услубӣ ва таҷрибавии дараҷаи самаранокии заминҳои соҳаи кишоварзӣ имкон пайдо намуд, ки самтҳои вобаста ба дараҷаи самаранокии истифодаи заминҳо дар соҳаи кишоварзӣ таҷдид карда шаванд. Таҷдиди муносибатҳои иқтисодӣ масъалаи аввалиндараҷа ва саривақтӣ арзёбӣ карда мешавад. Чунки таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ, пеш аз ҳама, давлатҳои ҳамсоя имкониятҳои иқтисодии субъектҳои хоҷагидорро ҳангоми ба иҷора гирифтани заминҳои кишоварзӣ васеъ менамояд. Аз ин рӯ, барои бахши кишоварзии иқтисодиёти мамлакат, махсусан дар сатҳи минтақавӣ масъалаи мазкур бояд такмил дода шавад. Чунки асоси рушди иқтисодиёти кишоварзиро васеъсозии имкониятҳои иқтисодии субъектҳои хоҷагидор ташкил медиҳанд.

2. Аз нуқтаи назари иқтисодӣ замин неъмати табииест, ки дар соҳаи истеҳсолот барои ба вуҷуд овардани маҳсулот ва нафъи иқтисодӣ, амалӣ намудани фаъолияти хоҷагидорӣ, дар маҷмуъ, ва равандҳои алоҳидаи он истифода мешавад. Замин ҳамчун омили истеҳсолот баромад карда, як қатор хосиятҳои хосси он хусусиятҳои истифодаи онро дар фаъолияти хоҷагидорӣ муайян мекунад. Захираи замин бузургтарин бойгарии ивазнашавандаи миллӣ мебошад. Ба истеҳсолот ҷалб карда шуда, дар раванди он меҳнати зинда ва гузашта ба онҳо ҳамроҳ мешавад ва он ба воситаи истеҳсолот ва предмети меҳнат табдил меёбад.

3. Натиҷаҳои ҷамъбасти асосҳои назариявӣ нишон дод, ки замин ҳамчун омили калидии истеҳсолот ба мавҷудияти иқтидорҳои табиӣ-захиравӣ вобаста буда, нишон медиҳад, ки то чи андоза вазъи соҳа мусбӣ арзёбӣ карда мешавад. Имкониятҳои иқтисодии субъектҳои соҳаи кишоварзӣ (хоҷагиҳои асосӣ, хизматрасон ва ёрирасон) ба мавҷудият ва афзоиши иқтидорҳои иқтисодии соҳа низ вобастагии амиқ дорад. Илова бар ин, асосҳои иқтисодии истифодаи имкониятҳои иқтисодӣ, ки марбут ба соҳаи кишоварзӣ ҳастанд, дорои хусусиятҳои минтақавӣ буда, ҷойгиршавии табиии захираҳои замин сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии ҷумҳуриро дар умум нишон дода метавонад.

4. Арзёбии иқтисодӣ дар кишварҳои хориҷӣ хусусияти хосси худро дорад. Пеш аз ҳама дараҷаи таъсирасонии фарқиятҳои алоҳидаи хок ба зиёдшавии даромад аз майдони кишти зироатҳои кишоварзӣ муайян карда мешавад. Ба андешаи мо, таъминоти иттилоотиву таҳлилии пешбурди фаъолияти иқтисодии субъектҳо зери таъсири дигар омилҳои иқтисодӣ буда, ҳангоми ҷой доштани маълумоти зарурӣ ҳисобҳои нишондиҳандаҳои калидии соҳаи кишоварзӣ ба монанди имконият (неру)-и намудҳои хоки истифодашаванда, мавқеи ҷойгиршавии заҳбурҳо, афзоиши хароҷотҳои нуриҳои минералӣ, моддаҳои органикӣ, маъданҳо ва ғайраҳо самаранок мавриди истифода қарор дода мешаванд. Яке аз усулҳои хеле ҳам паҳнгардида ин усули арзёбии замин аз рӯйи даромади соф аз фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ мебошад. Таҷрибаи давлатҳои тараққикарда ва рӯ ба рушд нишон медиҳад, ки дар ҳолати ҷой доштани даромад (фоида)-и соф дар андозаи 100% ҳиссаи дигар нишондиҳандаҳои иқтисодӣ мутаносибан ва вобаста ба хусусиятҳои истифодаи онҳо низ афзоиш дода мешавад. Ин ҳолат ба сохторҳои соҳавии идоракунанда, пеш аз ҳама ба вазорати кишоварзии ҷумҳурӣ ҳамчун механизми амалкарди раванди идоракунӣ ва қабули қарорҳои идоракунии дахлдори соҳавӣ тавсия дода мешавад.

БОБИ II. АРЗЁБИИ ҲОЛАТИ МУОСИРИ ИСТИФОДАИ САМАРАНОКИ ЗАХИРАИ ЗАМИНҲОИ КИШОВАРЗИИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

2.1. Таҳлили ҳолати муосири соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон дар асоси таъминоти иттилоотии он

Таҳлили ҳолати муосири соҳаи кишоварзӣ, чи дар сатҳи ҷумҳурӣ ва чи дар сатҳи минтақавӣ (вилояти Хатлон) нишон медиҳад, ки вазъи иқтисодӣ вобаста аз амалишавии даврaҳо ва марҳилаи рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат сол аз сол беҳтар гаридад истодааст. Маҳаки асосии беҳтаршавии фаъолияти иқтисодӣ дар соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ ба мавҷудияти дурусти санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, таҳияи барномаҳо ва стратегияҳои соҳавӣ, механизмҳои ҷалби ҳарчи бештари маблағҳои иловагии дохилӣ ва беруна дар шаклҳои гуногун (сармоягузории мустақим ва ғайримустақим) вобастагӣ дошт. Тули солҳои соҳибистиқлолӣ соҳаи кишоварзӣ дар натиҷаи ислоҳи иқтисодии соҳа куллан ва дар баъзе ҳолат қисман дигаргун гардид. Аммо мақсад ва ҳадафи ниҳоии рушди иқтисодӣ боқӣ монд. Бо ибораи дигар афзоиш ёфтани ҳиссаи соҳаи кишоварзӣ дар ҳиссаи умумии нишондиҳандаҳои макроиқтисодии мамлакат, пеш аз ҳама, дар маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ сол аз сол афзоиш ёфта истодааст. Дар ин самт вилояти Хатлон яке аз минтақаҳои рушдёфта ва пешрафтаи иқтисодӣ шинохта мешавад.

Барои ноил шудан ба ин ҳадафи стратегӣ дар солҳои охир дар низоми муносибатҳои замин тағйироти назаррас ба вуқуъ омада истодааст. Дар доираи моликияти давлатӣ-инҳисорӣ ба замин ислоҳоти институтсионалӣ дар самти такмил додани институти ҳуқуқи моликият ба истифодаи заминҳои кишоварзӣ аз тарафи истифодабарандагони он суръат гирифта истодааст, муносибатҳои тақсим, азнавтақсимкунӣ ва истифодаи заминҳои кишоварзӣ дар заминаи механизмҳои бозорӣ рушд ёфта истодааст. Новобаста ба ин муносибатҳои мавҷудаи ба заминҳои кишоварзӣ дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои деҳоти он ҳоло натиҷаҳои дилхоҳ ба бор наовардааст. Зеро, тамоюли пастравии сифати заминҳои кишоварзӣ, ҳосилнокии онҳо бинобар заиф будани раванди такористеҳсоли захираҳои замин ва сифати он ба чашм мерасад.

Дар таҳқиқотҳои олимони ватанӣ, махсусан, корҳои илмии И.С. Ашуров ба масъалаҳои таҳлили вазъи кунунии соҳаи кишоварзӣ бахшида шуда, қайд мегардад, ки «...яке аз соҳаҳои рушдёфтаи иқтисодиёти мамлакат соҳаи кишоварзӣ дониста шуда, дорои хусусиятҳои хос буда, асоси онро шароитҳои мусоиди иқтисодӣ барои субъектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ ташкил дода, муносибатҳои иқтисодие, ки аз он бар меоянд, вазъи муътадилии онро нишон медиҳанд» [60, с. 20]. Аз инҷо бар меояд, ки таҳлил ва дар асоси он арзёбӣ намудани вазъи иқтисодиёти вилояти Хатлон аз ҳисоби соҳаи кишоварзӣ муҳим ва саривақтӣ дониста мешавад.

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки таъминоти иттилоотиву таҳлилии ташкилу идоракунии заминҳои кишоварзӣ дар асоси омӯзиши муаммоҳои илмии вазъи муосири рушди муносибатҳои замин ва механизмҳои муосири татбиқи онҳо дар низоми иқтисодиёти кишоварзии минтақа, мубрамият пайдо менамояд. Пайваста бо рушди технологияи иттилоотии муосир ва сифатҳои иқтисоди рақамӣ имконияти фароҳам барои баҳисобгири иттилоотии баландсифати заминҳои кишоварзӣ ба вуҷуд омадааст. Истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ ба сатҳу сифати таъминоти боэътимоди иттилоотӣ, ки аз низоми ҷамъоварӣ ва пешниҳоди иттилооти зарурӣ барои қабули қарорҳои идоракунӣ оид ба истифодаи замин дар тамоми сатҳои маъмурию ҳудудӣ иборат аст, вобаста аст. Дар замони суръатгирии табодулии рақамии тамоми соҳаҳои иқтисодиёт, аз он ҷумла соҳаҳои агарарӣ иттилоот ба захираи муҳимми фаъолияти хоҷагидорӣ табдил ёфтааст. Дар ин шароит ҳалли масъалаҳои гуногуни истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ ва сармоягузорӣ ба ин соҳа бидуни ба назар гирифтани иттиллот оид ба сифати замин ҳамчун омили асосии истеҳсолоти кишоварзӣ ва дорои мақоми махсуси ҳуқуқӣ, ҷойгиршавии қитъаи замин, хусусиятҳои ҳудудӣ ва экологии он имконнопазир аст.

Ҳар субъекти хоҷагидори соҳаи кишоварзӣ, бахусус, сармоягузорони соҳа мехоҳанд дар бораи сифати қитъаҳои заминҳои кишоварзӣ барои муайян намудани тарҳи рушди ояндаи худ ва барномагирии фаъолияти истеҳсолӣ иттилооти пурра, боэътимод ва саривақтӣ дошта бошад. Дар амалия иттилоотро

дар бораи сифати заминҳои кишоварзӣ хоҷагидорон, истифодабарандагони замин аз манбаъҳо, идораҳо ва мақомоти гуногун гирифта метавонанд. Манбаи асосии иттилоотии заминҳои кишоварзиро маълумотҳои омории Ҳукумати мамлакат, вазорату идораҳои дахлдори соҳавӣ дар сатҳи иқтисоди миллӣ ва намояндагии минтақавии онҳо дар сатҳи вилоят ташкил медиҳанд. Маълумотҳои дақиқи омории санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, қабл аз ҳама, кадастри давлатии замин, ки хилофи қонунгузорӣ нестанд ва барои ҳисобҳои иқтисодии ояндаи соҳаи кишоварзӣ муҳим арзёбӣ мегарданд, ба мақсади таъмини ҳуқуқи истифодаи қитъаҳои замин, баҳисобгирии миқдорию сифатӣ ва баҳодиҳии иқтисодии замин пеш мебарад, пайдо менамояд. Иштирокчии фаъоли мубодилаи иттилоот дар бораи заминҳои кишоварзӣ Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун истеъмолкунандаи асосии иттилоот дар бораи заминҳо ва бевосита дар банақшагирӣ ва пешгӯйи истифодаи оқилонаи заминҳои кишоварзӣ ва баланд бардоштани ҳосилнокии онҳо мебошад.

Идораи низоми истифодаи самараноки замини кишоварзӣ иттилооти ҳамаҷониба, саривақтӣ ва мунтазамро тақозо менамояд. Идораи низоми истифодаи замини кишоварзӣ дар асоси комплекси низомии ахбор, инчунин кор карда баромадани нуқтаҳои назариявӣ ва методологии самаранокии истифодаи замин яке аз муҳимтарин вазифаҳои таъмини рушди истеҳсолоти кишоварзӣ мебошад.

Вобаста ба ҳолати муосири заминҳои кишоварзӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Фонди умумии замини мамлакат дар соли 2023 14137,9 ҳаз.га-ро ташкил додааст. Соли 2023 аз фонди умумии захираи замини мамлакат 3683,5 ҳаз.га-ро заминҳои кишоварзӣ ишғол намуда, дар фарқият ба солҳои қаблӣ (соли 2019) 25,3 ҳаз.га зиёд шудааст. Таҳлили маълумоти ҷадвали 3 нишон медиҳад, ки майдони умумии заминҳои истифодаи соҳаи кишоварзӣ нисбат ба солҳои қаблӣ 26,05%-и заминҳои умумии кишоварзиро ташкил медиҳад. Дар ҳолати динамикӣ, яъне солҳои 2019-2023 фазои сохтории майдони мазраъ аз 657,3 то 661,7 ҳаз.га ва ё 4,4 ҳаз.га зиёд шудааст. Аммо вазни қиёсии он дар ҷамъи заминҳои истифодаи кишоварзӣ аз 17,9 то 18% ва ё 0,1 банди фоиз паст шудааст. Дар ин давраи

таҳлилӣ майдони ниҳолҳои бисёрсола 148,2 то 156,9 ва 8,7 ҳаз.га зиёд шудааст. Илова бар ин, ҳиссаи он заминҳое, ки ба соҳаи кишоварзӣ бевосита тааллуқ доранд, аз 4,04 то 4,2 % ва ё 0,4 банди фоиз васеъ шудааст. Соли 2023 майдони алафдаравӣ 0,4 ҳаз.га зиёд шуда, майдони чарогоҳ бошад 20,1 ҳаз.га зиёд шудааст. Ҷадвал нишон медиҳад, ки тамоюли мусбии заминҳои боир аз 27,3 то 19,0 ҳаз.га, ё ин ки 8,3 ҳаз.га коҳиш ёфтаанд (ҷадвали 2.1).

Ҷадвали 2.1. - Динамика ва сохтори замини истифодашудаи кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вилояти Хатлон

Сохтори замин	Сол				Сол			
	2019				2023			
	Дар ҷумҳурӣ		Дар в.Хатлон		Дар ҷумҳурӣ		Дар в.Хатлон	
	Ҳаз. гектар	%,	Ҳаз. гектар	%,	Ҳаз. гектар	%,	Ҳаз.гектар	%,
Замини умумӣ	14137,7	х	1987,5	х	14137,9	х	2468,2	х
Ҷамъи заминҳои истифодаи кишоварзӣ	3658,2	100	1456,9	100,0	3683,5	100	**1468,0**	100
аз он ҷумла:								
мазраъ	657,3	18,0	330,3	22,67	661,7	18,0	330,5	22,51
ниҳолҳои бисёрсола	148,2	4,1	41,9	2,9	156,9	4,3	41,9	2,86
алафдаравӣ	15,8	0.4	0,5	0,03	16,2	0,4	0,5	0,03
чарогоҳ	2809,6	76,8	1069,3	73,4	2829,7	76,8	1080,9	73,64
замини боир	27,3	0,7	14,9	1,0	19,0	0,5	14,2	0,96

Сарчашма: *Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Фонди замини Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2019-2023, саҳ. 5-6 ва Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. - Душанбе, 2024. -С.19-21 ва ҳисобҳои муаллиф*

Қабл аз ҳама ҷадвал маълум месозад, ки вазъи иқтисодии вилояти Хатлон дар ҳолати динамикӣ сохтори мукаммал дошта, вобаста ба ҷамъи заминҳои истифодаи кишоварзӣ ва таъсири дигар омилҳои ёрирасон метавонад дигаргун шавад. Дар ҳолати ҷой доштани маълумоти оморӣ зарурӣ, ки натанҳо аз ҷониби бахши минтақавии омор, ҳамзамон аз ҷониби муҳаққиқон ва созмонҳои байналмилалӣ дар шакли иттилооти таҳлилӣ имкониятҳои соҳаи кишоварзиро васеъ месозад. Инчунин гурӯҳбандии заминҳои истифодагардидаи соҳаи кишоварзӣ имконият медиҳад, ки ҳолати бахши аграрии иқтисодиётро бо назардошти шакл ва намудҳои фаъолияти иқтисодии субъектҳои хоҷагидор низ дигаргун карда шавад.

Чи тавре ки аз ҷадвали 2.1 маълум мегардад фонди замини вилоят Хатлон дар сохтори заминҳои кишоварзии мамлакат 2468,2 ҳазор гектарро ташкил медиҳад, ки он ба 17,4 фоизи фонди замини мамлакат рост меояд. Ҷамъи заминҳои истифодаи кишоварзии вилоят дар соли 2023 нишон медиҳад, ки ҳаҷми он баробар ба 1468,0 ҳаз.га буда, дар муқоиса ба соли 2019 11,1 ҳаз. га зиёд мебошад. Илова бар ин, аз ҳиссаи умумии заминҳои кишоварзӣ 59,8% замини умумӣ ба қайд гирифта мешавад, ки он дар муқоиса ба соли 2019 0,78% зиёд мебошад. Дар вилоят майдони мазраъ дар ҷамъи замини истифодаи кишоварзӣ соли 2023 нисбат ба соли 2019 ҳарчанд аз 22,67 то 22,51 фоиз кам шуда бошад ҳам, аммо майдони он 0,2 ҳаз. га зиёд шудааст. Дар ин давраи таҳлилӣ майдони ниҳолҳои бисёрсола ва алафдарав бе тағйир буда, майдони чарогоҳ 11,6 ҳаз. га афзоиш ёфта, замини боир 0,7 ҳаз. га кам шудааст.

Дар давраи ислоҳоти аграрӣ ва трансформатсияи бозории иқтисодиёти кишоварзӣ заминистифодабарандагони гуногуни соҳаҳои кишоварзӣ дар мамлакат ва минтақаҳои он фаъол гардиданд. Заминистифодабарандагони асосии соҳаҳои кишоварзиро дар мамлакат ва минтақаҳои он хоҷагиҳои деҳқонӣ ташкил медиҳад. Соли 2023 дар ихтиёри хоҷагиҳои деҳқонии мамлакат 5087,7 ҳаз.га қарор дошт, ки 73,2 фоизи тамоми заминҳои кишоварзиро ташкил медиҳад. Дар вилояти Хатлон 55,2 фоизи тамоми заминҳои кишоварзии вилоят дар ихтиёри хоҷагиҳои деҳқонӣ қарор дорад. Чи тавре маълумоти ҷадвали 2.2 нишон медиҳад, дар корхонаҳои давлатии кишоварзии комплекси агросаноатии вилоят 14,4% ва корхонаҳои давлатии кишоварзӣ ва дигар заминҳои тобеи ҷамоатҳои вилоят бошад 10,9 фоизи ҳамаи заминҳои кишоварзии вилоятро ташкил медиҳад. Беш аз 19,5 фоизи майдони заминҳои кишоварзӣ дар ихтиёри дигар заминистифодабарандагон аз қабили ширкатҳои аграрӣ, корхонаҳои иҷоравӣ, хоҷагиҳои ёрирасони кишоварзӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва фермерӣ, корхонаҳои бахши давлатӣ, ки ба вазорат ва кумитаи дахлдори соҳавии муҷтамаи агросаноатӣ мансуб набударо ташкил медиҳанд.

Дар ҷамъи заминҳои истифодабарии корхонаҳои кишоварзӣ мамлакат заминҳои кишоварзии вилоят 28,5% бе майдони заминҳои шаҳру ноҳияҳои тобеи

ҷумҳурӣ 36,3 фоизро ташкил медиҳад. Чи хеле аз маълумоти ҷадвали 2.2 бармеояд дар корхонаҳои давлатии кишоварзӣ ва дигар заминҳои тобеи ҷамоатҳо майдони хеле калони заминҳои кишоварзӣ воқеъ мебошад.

Ҷадвали 2.2. - Номгӯйи заминистифодабарандагони соҳаҳои кишоварзӣ дар минтақаҳои мамлакат (га)

Заминстифодабарандагон	**Дар мамла-кат**	**Аз он ҷумла**			
		Вилоя-ти Хатлон	**Вилоя-ти Суғд.**	**НТҶ**	**ВМКБ**
Хоҷагиҳои ҷамоавӣ	149144	103868	-	45276	-
Корхонаю ташкилотҳои кишоварзии кооперативӣ	138806	33760	19457	28573	57016
Корхонаю ташкилотҳои кишоварзии байнихоҷагӣ	20585	12804	-	7781	-
Корхонаҳои давлатии кишоварзӣ ва дигар заминҳои тобеи ҷамоатҳо	516720	217923	71531	224410	2856
Корхонаҳои давлатии кишоварзии комплекси агросаноатӣ	371554	286642	9647	56545	18720
Ширкатҳои аграрӣ	86730	80730	-	6000	-
Корхонаҳои иҷоравӣ	65440	42684	22756	-	-
Дигар намудҳои нави хоҷагидорӣ	287220	42649	162795	81721	55
Корхонаҳои давлатии кишоварзии дигар вазорату муассисаҳои дар ҳайати комплекси агросаноатӣ дохил набуда	21303	1748	220	18643	692
Хоҷагиҳои ёрирасони кишоварзӣ	201105	65180	22534	110079	312
Боғдорӣ ва полезкории коллективӣ	904	46	391	467	-
Хоҷагиҳои деҳқонӣ	5087748	1094511	992383	917556	2083298
Ҳамаи заминҳои истифодабарии корхонаҳои кишоварзӣ	6947259	1982545	1301714	1497251	2195949

Сарчашма: *Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Фонди ягонаи давлатии замини Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба ҳолати 01.01.2024. -Саҳ. 40-80.*

Бинобар вуҷуд надоштани институти масъулият ва тавсифи мушаххаси муносибат ба замин дар шакли заминистифодабарандагон ҳолати истифодаи самараноки онҳо нисбатан паст мебошад. Ба андешаи мо зарур аст, ки минбаъд шаклу услуби истифодаи ин гуна заминҳоро бо роҳи истифодаи механизмҳои иҷора ва ташкили хоҷагиҳои ҳаҷман хурд ва дигар шаклҳои муосири истифодаи заминҳои кишоварзӣ метавон такмил дод.

Майдони заминҳои кишоварзии корхонаҳои давлатии кишоварзии комплекси агросаноатии вилояти Хатлон низ хеле бисёр аст, 286642 гектарро

ташкил медиҳад. Аммо, истифодаи самараноки онҳо нисбат ба хоҷагиҳои деҳқонӣ паст аст. Дар ин самт низ зарур аст, ки аз таҷрибаи хориҷии механизмҳои иқтисодии муносибат ба замин истифода шавад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ корхонаҳои давлтии аграрӣ рақобатпазир мебошанд.

Дар ҷадвали 2.3 номгӯйи заминистифодабарандагони соҳаҳои кишоварзии объекти таҳқиқотро таҳлилу баррасӣ мекунем.

Ҷадвали 2.3. - Номгӯйи заминистифодабарандагони соҳаҳои кишоварзии вилояти Хатлон (га) (1 январи соли 2024)

Заминистифодабарандагон	Ҳамагӣ	Аз он ҷумла обӣ	Аз он ҷумла				
			Заминҳои корам	Аз он. обӣ	Дарахти бисёрсола	Алафдарав	Чарогоҳ
Хоҷагиҳои ҷамоавӣ	103868	6230	6085	4907	759	579	67726
Корхонаю ташкилотҳои кишоварзии кооперативӣ	33760	3312	2909	2015	613	1376	21528
Корхонаю ташкилотҳои кишоварзии байнихоҷагӣ	12804	1526	970	945	17	-	8875
Корхонаҳои давлатии кишоварзӣ ва дигар заминҳои тобеи ҷамоатҳо	217923	46823	15533	9806	2538	283	85739
Корхонаҳои давлатии кишоварзии комплекси агросаноатӣ	286642	7407	14093	5287	1440	322	186168
Ширкатҳои аграрӣ	80730	7776	5757	5454	528	30	51070
Корхонаҳои иҷоравӣ)	42684	1942	3993	1454	541	25	28015
Дигар намудҳои нави хоҷагидорӣ	42649	1115	1004	983	111	-	22102
Корхонаҳои давлатии кишоварзии дигар вазорату муассисаҳои дар ҳайати комплекси агросаноатӣ дохил набуда	1748	437	472	350	62	-	989
Хоҷагиҳои ёрирасони кишоварзӣ	65180	18856	15094	13961	1260	1	34148
Боғдорӣ ва полезкории коллективӣ	46	6	-	-	6	-	-
Хоҷагиҳои деҳқонӣ	1094511	218029	264564	191138	33995	2394	570118
Ҳамаи заминҳои истифодабарии корхонаҳои кишоварзӣ	1982545	313459	330474	236300	41870	5010	1076458

Сарчашма: *Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Фонди ягонаи давлатии замини Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба ҳолати 01.01.2024. -Саҳ.40-80.*

Чи тавре аз маълумоти ҷадвали 2.3 мушоҳида карда мешавад дар вилояти Хатлон миёни 12 категорияи заминистифодабарандагон муносибат ба замин дар хоҷагиҳои деҳқонӣ вазъи қаноаткунанда доранд, чи тавре ишора намудем 55,2 фоизи заминҳои кишоварзӣ дар ихтиёри онҳо қарор доранд. Аз 1094,5 ҳаз.га заминҳои ин хоҷагӣ қариб 19,2 фоизашро заминҳои обӣ ташкил медиҳад. Заминҳои корами хоҷагиҳои деҳқонӣ 264,5 ҳаз.га-ро ташкил дода, аз он 72,2 фоизашро заминҳои обӣ ташкил медиҳад. Таъкид намудан зарур аст, ки ҳудуди дарахтони бисёрсола ба 33,9 ҳаз.га ва майдони чарогоҳҳо бошад, ба 570,1 ҳаз.га баробар буда, мутаносибан 81,1 ва 52,9%-и ҳамаи майдонҳои ҳудуди вилояти Хатлонро ташкил медиҳад. Заминҳои корамро пас аз хоҷагиҳои деҳқонӣ, ҳиссаи намоёнро корхонаҳои давлатии кишоварзӣ ва дигар заминҳои тобеи ҷамоатҳо (15,5 ҳаз.га), корхонаҳои давлатии кишоварзии комплекси агросаноатӣ (14,0 ҳаз.га) ва хоҷагиҳои ёрирасони кишоварзӣ (15,0 ҳаз.га) ишғол намуданд: мувофиқан 4,7%, 4,2% ва 4,5 фоизро ташкил додааст.

Боқӣ дигар заминҳои корамро, яъне 34,4 фоизи заминҳои корам ба ихтиёри 8 категорияи заминистифодабарандагон рост меояд. Дар умум, ба ҳуқуқи истифодабарии хоҷагиҳои деҳқонӣ, корхонаҳои давлатии кишоварзӣ ва дигар заминҳои тобеи ҷамоатҳо, корхонаҳои давлатии кишоварзии комплекси агросаноатӣ ва хоҷагиҳои ёрирасони кишоварзӣ 65,6 фоизи заминҳои корам, ки дороии асосии иқтисодиёти кишоварзӣ мебошанд, рост меояд. Бинобар он истифодаи оқилонаву самараноки заминҳои кишоварзӣ, умуман сатҳи самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ ба фаъолияти пурсамари ин навъи заминистифодабарандагони заминҳои кишоварзӣ вобастагӣ дорад.

Заминҳои кишоварзии вилояти Хатлонро ба ду минтақаи калон - минтақаи Вахш ва минтақаи Кӯлоб ҷудо менамоянд. Аз ҷадвали 2.4 маълум мегардад, ки дар ҳудуди минтақаи Вахш (соли 2023) 1106,5 ҳаз.га заминҳои кишоварзӣ мавҷуд буда, ҳиссаи он ба 55,8%-и ҷамъи заминҳои соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон баробар аст.

Аз ин заминҳо беш аз 20 фоизашро заминҳои обӣ ташкил медиҳад. Заминҳои корами ин минтақа 185,3 ҳаз.га-ро ташкил дода, 56 фоизи заминҳои корами вилоятро ташкил медиҳад.

Ҷадвали 2.4. - Ҳамаи заминҳои истифодабарии корхонаҳои кишоварзӣ дар минтақаҳои вилояти Хатлон (га) дар соли 2023

Заминистифодабарандагон	Ҳамагӣ	Аз он ҷумла обӣ	Аз он ҷумла				
			Замин-ҳои корам	Аз он. обӣ	Дарахти бисёрсола	Алаф-дарав	Ҷарогоҳ
Ҳамаи заминҳои истифодабарии корхонаҳои кишоварзӣ	1982545	313459	330474	236300	41870	5010	1076458
Аз он ҷумла:							
Минтақаи Вахш	1106525	226801	185331	168320	20554	487	602633
Минтақаи Кӯлоб	876020	86658	145143	67980	21316	4523	473825

Сарчашма: *Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Фонди ягонаи давлатии замини Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба ҳолати 01.01.2024. -Саҳ.40-80.*

Аз ин заминҳои корам беш аз 90 фоизи онҳоро заминҳои обӣ ташкил медиҳад. Ба минтақаи Вахш 49,1 фоизи майдони дарахти бисёрсола, 9,7 фоизи алафдарав ва 55,9 фоизи чарогоҳ рост меояд.

Дар минтақаи Кӯлоб бошад 876,0 ҳаз.га ташкил додааст, ки он ба 44,2 фоизи заминҳои кишоварзии вилоят рост меояд. Дар мавриди заминҳои корам бояд таъкид кард, ки ҳудуди он ба 145,1 ҳаз.га рост омада, бо фоиз ҳиссаи он ба 43,9 баробар буда, аз ин ҳисса 46,8%-ро заминҳои обӣ ташкил медиҳанд. Дар минтақаи Кӯлоб майдони дарахти бисёрсола 21,3 ҳаз.га, алафдарав 4,5 ҳаз.га ва чарогоҳ 473,8 ҳаз.га-ро ташкил медиҳад, ки мувофиқан ба 50,9%, 90,2% ва 44,0 фоизи майдони дарахти бисёрсола, алафдарав ва чарогоҳҳои вилояти Хатлон рост меояд.

Дар раванди таҳлили муайян карда шудааст, ки истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ дар минтақаи Вахши вилоят нисбатан зиёд мебошад. Зеро табиати иқлимиии ин минтақа нисбат ба минтақаи Кӯлоб мусоидтар аст ва хоҷагиҳои он дар як сол 2-3 ҳосил мегиранд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки масоҳати киштзорҳои кишоварзӣ дар хоҷагиҳои аҳолӣ, киштзорҳои обёришавандаи кишоварзӣ дар хоҷагиҳои аҳолӣ, заминҳои шудгор дар хоҷагиҳои

аҳолӣ, заминҳои шудгори обёришаванда дар хоҷагиҳои аҳолии минтақаи Вахш майли мусбӣ дошта, масоҳати киштзорҳои кишоварзӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ, киштзорҳои обёришавандаи кишоварзӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ, заминҳои шудгор дар корхонаҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ, заминҳои шудгори обёришаванда дар корхонаҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ тамоюли болравӣ доранд.

Қобили қайд аст, ки бо роҳи ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ коркарди ҳарчи бештари заминҳои бекорхобидаро дар корхонаҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои деҳқонии минтақаи Вахши вилоят ба роҳ мондан боиси васеъ гардидани масоҳати киштзорҳои кишоварзӣ ва киштзорҳои обёришаванда мегарданд.

Маъмул аст, ки рушди иқтисодиёти кишоварзӣ ва таъмини амнияти озуқавории мамлакат ва минтақаҳои он ба сатҳу сифати заминҳои кишти зироатҳои кишоварзӣ вобастагӣ дорад. Тамоюли мусбӣ дар мамлакат ва вилояти Хатлон дар он аст, ки ҳудуди заминҳое, ки ба корам равона гардидаанд, ба гардиши соҳаи кишоварзӣ ҳамроҳ намудани ин заминҳо, яъне заминҳои боир ва азхудкунии майдони кишти нав афзуда истодааст. Чуноне ки маълумоти ҷадвали 2.5 нишон медиҳад дар, мамлакат дар давраи солҳои 2019-2023 майдони заминҳои кишти зироатҳои кишоварзӣ аз 846,9 то 861,4 ҳаз.га ва 14,5 ҳаз.га (1,7%) зиёд шудааст.

Дар вилояти Хатлон бошад майдони заминҳои кишти зироатҳои кишоварзӣ аз 421,8 то 434,3 ва ё 12,5 ҳаз.га (2,9%) зиёд шудааст. Чи тавре аён аст суръати зиёдшавии заминҳои кишти вилояти Хатлон нисбат ба дигар минтақаҳоии мамлакат баландтар аст. Ин афзоиш камшавии заминҳои кишти вилояти ВМКБ ва НТҶ, ки дар ин давраи таҳлилӣ мувофиқан 1,9 ва 4,1 фоиз кам шудааст ҷуброн намудааст. Яъне, афзоиши майдони заминҳои кишти мамлакат аслан аз ҳисоби васеъгардии майдони кишти зироатҳои вилояти Хатлон ва вилояти Суғд рӯйи кор омадааст. Ҳиссаи майдони заминҳои кишти зироатҳои кишоварзии вилояти Хатлон дар байни заминҳои кишти зироатҳои кишоварзии мамлакат дар давраи солҳои 2019-2023 50 фоизро ташкил дода 2,9 фоиз зиёд шудааст.

Ҷадвали 2.5. - Заминҳои кишти зироатҳои кишоварзии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳаз.га)

Минатқаҳо	Солҳо					
	2019	2020	2021	2022	2023	с. 2023 бар с.2019, %
Ҷумҳурии Тоҷикистон	846990	856734	861692	859768	861458	101,7
Вилояти Хатлон	421838	426319	430514	433804	434315	102,9
Вилояти Суғд	274795	278640	279758	279767	280318	102,0
НТҶ	139791	141188	136805	132192	134058	-4,1
ВМКБ	10516	10531	10675	10342	10316	-1,9
Вилояти Хатлон ба заминҳои кишти мамлакат.%	49,8	49,7	49,9	50,4	50,4	0,6

Сарчашма: *Омори минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: 33 соли Истиқлолияти давлатӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2024. -С. 132-133.*

Дар вилоят солҳои охир ба истифода додани заминҳои нав суръат гирифта истодааст, ки ба афзудани майдони заминҳои кишоварзӣ мусоидат намудааст. (расми 2.1) «Бо ташаббус ва саҳми соҳибкорон хатти оби полезӣ аз шохоби дарёи Панҷ гузаронда шудааст, бо сармоягузории соҳибкорон аз дарё то заминҳои ҷадид канал канда шудааст**.** Дарозии канал ҳудуди 3,5 километрро ташкил дода, ҷамъоварии об дар обанбори масоҳаташ 40х40 м.м роҳандозӣ шудааст.



Расми 2.1. - Динамикаи заминҳои кишт дар вилояти Хатлон (га).

Сарчашма: *Омори минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: 33 соли Истиқлолияти давлатӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2024. -С. 132-133.*

Баъдан бо истифода аз 1 адад пойгоҳи обкашӣ ва 2 адад дастгоҳи обкашӣ тариқи қубурҳои қутраш 530 м.м обёрӣ карда шудааст. Мақсади асосии ба истифода додани хатти оби полезӣ ин ба гардиши кишоварзии обӣ даровардани

зиёда 2000 гектар заминҳо мебошад. Айни замон хати оби полезӣ 500 гектар заминҳоро обёрӣ мекунад. Барои татбиқи ин лоиҳа 12,5 млн. сомонӣ маблағгузорӣ шудааст» [13].

Умуман, дар вилояти Хатлон масоҳати заминҳои кишоварзӣ, тадриҷан афзуда истодааст. Аз ин рӯ беш аз 50 фоизи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба вилояти Хатлон рост омада, кафолати таъмини амнияти озуқавории мамлакат бо фаъолияти кишоварзони ин вилоят вобаста мебошад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ нишон медиҳанд, ки афзоиши ҳудуди заминҳои кишт (зиротҳо) дар худ инъикисогари технологияҳои муосири пешқадам, ки мансуб ба соҳаи кишоварзӣ буда, имкониятҳои раванди худтаъминкуниро аз ҳисоби маҳсулотҳои озуқаворӣ бо суръати баланд тезонида, дараҷаи қонеъгардонии талаботҳои қишрҳои гуногуни аҳолиро бо сифати баланд афзун менамояд. Дар баробари эҳтиёҷот ва талаботи соҳаи кишоварзӣ, инчунин талаботҳои соҳаи саноат низ аз ҳисоби гузариши маҳсулоти соҳаи аввал ба соҳаи дуюм бояд пайваст карда шавад. Ғайр аз ин, дар солҳои аввали Истиқлолият ва ислоҳот, ки боиси даст кашидан аз истифодаи миқдори зиёди захираҳои замин дар соҳаи кишоварзӣ дар минтақаҳои хоҷагидории хавфнок бо сабаби камшавии назарраси дастгирии давлати рӯйи кор омада буд, пас аз солҳои 2015 пайваста бо рушди муносибатҳои бозорӣ, сармоягардии заминҳои кишовапрзӣ ва неру гирифтани механзми дастгирии давлатӣ истифодабарандагони заминҳои кишоварзӣ мавҷи такороистеҳсолу ба гардиш ворид намудани заминҳои партов ва азхудкунии заминҳои нав дар вилоят рӯйи кор омад, ки он сабаби афзоиши майдони заминҳои кишти зироатҳои кишоварзӣ гардид. Ҳамчунин пайваста афзудани масоҳати умумии заминҳои кишоварзӣ дар мамлакат ва вилоят ба ҳадди ниҳоии худ нарасидааст ва ҳоло захираҳои замин бисёр аст, аммо шиддатнокии истифодаи заминҳои маҷуда идома дорад, ки метавонад ба таназзули хавфнокии заминҳои кишоварзӣ мусоидат намояд.

Ҳангоми таҳқиқи ҷанбаҳои амалии истифодаи самараноки захираҳои соҳаи кишоварзӣ нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатии он бояд дар мадди аввал қарор дода шаванд. Ин гуна нишондиҳандаҳо, ки дар боби аввали таҳқиқот мавриди

омӯзиш қарор дода шудаанд, ба ҳосилнокии заминҳои корам вобаста буда, бо нишондиҳандаҳои иқтисодии сарикасӣ ҳисоб карда мешаванд. Баъзе аз хусусиятҳои ҳисоби нишондиҳандаи сарикасӣ, ки дар худ омилҳои демографиро инъикос менамояд, аз нишондиҳандаҳои иқтисодӣ бо хусусиятҳои хосси худ метавонад дар тафовут бошад.

Ҷадвали 2.6. - Майдони кишти ноҳияҳои вилояти Хатлон, ки ба як нафар рост меояд

Шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон	Солҳо					
	2019			2023		
	Аҳолӣ, ҳаз. нафар	Майдони кишт, гектар	Ба ҳар нафар аҳолӣ, гектар	Аҳолӣ, ҳаз. нафар	Майдони кишт, гектар	Ба ҳар нафар аҳолӣ, гектар
Вилояти Хатлон	3348,3	421838	0,12	3697,7	434315	0,11
ш.Бохтар	111,8	1163	0,01	130,8	1161	0,008
н.Кӯшониён	245,9	22174	0,09	270,7	22413	0,08
н.Вахш	199,3	23918	0,12	223,1	24335	0,10
н.Хуросон	116,5	15982	0,13	131,6	16697	0,12
н.Дӯстӣ	117,0	18582	0,15	128,5	19631	0,15
н.Қубодиён	188,1	17060	0,09	206,2	17366	0,08
н.Ҷ.Балхӣ	201,3	22074	0,10	221,0	23304	0,10
н.А.Ҷомӣ	175,8	20086	0,11	193,0	20944	0,10
н.Ҷайҳун	139,0	22790	0,16	150,3	23980	0,15
н.Панҷ	119,7	19264	0,16	130,0	20122	0,15
н.Шаҳритус	130,0	14143	0,10	143,4	15406	0,10
н.Ёвон	234,6	30663	0,13	264,0	32193	0,12
н.Н.Хусрав	39,3	8783	0,22	48,5	9997	0,20
ш.Левакант	48,3	2516	0,05	52,7	2525	0,04
ш. Кӯлоб	214,8	10409	0,04	231,1	10646	0,04
н.Муъминобод	94,7	14978	0,15	102,9	15262	0,14
н.Восеъ	216,5	27744	0,12	237,5	28170	0,11
н.М.С.А.Ҳамадонӣ	148,8	17424	0,11	161,1	17567	0,10
н.Фархор	170,8	27879	0,16	187,8	28451	0,15
н.Темурмалик	69,8	15905	0,22	78,4	16040	0,20
н.Данғара	161,0	40691	0,25	180,8	38769	0,21
н.Ховалинг	57,8	8161	0,14	61,1	8212	0,13
н.Ш.Шоҳин	55,5	12879	0,23	60,4	14226	0,23
н.Балҷувон	30,4	5507	0,18	34,3	5747	0,16
ш.Норак	61,5	1063	0,01	68,5	1152	0,01

Сарчашма: *Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991-2023. Сарраёсати омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. - Бохтар, 2023. -С. 19-119 ва ҳисобҳои муаллиф*

Дар вилоят майдони кишт ба ҳар нафар аҳолӣ дар соли 2023 ба андоза 0,11 га мерасад, дар муқоиса ба соли 2019 0,01 га кам гардидааст. Майдони кишт ба ҳар нафар аҳолӣ дар ноҳияҳои вилоят фарқ менамоянд ва коэффитсиенти

фарқият, яъне фарқи қимати максималӣ ва минималӣ ба 0,22 (0,23-0,01) баробар мебошад.

Дар ноҳияҳои Дӯстӣ, Н.Хусрав, Ҷайҳун, Панҷ, Ёвон, Муъминобод, Хуросонн, Фархор, Темурмалик, Данғара, Ховалинг, Ш.Шоҳин, Балҷувон майдони кишт ба ҳар нафар аҳолӣ нисбат ба қимати миёнаи вилоят баланд буда, бо назардошти имкониятҳои иқтисодии заминҳои соҳаи кишоварзӣ, ки айни замон пурра ошкор нагардидаанд метавонад афзоиш дода шавад. Ин нишондиҳанда дар н. Ш.Шоҳин аз ҳама максималӣ буда ба 0,23 баробар аст. Ҳиссаи майдони кишти зироатҳои кишоварзии ноҳияи номбурда дар ҷамъи заминҳои кишти вилоят 3,2 фоизро ташкил додааст. Қимати минималии майдони кишт ба ҳар нафар аҳолӣ дар ш. Норак мушоҳида мешавад, ки он ба 0,01 гектар баробар аст. Умуман тамоюли пастравии майдони кишт ба ҳар нафар аҳолӣ қариб дар тамоми ноҳияҳои мушоҳида мешавад. Ин тамоюл дар бораи шиддатнок шудани муаммои маҳдудияти захираҳои замин, ки пайваста бо афзудани шумораи аҳолӣ бо таври объективӣ суръат мегирад шаҳодат медиҳад. Ин тамоюл водор менамояд, ки минбаъд ба масъалаи оқилона ва самаранок истифода бурдани заминҳои кишоварзӣ тадбирҳои судманд андешида шавад. Агар аз 25 ноҳияи дар ҷадвали 2.6 оварда шуда, соли 2019 дар 18 ноҳия майдони кишт ба ҳар нафар аҳолӣ аз 0,10 гектар боло бошад, пас соли 2023 ин нишондиҳанда дар 14 ноҳия мушоҳида мешавад.

Дар ҷамъи майдони кишти вилоят майдони кишти зироатҳои кишоварзии н. Данғара 8,9%, н. Ёвон – 7,4%, н. Восеъ – 6,4%, н. Фархор – 6,5%, н. Вахш - 5,6%. н.Ҷайҳун – 5,5%, н.Ҷ.Балхӣ – 5,3%, н.Кӯшониён – 3,9%, н.А.Ҷомӣ – 4,8%, н.Панҷ – 4,6% -ро ташкил додааст, ки заминҳои кишти онҳо аз 20 ҳазор гектар боло мебошад. Дар умум, майдони кишти зироатҳои кишоварзии ноҳияҳои номбаршуда 60,4 фоизи майдони кишти вилояти Хатлонро ташкил медиҳанд. Истифодаи оқилонаву самараноки заминҳои кишти ин ноҳияҳо дар ниҳояти кор ҳолати истифодаи самараноки заминҳои кишоварзии вилоятро муайян менамояд. Тағйироти сохтории майдони кишти зироатҳои кишоварзӣ дар ду минтақаи вилоят – минтақаи Вахш ва минтақаи Кӯлоб дар ҷадвали 2.7 оварда шудааст.

Ҷадвали 2.7. - Аҳолӣ ва майдонҳои кишти минтақаҳои Вахш ва Кӯлоби вилояти Хатлон

Нишонди-ҳандаҳо	Солҳо					
	2019		2023		Тағйирот (+,-)	
	Минтақаи Вахш	Минтақаи Кӯлоб	Минтақаи Вахш	Минтақаи Кӯлоб	Минтақаи Вахш	Минтақаи Кӯлоб
Аҳолӣ	2066,6	1281,6	2293,8	1403,9	227,2	122,3
Майдонҳои кишт	219934	201904	250074	184241	30140	-17663
Аҳолӣ,%	61,7	38,3	62,1	37,9	0,4	-0,4
Майдонҳои кишт, %	52,1	47,9	57,6	42,4	5,5	-5,5

Сарчашма: *Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991-2023. Сарраёсати омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. -Бохтар, 2023. -С.* 19-119.

Чи тавре маълумоти ҷадвали 2.7 нишон медиҳад, мутаносибии замин дар соли 2023 дар минтақаи Вахш 62,1 фоизи аҳолии вилоят рост меояд, ки нисбат ба соли 2019 дар сатҳи 4 банди фоиз зиёд шудааст. Майдони кишти ин минтақа 57,6 фоизи тамоми майдони кишти вилоятро ташкил дода, нисбат ба соли 2019 дар сатҳи 10,5 банди фоиз зиёд шудааст. Дар минтақаи Кӯлоб бошад соли 2023 37,9 фоизи аҳолии вилоят маскун шуданд ва нисбат ба соли 2019 дар сатҳи 1,0 банди фоиз кам шудааст. Майдони кишти зироатҳои ин минтақа 42,4 фоизи майдони кишти вилоятро ташкил дода нисбат ба соли 2019 11,4% кам шудааст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар ин минтақа ба азхудкунии заминҳои нави кишоварзӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ дода намешавад. Зеро ки майдони кишти мавҷуда ба ҳар нафар аҳолӣ (0,13 га) нисбат ба ҳамин нишондиҳандаи минтақаи Вахш (0,10 га) дар сатҳи 0,03 га баланд аст. Ҳамин тариқ, дар минтқаи Кӯлоб майдони кишти мавҷуда ба ҳар нафар аҳолӣ баланд мебошад, аммо истифодаи самараноку оқилонаи он нисбат ба минтақаи Вахш пасттар аст. Дар марҳилаи гузариш ба рушди индустриалии корхонаҳои аграрӣ дар минтқаи Кӯлоб андешидани тадбирҳо, пеш аз ҳама, дар самти таҳияву татбиқи барномаҳои мақсаднок барои истифодаи самараноки иқтидори иқтисодии заминҳои кишоварзӣ ва истифодаи технологияи муосири таҳлилию иттилоотӣ тақозои замон аст.

Раванди афзудани майдонҳои кишти зироатҳои кишоварзӣ дар вилоят тамоюли мусбӣ дошта он барои таъмини устувории зироаткорӣ, рушди истеҳсолоти кишоварзӣ мусоидат намудааст. Чи тавре аз расми 2.2 аён аст, дар

давраи солҳои 2019-2023 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти умумии кишоварзӣ дар вилояти Хатлон аз 26,8 то 35,3 млрд. сомонӣ ва ё 31,7 % афзудааст. Маҳсулоти растанипарварӣ, ки аслан бо сарфанокии истифодаи майдони кишт вобастагӣ дорад аз 19,4 то 24,6 млрд. сомонӣ ва ё 26,8% афзудааст. Яъне рушди маҳсулоти умумии кишоварзиро рушди истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ муайян намудааст. Ҳиссаи ҳаҷми маҳсулоти растанипарварӣ дар маҳсулоти умумии кишоварзӣ 69,6 фоизро ташкил додааст. Дар ин давраи таҳлилӣ истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ низ аз 7,3 то 10,6 млрд. сомонӣ ва ё 45,2% афзудааст.



Расми 2.2. – Динамикаи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии вилояти Хатлон (млрд. сомонӣ)

Сарчашма: *Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991-2023. Сарраёсати омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. - Бохтар, 2024. -С. 116-118.*

Новобаста аз тамоюли мусбӣ тамоюлҳои манфӣ низ дар равандҳои такроистеҳсоли захираҳои замин дар соҳаи кишоварзӣ мушоҳида мешавад. Бинобар он Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон барномаҳои мақсадноки нигоҳдорӣ ва баркарорсозии ҳосилхезии хоки заминҳои кишоварзӣ ва (минтақаҳои алоҳидаи) ландшафтҳои кишоварзиро ҳамчун сарвати миллии мамлакат қабул ва татбиқ намуда истодааст.

Чи тавре дар боло қайд намуда будем майдони фарохи заминҳои кишоварзӣ дар ноҳияҳои Данғара. Ёвон, Восеъ, Фархор, Вахш, Ҷайҳун, Ҷ. Балхӣ, Кӯшониён, А. Ҷомӣ мушоҳида мешавал. Таҳия ва татбиқи барномаҳои мақсадноки беҳдошти

заминҳои кишоварзии дар ин ноҳияҳои аграрӣ захираи мутмаини рушди соҳаи кишоварзии вилоят мебошад. Дар баробари ин, он заминҳои корам, ки дар ҳудуди вилояти Хатлон зиёд гардидаст ва барои афзоиш ҳиссаи маҳсулотҳои зироатӣ зарур аст сарфи назар аз мавҷудияти захираҳои замин, захираҳои афзоиши онҳо ва дараҷаи нисбатан баланди таъминот бо онҳо табдирҳо андешида шавад.

Мутаассифона, қисми зиёди заминҳои корам дар бисёр ноҳияҳои вилоят дар минтақаҳои аз ҷиҳати иқлим номусоид ҷойгир аст, бинобар он таъмини рушди чорводорӣ, ки метавонад ба афзоиши зироатҳои хӯроки чорво такони ҷиддӣ бахшад, ба мақсад мувоффиқ мебошад. Заминҳои аз ҳама мусоид барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар ҳудуди ноҳияҳои минтақаи вахши вилоят ҷойгиранд. Дар ин минтақа аксарияти субъектҳои хоҷагидор хеле фаъоланд, ки тамоюли зиёд кардани истифодаи заминҳои кишоварзӣ мушоҳида мешавад. Мувофиқи ҳисобҳои раёсати кишоварзии мақомоти иҷрои давлатии вилояти Хатлон дар давоми якчанд соли охир дар ҳудуди онҳо аз 10 - 18 ҳазор гектар замини корамнашуда ба муомилот дароварда шудааст. Аммо, бахши кишоварзии минтақаи Кӯлоби вилоят майдони зиёди захираҳои заминро аз даст додааст, аз ин рӯ, ба андешаи мо, дар ин ҷо метавонад барномаи пурраи мақсадноки такрористеҳсоли майдони заминҳои кишоварзӣ талаб карда шавад.

Табиист, ки шароити иқлим, миқдори ҳосили аз як майдон дар давоми сол гирифташуда ва дараҷаи интенсивии технология дар байни ноҳияҳо аз ҷиҳати истифодаи хосси нуриҳои маъданӣ тафовути хеле калон ба амал меоварад. Аммо агар ноҳияҳоро ба назар гирем, ки кишоварзии онҳо дар ҳудуди онҳо, ки шароити иқлимашон якхела мебошанд, нисбат ба қиммати миёнаи вилоят фосилаи хеле калон мушоҳида карда мешавад. Нишондиҳандаи дигари муҳими ҳосилхезии хок ин таркиби гумус мебошад, ки асоси энергетикии равандҳои биологӣ буда, равандҳои афзоиш ва ғизодиҳии растаниро бо макро ва микроэлементҳо танзим мекунад. Мазмуни гумус дар хок аксар вақт сатҳи ҳосили зироатҳоро муайян ва маҳдуд мекунад.

Тибқи натиҷаҳои мониторинги ҳосилхезии хок дар вилоят, хокҳои дорои миқдори миёнаи гумус (3-6%) бартарӣ доранд - ҳиссаи онҳо 42% -ро ташкил дода,

боқӣ дар дигар заминҳо миқдори ками гумус ба қайд гирифта шудааст. Афзоиши миқдори моддаҳои органикӣ дар хок метавонад тавассути ворид кардани нуриҳои органикӣ мусоидат намуда, аз ҳисоби таъсири ҳолатҳо ва шароитҳои агроиқлимӣ, шӯршавии заминҳо, ба ботлоқ мубаддал гардидан, афзоиши ҳиссаи биёбонҳои нолозим, ба вуҷуд омадани сел аз ҳисоби маҷроҳои асосии дарёҳо, ки аз ҳудуди вилояти Хатлон мегузарад, ҳиссагузории он метавонад кам гардад.

Ҷадвали 2.8. - Муносибатҳои замин аз рӯйи аҳаммияти экологиву иқтисодӣ дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон (соли 2023).

Тавсифи экологӣ-иқтисодӣ	Ҷамъи заминҳои истифодаи кишоварзӣ	Аз он ҷумла, мазраъ
Майдони умумии заминҳои таъиноти кишоварзӣ. ҳаз.га	875,9	231,6
Ҳолати иқтисодиву экологӣ: %		
хавфи эрозия доранд	33,3	32,5
эрозия шудаанд	22,3	23,4
намнокии зиёд доранд	19,7	19,3
ботлоқ шудаанд	8,3	6,2
намак шуданд	6,3	4,1
санглох	2.1	1,3
дигар ифлосшавӣ	7,9	13,2

Сарчашма: Таҳия карда шуд аз рӯйи: ҳисоботи идораи КАС Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон дар соли 2023.

Айни замон дар вилоят паст шудани сатҳ ва ё заминаи табиии иқтисодии заминҳои кишоварзӣ, фаъол гаштани тамоюлҳои манфии агроэкологӣ, эрозияи обу шамол, дегумификатсияи хок ва биёбоншавии мушоҳида мешавад (ҷадвали 2.8).

Аз ҷадвали 2.8 бар меояд, ки асоси ҳолатҳои экологӣ, ки ба муносибатҳои иқтисодӣ таъсири бевосита доранд, масоҳати умумии заминҳои кишоварзиро кам менамояд. Илова бар ин, алоқамандии ҳолати иқтисодӣ дар якҷоягӣ бо омили экологӣ мушоҳида мегардад, ки мазраи он аз ҳисоби хавфи ба эрозия гирифтор шудан 32,5%-ро ташкил медиҳад. Дигар ҳолатҳои экологӣ, ба монанди ҳиссаи санглохҳо, шӯршавӣ ва ифлосшавӣ аз дигар сарчашмаҳо мутаносибан кам ба назар мерасад ва барои беҳтар намудани ҳолати иқтисодӣ дарёфти сарчашмаҳои иловагии сармоягузорӣ амри зарурӣ дониста мешавад. Чунки таҷрибаи солҳои қаблӣ нишон медиҳад, ки ҳамасола ҷалби маблағҳои иловагӣ баҳри кам намудани таъсири омили экологӣ афзоиш ёфта истодааст. Он ҳолатҳое, ки ҳиссаи бахши

хусусӣ дар тавлиди молҳои истеҳсолии заминҳои кишоварзӣ зиёд бошад, мутавозинии нобаробарии муҷтамаи агросаноатӣ вайрон мегардад ва ин боиси камшавии ҳиссаи маҳсулотҳои бахши аграрӣ шуда метавонад.

Таъсири ҳодисоти антропогенӣ ба заминҳои кишоварзӣ таҳияи тадбирҳои нигоҳдорӣ ва барқарорсозии қабати ҳосилхези хокро тақозо менамояд. «...Дар замони мусир метавон бо роҳи ташкили киштгардон, кабудизоркунии замин барқарор намудани иқтидори табиии заминҳоро таъмин намуд» [107, с. 127]. Айни замон барои ҳалли муаммоҳои таназзул ва вайроншавии замин эҳтиёҷоти мутахассисони соҳаи истифодаи оқилона ва экологӣ нигаронидашудаи замин, ҳифз ва барқарорсозии заминҳои вайроншуда меафзояд. Дар ин ҷода истифодаи технологияҳои инноватсионӣ, ташкили зироаткории дақиқро татбиқ кардан лозим аст. Беҳтар кардани вазъи экологии қаламрави вилоят тавассути таҳияи тадбирҳои илмӣ ва методӣ, ки шароитҳои ландшафтӣ-экологӣ, экологӣ-иқтисодӣ ва агроэкологии истифодаи заминро ба назар мегиранд, имконпазир аст. Т.В. Абалакин қайд менамояд, ки: «...Дар соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ мушкилоти экологие, ки ба такмил додани механизми экологӣ-иқтисодии истифодаи иқтидорҳои замин алоқаманд, тезу тунд шуда истодаанд. Дар баробари ин, омӯзиши вазъи экологӣ ва тамоюли тағйирёбии он дар истифодаи заминҳои кишоварзӣ, инчунин арзёбии натиҷаҳо ва оқибатҳои ислоҳоти замин дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим аст, ки омӯзиши асосҳои институтсионалии танзими экологию иктисодии истифодаи заминҳои соҳаи кишоварзиро дар минтақаҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ муайян мекунанд» [16, с. 63].

Олимони ватанӣ С. Ҷ. Комилов ва М. К. Файзуллоев қайд менамоянд, ки «...асоси иқтисодиёти кишоварзиро ҳамчун соҳаи алоҳидаи иқтисодиёт иқтидори инноватсионии он ташкил медиҳад ва ҳангоми самаранок истифода намудани он сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии давлат таъмин карда мешавад» [71, с. 369]. Дигар олими ватанӣ Д.Д. Бобоҷонов таъкид менамояд, ки «...таҳлил нишон медиҳад, ки самаранокии механизми амалишавии лоиҳаҳои инвеститсионии минтақавӣ, пеш аз ҳама, ба сиёсати инвеститсионӣ вобаста мебошад. Аз ин рӯ,

дар такомули механизми амалишавии лоиҳаҳои инвеститсионӣ баррасии самтҳои сиёсати сармоягузорӣ аҳаммияти калон пайдо менамояд [61, с. 26].

Набиев И.И. бо истифода аз таҳқиқоти мувофиқ қайд менамояд, ки «...рушди ҳамаҷонибаи тамоми соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ, хосатан кишоварзӣ аз дараҷаи истифодаи ғояҳои наву замонавӣ, технологияи муосир, дастовардҳои инноватсионӣ.....вобаста аст» [90].

Ҳамин тариқ, новобаста аз он ки дар солҳои охир дар вилояти Хатлон болоравии дараҷаи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ мушоҳида мешавад, ин натиҷаи истифодаи самараноки иқтидори заминҳои кишоварзӣ ҳам мебошад. Зеро, сатҳи рушди афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, нисбат ба сатҳи рушди майдони заминҳои кишоварзӣ ҳеле баланд мебошад. Пайваста ба тамоюли пастравии майдони кишт ба ҳар як нафар аҳолии вилоят, ки дар ниҳояти кор метавонад таҳдид ба амнияти озуқаворӣ орад, мубрамияти баланд бардоштани истифодаи самараноки иқтидори иқтисодии заминҳои кишоварзӣ боз ҳам меафзояд. Таъмини дараҷаи баланди тараққиёти соҳаи растанипарварӣ масъалаи асосӣ дар таъмини самаранокии иқтидори иқтисодии заминҳои кишоварзӣ мебошад, ки дар он заминаҳои асосии фаъолияти минбаъдаи муваффақиятноки комплекси агросаноатӣ рӯйи кор меоянд.

2.2. Арзёбии иқтидори иқтисодии захираи заминҳои кишоварзии вилояти Хатлон

Дар вилояти Хатлон иқтидори баландтари заминҳои ҳосилхези мамлакат воқеъ буда, ба минтақаи интенсивии кишоварзӣ мансуб мебошад. Таҳлили ҳолати муосири истифодаи самараноки захираҳои замини соҳаи кишоварзӣ нишон дод, ки арзёбии равандҳо ва ҷараёнҳои ҷойдошта бояд дар асоси хусусиятҳои махсуси он ба роҳ монда шавад. Чунки ҳангоми арзёбии мавқеи захираҳои соҳаи кишоварзӣ муаммоҳо ва мушкилотҳои соҳавӣ ҷой доранд ва барои бартараф намудани онҳо чораҳои зарурӣ бо назардошти манфиатҳои субъектҳои хоҷагидор бояд таҳия ва коркард карда шаванд. Илова бар ин, барои арзёбии истифодаи самараноки замин дар адабиёти иқтисодӣ-аграрӣ маҷмуи нишондиҳандаҳо, ки сифати умуми, ҷузъӣ ва ёрирасонро доранд татбиқ мешавад. Маъмултарин

нишондиҳандаи умумии самаранокии истифодаи заминро истеҳсоли маҳсулоти умумии кишоварзӣ ба ҳар як гектар замини кишоварзӣ, ҳосилнокии замин, ки дар ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ ифода меёбад, мебошанд. Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба ҳар як коргари соҳа, нишондиҳандаҳои меҳнатғунҷоиш, фондғунҷоиш, боздеҳии фондҳо, гирдгардиши фонҳои асосӣ ва ёрирасонро дорад, ки ҳисоби онҳо барои як гектар замин имконияти ошкор намудани хароҷотҳои истеҳсолиро дар давраи муайян медиҳад.

Дар вилояти Хатлон дар давраи солҳои 2019-2023 маҳсулоти умумии кишоварзӣ аз 24162,1 то ба 35326,2 млн. сомонӣ ва ё 46,2 % зиёд шудааст. Ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ ба як гектар заминҳои кишоварзӣ бошад аз 58,3 то 81,3 ҳазор сомонӣ ва ё 39,4 фоиз зиёд шудааст. Дар ин давраи таҳлилӣ шумораи машғулин дар соҳаҳои кишоварзии вилоят аз 254,2 то 309,7 ҳаз. нафар ва ё 48,9 % зиёд шудааст. Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба ҳар як коргар бошад, аз 44,7 то 66,6 ҳазор сомонӣ ва ё 48,95 фоиз зиёд шудааст. Суръати афзоиши ҳосинокии меҳнати кормандони кишоварзӣ аз сураъати афзоиши шумораи машғулин баланд мебошад, пас афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ аз ҳисоби ҳосилнокии меҳнат суръат гирифтааст.(ҷадвали 2.9).

Ҷадвали 2.9. - Динамикаи нишондиҳандаҳои асосии самаранокии иқтисодиёти кишоварзии вилояти Хатлон

Нишондиҳандаҳо	**Солҳо**					
	2019	**2020**	**2021**	**2022**	**2023**	**с.2023, нисбат ба с. 2019. %**
Маҳсулоти умумии кишоварзии вилоят, млн. сомонӣ	24162,1	29312,2	31040,1	33074,4	35326,2	146,2
Ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ ба як гектар заминҳои кишоварзӣ, ҳаз. Сомонӣ	58,3	68,3	72,1	76,2	81,3	139,4
Шумораи машғулин дар кишоварзӣ, ҳаз. нафар	254,2	249,3	289,5	301,3	309,7	121,8
Ҳаҷми маҳсулот ба як корманд, ҳаз. сомонӣ	44,7	47,8	44,0	45,0	66,6	148,9

Сарчашма: *Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991-2023. Сарраёсати омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. Бохтар, 2023. -С.* 116-119 *ва ҳисобҳои муаллиф*

Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ яке аз нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти ҳам корхонаҳои кишоварзӣ ва ҳам умуман вилоят мебошад. Илова бар ин ҷадвали болозикр нишон медиҳад, ки барои афзоиши самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ аз ҳисоби тағйири нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ба монанди арзиши маҳсулоти истеҳсолгардида ва ҷоннок намудани раванди фурӯши он барои қонеъсозии талаботи истеъмолкунандагон дар асоси меъёрҳои муайяни фаъолият ба роҳ монда мешавад.

Самаранокии истеҳсолот дар ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташуда мебошад, ки асоси онҳоро афзоиши истеҳсоли маҳсулот ва даромади истеҳсолкунандагон ташкил медиҳад. Нишондиҳандаҳои самаранокӣ таносуби ин нишондодҳоро ба ҳаҷми омилҳои истеҳсолӣ ифода мекунанд. Таҷриба собит месозад, ки фаъолияти қисми зиёди корхонаҳои соҳаи кишоварзӣ ҳангоми тавлиди молу маҳсулот ва дар баъзе ҳолатҳо пешниҳоди хизматрасониҳо барои дигар соҳаҳо (масалан, соҳаи саноат) гуногунпаҳлу буда, натиҷаи фаъолият ба вазъи молиявии онҳо, ки марбут ба бахши воқеии иқтисодиёт аст, вобастагӣ дорад. Дар ҳолатҳои дигар, масалан, пешбурди фаъолият аз ҳисоби харид ва фурӯши қоғазҳои қимматнок, ки ба афзоиши маҳсулоти истеҳсолӣ таъсири мусбӣ мерасонад, таҳқиқи дигар нишондиҳандаҳои молиявиро ба вуҷуд меорад. Ба сабаби он ки дар таҷрибаи корхонаҳои соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон чунин корхонаҳо кам мушоҳида мегардад, зарурати коркарди механизми амалкарди он ҷиддӣ ба назар намерасад. Ҳангоми ҷой доштани инфрасохтори зарурӣ ва мавҷудияти пойгоҳ (база)-и маълумот ва иттилооти зарурӣ чунин ҳолатро арзёбӣ намудан имконпазир аст. Айни замон ҳангоми арзёбии фаъолияти иқтисодӣ чунин натиҷаҳои молиявиро таҳқиқ намудан душвор аст.

Ин ба самаранокии корхонаҳо на танҳо аз ҷониби омилҳои беруна, балки аз ҷониби омилҳои дохилӣ низ таъсири назаррас мерасонад. Самараи иқтисодиро бо роҳи тағйир додани технология, тағйир додани миқёси истеҳсолот, гузаштан ба структураи нави ташкилӣ ва дигар роҳҳо ба даст овардан мумкин аст. Бинобар ин, таҳлили тараққиёти минтақавӣ бояд аз омӯзиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва самараи истеҳсолот оғоз ёбад. Омили асосии зиёд кардани самараи

истифодаи замин дар кишоварзӣ интенсификатсия мебошад, ки маблағгузории захираҳоро дар асоси татбиқи дастовардҳои илмӣ-техникӣ бо мақсади аз 1 гектар зиёд кардани маҳсулот бо харҷи камтарини воҳиди маҳсулот мусаллаҳ менамояд.

Нишондиҳандаи истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ дар хоҷагиҳои ноҳияҳои вилоят вобаста бо шароити иқлимиву ҷуғрофӣ фарқ мекунад. Чи тавре аз маълумоти ҷадвали 2.10 бармеояд сатҳи тафовут ва ё фарқияти миёни қимати мақсималӣ ва минималии ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ ба як гектар заминҳои кишоварзӣ дар хоҷагиҳои ноҳияҳо соли 2023 100,7 (119,4-18,7 ҳазор сомонӣ) – ро ташкил додааст.

Ҷадвали 2.10. - Истифодаи самараноки майдони кишти зироатҳо дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон

Вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳо	Солҳо				с.2023, нисбат ба с. 2019. %
	2019		2023		
	Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба як гектар, ҳаз. сомонӣ	Ҷойгоҳи 10 гона	Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба як гектар, ҳаз. сомонӣ	Ҷойго-ҳи 10 гона	
Вилояти Хатлон	46,2		56,7		122,7
ш. Бохтар	86,1	1	119,4	1	138,6
н. Кӯшониён	60,3	5	71,1		117,9
н. Вахш	49,4		62,4		126,3
н. Хуросон	41,2		48,9		118,6
н. Дӯстӣ	53,5		72,3	6	135,1
н. Қубодиён	66,3	4	76,2	4	114,9
н. Ҷ.Балхӣ	54,2	8	64,7	8	119,3
н. А.Ҷомӣ	46,2		53,8		116,4
н. Ҷайҳун	71,3	3	111,8	2	156,8
н. Панҷ	42,5		54,3		127,7
н. Шаҳритус	72,8	2	80,8	3	110,9
н. Ёвон	41,5		46,2		111,3
н. Н.Хусрав	51,3	10	63,1		123,0
ш. Левакант	53,4	9	62,7	10	117,4
ш. Кӯлоб	56,8	6	64,6	9	113,7
н. Муъминобод	34,5		30,8		89,2
н. Восеъ	40,2		48,4		120,3
н.М.С.А.Ҳамадонӣ	44,2		66,6	7	150,6
н. Фархор	39,5		50,0		126,5
н. Темурмалик	19,9		18,7		93,9
н. Данғара	35,1		42,2		120,2
н. Ховалинг	24,1		29,1		120,7
н. Ш.Шоҳин	24,9		22,0		88,3
н. Балҷувон	35,2		33,4		94,8
ш. Норак	55,3	7	72,9	5	131,8

Сарчашма: *Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991-2023. Сарраёсати омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. -Бохтар, 2023. -С.* 117-119.

Ин нишондиҳанда дар ҳамаи хоҷагиҳои ноҳияҳои дар соли 2023 нисбат ба соли 2019 рушд ёфтааст. Дар вилоят истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба як гектар майдони кишт аз 46,2 то 56,7 ҳазор сомонӣ ва ё 22,7 фоиз зиёд шудааст. Дар давраи солҳои 2019-2023 аз ҳама рушди баланд, яъне беш аз 120% дар хоҷагиҳои н. Ҷайҳун (156,8%), н. М.С.А. Ҳамадонӣ (150,6%), ш. Бохтар (138,6%), н. Дӯстӣ **(**135,1%), ш. Норак (131,8), н. Панҷ (127,7%), н. Фархор(126,5%), н. Вахш (126,3%), н. Н.Хусрав (123,0%), н. Ховалинг (120,7%), н. Восеъ (120,3%), н. Данғара (120,2%) мушоҳида мешавад.

Барои муайян намудани сатҳи истифодаи самараноки майдони кишт хоҷагиҳои деҳқониеро, ки дар онҳо истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба як гектар майдони кишт аз 51 ҳазор сомонӣ баланд аст, ҷудо намудем, ки онҳо 10 ададро ташкил доданд.

Соли 2019 дар даҳгонаи аввал хоҷагиҳои ноҳияи Бохтар қарор доштанд. Ин нишондиҳанда ба 86,1 ҳазор сомонӣ баробар буд. Дар ҷойи дуюм хоҷагиҳои ноҳияи Шаҳритус бо нишондиҳандаи 72,8 ҳазор сомонӣ ва дар ҷойи сеюм хоҷагиҳои ноҳияи Ҷайҳун бо нишондиҳандаи 71,3 ҳазор сомонӣ қарор дошт.

Дар соли 2023 бошад, бо нишондиҳандаи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба як гектар майдони кишт хоҷагиҳои шаҳри Бохтар - 119,4 ҳазор сомонӣ дар ҷойи аввал, дар ҷойи дуюм боз хоҷагиҳои ноҳияи Ҷайҳун бо 111,8 ҳазор сомонӣ ва дар ҷойи сеюм ноҳияи Шаҳритус бо 80,8 ҳазор сомонӣ қарор доранд. Умуман, хоҷагиҳои номбаршуда дар солҳои таҳлилӣ бо нишондиҳандаи истифодаи самараноки майдони кишт пешсаф мебошанд. Ба ин нишондиҳандаи баланд инфрасохтори муносиби соҳаи кишоварзӣ ва сатҳи баланди хоҷагидории молиявии субъектҳои хоҷагидор мусоидат намудааст. Наздикии бозорҳои шаҳр имконияти фарохро барои бо бозор мутобиқ намудани фаъолият ва истифодаи самараноки заминро таъмин менамояд.

Аз ҷадвали 2.11 маълум мегардад, ки байни шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон аз ҳисоби нобаробарии нишондиҳандаҳои иқтисодӣ, ба монади майдони кишти зироатҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ ва фермерӣ, тавофути қиматҳои миёна ва ҳадди аксар бомаротиб тағйир ёфтаанд. Ин ҳолат аз он шаҳодат медиҳад, ки дар

ҳудуди баъзе аз шаҳру ноҳияҳои вилоят заминҳои кишоварзӣ ғайрисамаранок мавриди истифода қарор дода мешавад.

Ҷадвали 2.11. - Сатҳи нобаробарии нишондиҳандаи истифодаи самараноки майдони кишти зироати хоҷагиҳои ноҳияҳои вилояти Хатлон

Номгӯйи шаҳру ноҳияҳо	Солҳо			
	2019		2023	
	Нисбат ба қимати миёна	Нисбат ба қимати максималӣ	Нисбат ба қимати миёна	Нисбат ба қимати максималӣ
ш. Бохтар	1,86	1,00	2,10	1,00
н. Кӯшониён	1,30	0,70	1,25	0,59
н. Вахш	1,06	0,57	1,10	0,52
н. Хуросон	0,89	0,47	0,86	0,40
н. Дӯстӣ	1,15	0,62	1,27	0,60
н. Қубодиён	1,43	0,77	1,34	0,63
н. Ҷ.Балхӣ	1,17	0,62	1,14	0,54
н. А.Ҷомӣ	1,00	0,53	0,94	0,45
н. Ҷайҳун	1,54	0,82	1,97	0,93
н. Панҷ	0,91	0,49	0,95	0,45
н. Шаҳритус	1,57	0,84	1,42	0,67
н. Ёвон	0.89	0,48	0,81	0,38
н. Н.Хусрав	1,11	0,59	1,11	0,52
ш. Левакант	1,15	0,62	1,10	0,52
ш. Кӯлоб	1,22	0,65	1,13	0,54
н. Муъминобод	0,74	0,40	0,54	0,25
н. Восеъ	0,87	0,46	0,85	0,40
н.М.С.А.Ҳамадонӣ	0,95	0,51	1,17	0,55
н. Фархор	0,85	0,45	0,88	0,41
н. Темурмалик	0,43	0,23	0,32	0,15
н. Данғара	0,75	0,40	0,74	0,35
н. Ховалинг	0,52	0,27	0,51	0,24
н. Ш.Шоҳин	0,53	0,28	0,38	0,18
н. Балҷувон	0,76	0,40	0,58	0,27
ш. Норак	1,19	0,64	1,28	0,61

Сарчашма: *Ҳисобкуниҳои муаллиф дар заминаи иттилооти ҷадвали 2.10.*

Масалан, дар ш. Кӯлоб қимати миёнаи майдони заминҳои кишти соҳаи кишоварзӣ ба 1,22 банд баробар бошад, пас нишондиҳандаи максималии он ба 0,65 соли 2019 рост меояд. Ҳол он ки дар ҳолати динамикӣ қимати максималии он ба 0,54 коҳиш ёфтааст. Аз лиҳози назариявӣ он дар натиҷаи кам гардидани майдони заминҳои кишт бояд арзёбӣ карда шавад. Дар ҳолати баръакс аз нобаробарии дараҷаи самаранокии истифодаи замин гуфтан мумкин аст. Дар ҳудуди дигар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон низ мутаносибан чунин тағйиротҳо мушоҳида мегарданд.

Дар баробари ин, дар таҳқиқот қайд мегардад, ки истифодаи усули қиматбандӣ, яъне фосилагирӣ барои ҳолати динамикӣ, масалан, солҳои 2019 ва

2023 фарқияти нишондиҳандаи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба як гектар майдони киштро аз нишондиҳандаи миёнаи вилоят ва қимати максималии он муайян намудем. Чи тавре маълумоти ҷадвали 2.11 нишон медиҳад, соли 2019 миёни 25 шаҳру ноҳияи вилоят 13-тоаш аз нишондиҳандаи миёнаи вилоят, ки ба 46,2 ҳазор сомонӣ баробар буд, баланд буд, яъне коэфитсиенти фосила нисбат ба қимати миёна аз 1 баланд буд. Қимати максималӣ, ки ба 86,1 ҳазор сомонӣ баробар асту ба ш. Бохтар рост меодяд, фақат хоҷагиҳои 3 ноҳия (н. Шаҳритус, н. Ҷайҳун, н. Кӯшониён) аз 0,7 баланд буд, яъне, ба он наздик буданд.

Соли 2023 бошад, хоҷагиҳои 13 ноҳия нишондиҳандаи аз қимати миёна, ки ба 56,7 ҳазор сомонӣ баробар буд, баланд доштанд. Нисбат ба қимати максималӣ, ки ба 119,4 ҳазор сомониро ташкил дода буду ба хоҷагиҳои ш. Бохтар рост меомад, фақат хоҷагиҳо ноҳияи Ҷайҳун 0,8 баробар буд.



Расми 2.3. - Сатҳи нобаробарии нишондиҳандаи истифодаи самараноки майдони кишти зироати хоҷагиҳои ноҳияҳои вилояти Хатлон

Сарчашма: *Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991-2023. Сарраёсати омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. -Бохтар, 2023. -С. 117-119.*

Бояд қайд намуд, ки ҳар як намуди фаъолияти иқтисодӣ хусусияти рушди нобаробар дорад ва иқтисодиёти кишоварзӣ аз ин қоида истисно нест. «...Бинобар он соҳаи кишоварзӣ равандҳои пешгӯйикунӣ ва дарозмуддат ва банақшагирии кӯтоҳмуддатро бо назардошти таъсири даврагии рушд тақозо менамояд. Аз ин рӯ,

рушди иқтисодӣ бешубҳа табиати даврагӣ дорад ва гузариш аз як ҳолати мувозинат ба ҳолати дигар муайян карда мешавад. Бинобар он дар мавриди пешгӯйиву банақашагрӣ бояд ба зарби тағйирот аз қимати миёна таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намуд» [14].

Ҳамин тариқ, нобаробарӣ дар истифодаи самараноки майдони кишт дар ноҳияҳои вилоят дар сатҳи баланд қарор дорад, ки ин ҳолатро расми 2.3 нишон медиҳад. Фосила ва ё фарқияти миёни нишондиҳандаи воқеӣ ва нишондиҳандаҳои миёнаву максималӣ на танҳо иқтидори нуҳуфтаи хоҷагиҳоро дар истифодаи самараноки заминҳои кишти зироатҳо нишон медиҳад, балки рақобатпазирии хоҷагиҳоро дар истеҳсолу фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ дар натиҷаи истифодаи самараноки замини киштро низ нишон медиҳад. Масалан, хоҷагиҳои ноҳияҳо, ки аз қимати миёна баланд ва ба қимати максималӣ наздикро метавон хоҷагиҳои рақобатпазир пазируфт.

Нишондиҳандаи натуралии самаранокии истифодаи майдони киштро ҳосилнокии зироатҳо ифода менамояд. Бояд таъкид намуд, ки дар шароити муносибатҳои бозорӣ тақсими заминҳои кишт ба зироатҳо асосан вобаста ба ин нишондиҳанда ҳам сурат мегирад.

Ҷадвали 2.12. - Динамикаи майдони кишти зироатҳо дар вилояти Хатлон (ҳаз.га)

Номгӯйи маҳсулот	**Солҳо**					
	2019	**2020**	**2021**	**2022**	**2023**	**с.2023, нисбат ба с. 2019. %**
Ҳамаги майдони кишт ҳаз. га	413916	426319	430514	433804	434315	4,9
Аз он ҷумла						
Ғалладона	199886	189464	190179	192044	197872	-1,0
Пахта	119550	124175	121236	121694	116216	-2,7
Картошка	9693	9415	12058	11784	11664	20,3
Сабзавот	30497	36525	36899	36414	37053	21,5
Полезӣ	13381	15456	15687	15784	16906	26,3
Зироатҳои хӯроки чорво	31450	40137	43074	44990	43219	37,4
Боғҳо	47073	48855	46353	45228	45254	-3,6
Токзор	13459	12904	12321	12617	12615	-6,2

Сарчашма: *Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991-2023. Сарраёсати омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. -Бохтар, 2023. -С.* 119-128.

Соли 2023 барои киштӣ зироатҳои ғалладона ва пахта дар вилоят 314088 гектар замин ҷудо шудааст, ки 72,3 фоизи тамоми майдони киштро ташкил медиҳад. Аммо майдони киштӣ зироатҳои ғалладона нисбат ба соли 2019 дар сатҳи 1,0%, пахта 2,7% кам шудаанд. Дар ин давра, яъне солҳои 2019-2023 майдони киштӣ картошка 20,3%, сабзавот – 21,5%, полизӣ – 26,3%, зироатҳои хӯроки чорво – 37,4% зиёд шудааст. Тамоюли афзоиши майдони киштӣ ин зироатҳо вобаста ба зиёдшавии талаботи бозорӣ ба ин навъҳои маҳсулоти кишоварзӣ ва мувофиқан даромади мутаъдили деҳқонон мусоидат намудааст. Дар давраи таҳлилӣ майдони боғҳо ва токзор мувофиқан 3,6 ва 6,2 фоиз кам шудааст. Ин ҳолат бо кам шудани майдони боғҳои куҳнаву анъанавӣ ва иваз шудани онҳо бо боғҳои интенсивӣ, ки майдони нисбатан камро талаб менамояд, суръат гирифтааст.

Чи тавре дар броло қайд намуда будем, ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ нишондиҳандаи самаранокии истифодаи майдони киштро ифода мекунад.

Ҷадвали 2.13. - Ҳолати ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ дар вилояти Хатлон (сен/га)

Нишондиҳанда	Солҳо					
	2019	2020	2021	2022	2023	с.2023, нисбат ба с. 2019. %
Ғалладона,	35,8	36,6	37,4	38,1	33,3	93,0
Пахта	21,7	22,3	22,3	22,5	19,9	91,7
Картошка	163,0	172,0	175,1	175,6	177,0	108,5
Сабзавот	263,3	288,6	297,2	304,0	328,7	124,8
Полезӣ	283,5	289,1	305,7	315,1	332,8	117,3
Мева	70,1	74,5	78,4	82,5	90,9	129,6
Ангур	83,8	92,5	94,1	103,8	76,6	94,9

Сарчашма: *Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991-2023. Сарраёсати омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. -Бохтар, 2023. -С.* 137-143.

Дар давраи солҳои 2019-2023 ҳосилнокии қисме аз зироатҳои кишоварзӣ дар вилоят тамоюли болоравӣ дошт. Дар ин давра ҳосилнокии картошка 8,5%, сабзавот 24,8%, полезӣ 17,3%, мева 29,6% зиёд шудааст. Ғалладона 7%, пахта 8,3% ва ангур 5,1% кам шудааст. Ин нишондиҳандаҳоро бо қимати миёнаи ҷаҳонӣ ва қимати максималии вилоят муқоиса намоем, ҳоло хеле паст мебошад, ки ин

ҳолат дар бораи сифати анъанавии истеҳсолти кишоварзӣ, сатҳи пасти татбиқи технологияи навини истеҳсоли аграрӣ ва истифодаи ғайримақсадноки заминҳои кишоварзӣ шаҳодат медиҳад. Яъне, ҳоло дар вилоят иқтидору имконияти васеъ дар таъмини сатҳи баланди истифодаи самараноки майдони кишт нуҳуфта аст. Пеш аз ҳама, дар бораи баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва маҳсулнокии замин, фароҳам овардани шароити мусоид (иқлимӣ) сармоягузорӣ зарур аст ва он ба беҳтаршавии сифати заминҳои истифодагардида ва афзоиши ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолгардида оварда мерасонад.

Пас замини ҳосилхез ин натиҷаи таъсиррасонии маҳсулоти табиӣ ва иқтисодӣ мебошад, ки дар шароити муайян ҳангоми коркарди замин истифода мешавад [91, с. 191]. Аз ин рӯ, мо дар шароити муосир ҷиҳати таъмини самаранокии заминҳои кишоварзӣ ва ба ин васила расидан ба таъмини амнияти ғизоӣ дар минтақа коркарди иловагии захираҳои заминро зарур меҳисобем.

Чи тавре таҳлилҳои боло нишон медиҳанд, дар вилоят беш аз 45,5 фоизи майдони кишти зироатҳоро майдони кишти ғалладона ва пахта 26,7% -ро ташкил додааст. Бинобар он, истифодаи самараноки майдони кишт аз самаранокии истеҳсоли ин маҳсулотҳо вобастагӣ дорад. Таҳлил самаранокии низомро (ин ҷо низоми заминистифодабариро дар назар дорем) ҳамон ҷузъҳое, ки дар низом беш аз 20 фоизро ташкил медиҳад, муайян менамояд.

Парвариши зироатҳои ғалладона таърихан анаънаи кишоварзии мардуми мамлакат, аз он ҷумла вилояти Хатлон мебошад. Барои истеҳсоли ин навъи зироат майдони бештари кишт ҷудо карда шудааст.

Кайд кардан бамаврид аст, ки яке аз нишондиҳандае, ки самаранокии заминистифодабариро тавсиф мекунад, ин бузургии ҳосилнокӣ мебошад. Бинабар ин, мо дар заминаи иттилооти ҷадвали 2.14 ҳосилнокии зироати ғалладонаро дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон дида мебароем. Чунончӣ, соли 2023 ҳосилнокии ғалладона дар вилоят ба ҳисоби миёна 33,3 сентнер аз ҳар гектарро ташкил додааст. Майдони кишти ин зироат нисбат ба соли 2019 1,0% кам шуда аст, дар ин давра рушди ҳосинокии ғалладона -6,5%-ро ташкил додааст,

ки кам шудани истеҳсоли ғалладонаро аслан ҳосилнокии ками заминҳо мусоидат намудааст.

Ҷадвали 2.14. - Арзёбии ҳосилнокии зироатҳои ғалладона ва пахта дар ноҳияҳои вилояти Хатлон (с.2023)

Вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳо	Ғалладона			Пахта		
	Сент/га	Фосила аз қимати миёна	Фосила аз қимати максималӣ	Сент/га	Фосила аз қимати миёна	Фосила аз қимати максималӣ
Вилояти Хатлон	33,3	33,3	51,7	19,9	19,9	28,3
ш.Бохтар	45,4	1,36	0,87	23,6	1,18	0,83
н.Кӯшониён	49,1	1,47	0,94	22,2	1,11	0,78
н.Вахш	35,9	1,07	0,69	22,3	1,12	0,79
н.Хуросон	27,4	0,82	0,52	23,5	1,18	0,83
н.Дӯстӣ	47,9	1,43	0,92	28,3	1,42	1,00
н.Қубодиён	47,1	1,41	0,91	19,1	0,95	0,67
н.Ҷ.Балхӣ	44,6	1,33	0,86	19,5	0,97	0,68
н.А.Ҷомӣ	38,6	1,15	0,74	18,6	0,93	0,65
н.Ҷайҳун	45,1	1,35	0,87	22,2	1,11	0,78
н.Панҷ	34,4	1,03	0,66	7,5	0,37	0,26
н.Шаҳритус	51,7	1,55	1,00	17,6	0,88	0,62
н.Ёвон	31,9	0,95	0,61	27,9	1,40	0,98
н.Н.Хусрав	47,4	1,42	0,91	14,2	0,71	0,50
ш.Левакант	46,0	1,38	0,88	24,3	1,22	0,85
ш. Кӯлоб	33,1	0,99	0,64	23,5	1,18	0,83
н.Муъминобод	23,1	0,69	0,44	-		
н.Восеъ	32,4	0,97	0,62	12,6	0,63	0,44
н.М.С.А.Ҳамадонӣ	40,3	1,21	0,77	14,8	0,74	0,52
н.Фархор	35,8	1,07	0,69	16,9	0,84	0,59
н.Темурмалик	19,1	0,57	0,36	-	-	-
н.Данғара	34,4	1,03	0,66	22,8	1,14	0,80
н.Ховалинг	19,8	0,59	0,38	-	-	-
н.Ш.Шоҳин	19,7	0,59	0,38	-	-	-
н.Балҷувон	20,1	0,60	0,40	-	-	-
ш.Норак	22,6	0,67	0,43	-	-	-

Сарчашма: *Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991-2023. Сарраёсати омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. -Бохтар, 2023. -С.* 137-138.

Зеро, соли 2023 асосан дар хоҷагиҳои ноҳияҳои минтақаи Вахши вилоят (ба истиснои н. Ёвон ва ш. Норак) ҳосилнокии зироати ғалладона аз қимати миёнаи вилоят баланд буд. Яъне афзоиши ҳосилнокии ғалладонаҳо ва истеҳсоли маҳсулоти ғалладонаро фаъолияти пурсамари истифодабарандагони замини ин минтақа таъмин намудааст. Фақат дар аксари ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб (н.

Муъминобод, н. Темурмалик, н. Восеъ, н. Ховалинг, н. Ш.Шоҳин, н. Балҷувон, ш. Кӯлоб) ҳосилнкии ғалладона аз қимати миёнаи вилоят паст буд.



Расми 2.4. - Фарқияти ҳосилнокии ғалладона дар ноҳияҳои вилоят аз қимати миёна ва максималӣ

Сарчашма: *Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991-2023. Сарраёсати омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. -Бохтар, 2023. -С.* 137-138.

Аз расми 2.4 бар меояд, ки дар н. Восеъ, н. М.С.А.Ҳамадонӣ ва н. Фархор ин нишондиҳанда баланд мебошад. Ҳолати фарқияти ҳосинокии ғалладонагӣ аз сатҳи миёна ва қимати максималӣ дар расми 2.4 оварда шудааст. Нишондиҳандаи максималии ҳосилнокии ғалладона дар вилоят 51,7 сентнер гектарро ташкил дод, ки ба хоҷагиҳои ноҳияи Шаҳритус рост меояд. Ба ин сатҳи максималӣ наздик буданд, яъне сатҳи наздикшавии аз 0,9 баландро хоҷагиҳои ноҳияҳои Кӯшониён, Дӯстӣ, Қубодиён, Н. Хусрав, доштанд. Дар минтақаи Кӯлоб бошад, танҳо хоҷагиҳои ғаллакори ноҳияи М.С.А. Ҳамадонӣ дар сатҳи 0,77 расиданд. Бинобар он нишондиҳандаи максималӣ ба ҳайси нишондиҳандаи беҷмаркетинг, яъне эталон барои идоракуниву нақшагирии фаъолияти хоҷагидорӣ ва истифодаи самараноки замин хидмат менамояд. Ҳоҷагиҳо бояд ба ноил шудан ба қимати максималии истифодаи самараноки замин тадбирҳои стратегӣ андешанд.

Ҳосилнокии пахта дар вилоят ба ҳисоби миёна 19,9 сентнер гектарро ташкил дода, қимати максималӣ он ба 28,3 сентнер гектар рост меояд, ки хочагиҳои ноҳияи н. Дӯстӣ ба даст овардаанд. Қимати аз сатҳи миёна баланди ҳосилнокии пахтаро аз ҳар гектар хоҷагиҳои 10 шаҳру ноҳияҳои вилоят, яъне шаҳрҳои. Бохтару Левакант ва Кӯлоб ва ноҳияҳои Хуросон, Дӯстӣ, н.Вахш,

н.Кӯшониён, н.Ҷайҳун, Ёвон, Данғара ноил шудаанд. Аммо ба қимати максималӣ дар сатҳи аз 0,9 баландро хоҷагиҳои н. Ёвон, дар сатҳи аз 0,8 баландро бошад ш. Левакант, ш. Кӯлоб, ш. Бохтар ва ноҳияҳои Хуросон ва Данғара ноил гаштанд. Пайваста бо рушди саноати коркарди пахта ва нассоҷӣ талаботи самаранок ба пахта ташаккулу рушдёфта, тамоюли болоравии ҳосинкии зироати пахтаро мусоидат хоҳад кард ва ин нишондиҳанда ба сатҳи ҷаҳонӣ хоҳад расид.

Дар натиҷаи ислоҳоти соҳаи аграрӣ ва замин дар иқтисодиёти кишоварзии вилоят шаклҳои гуногуни истифодабарандагонии заминҳои кишоварзӣ ташаккул ва рушд ёфтаанд ва дар иқтисодиёти аграрӣ ва истифодаи заминҳои кишоварзӣ муҳити рақобатӣ пайдо шудааст.

Чуноне ки маълумоти ҷадвали 2.15 нишон медиҳад истифодабарандагони асосии заминҳои кишоварзӣ хоҷагиҳои деҳқонӣ мебошанд, ки дар ихтиёри онҳо соли 2023 зиёда аз 65,3 фоизи заминҳои кишоварзӣ қарор дорад. Дар майдони умумии кишти онҳо майдони ғалладонаҳо 29,2 фоизро дар бар гирифта, дар муқоиса ба соли 2019 ҳудуди 5,6% афзоиш ёфтааст. Майдони пахта низ кам шуда, ҳиссаи онҳо дар майдони умумии кишт 32,4 фоизро ташкил додааст ва нисбат ба соли 2019 ба 11,6 банди фоиз поён рафтааст. Майдони кишти картошка низ 20,5% поён рафтааст. Муносибату механизмҳои бозорӣ, ки манфиатнокии хоҷагиҳои деҳқониро ангезиш додааст, онҳо майдони кишти сабзавот ва зироатҳои хӯроки чорворо васеъ намуданд, соли 2023 нисбат ба соли 2019 мувофиқан 8,0 ва 3,8% зиёд кардаанд. Ҳиссаи майдони кишти ин навъи зироатҳо соли 2023 мувофиқан 6,9 ва 9,8 фоизро ташкил додааст.

Дар таҳқиқот қайд мегардад, ки соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон асоси рушди иқтисодиро ташкил дода, дар ҳолати статикӣ, яъне соли мушаххас (соли 2023) 57,1 ҳаз.га замини кишт дар ихтиёр дорад ва он бо фоиз 13,1-ро ташкил медиҳад. Дар ин шакли хоҷагидорӣ соли 2023 майдони кишти ғалладонагиҳо 35,6 фоизи тамоми майдони кишти онҳоро фаро гирифта, дар соли 2019 35,1% афзоиш ёфтааст. Дар баробари ин, ҳудуди майдони пахта бошад, ба 43,6% баробар гардида, дар муқоиса ба соли 2019 33% афзоиш ёфтааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки дар иқтисодиёти кишоварзӣ тахассусгардии корхонаҳои кишоварзӣ ба пахтакори мушоҳида мешавад ва онҳо бештар дастгирии давлату корхонаҳои саноатиро дар ин самт эҳсос менамоянд. Дар ин навъи хоҷагиҳо тамоюли афзоиши майдони кишти сабзавот ва зироатҳои чорво низ мушоҳида мешавад.

Ҷадвали 2.15. - Майдони кишт дар шаклҳои хоҷагидории вилояти Хатлон

Номгӯйи маҳсулот	**Солҳо**					
	2019			**2023**		
	Корхонаҳои кишоварзӣ	Хоҷагиҳои аҳолӣ	Хоҷагиҳои деҳқонӣ	Корхонаҳои кишоварзӣ	Хоҷагиҳои аҳолӣ	Хоҷагиҳои деҳқонӣ
Майдони кишт, ҳамагӣ	43591	84159	294088	58415	83924	291976
Аз он ҷумла:						
ғалладона	15084	52877	120302	20385	50376	127111
пахта	18745	-	103352	24941	-	91275
картошка	571	5665	6239	720	5984	4960
сабзавот	1585	15103	18196	1582	15803	19668
полизӣ	615	2940	11838	977	2808	13120
зироатҳои хӯроки чорво	5679	5386	26814	8501	6885	27834

Сарчашма: *Омори минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: 33 соли Истиқлолияти давлатӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанде, 2024. -С. 132-146.*

Чуноне рақамҳои ҷадвали 2.15 нишон медиҳад, соли 2023 дар ихтиёри хоҷагиҳои аҳолӣ 83,9 ҳазор гектар майдони кишт воқеъ буд, ки он ба 19,3 фоизи тамоми майдони кишти зироатҳои кишоварзии вилоят баробар аст. Ин хоҷагиҳо беш аз 61,5 фоизи майдони кишти худро ба истеҳсоли ғалладонагиҳо ҷудо намудаанд, аммо ин майдони кишт нисбат ба соли 2019 дар сатҳи 4,7% кам шудааст. Онҳо майдони кишти картошка (5,6%), зироатҳои хӯроки чорворо (27,8%) ва сабзавот (4,6%) зиёд намуданд. Майдони кишти полизиро (4,4%) кам намуданд.

Ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ, ки истифодаи самараноки майдони киштро нишон медиҳад, дар шаклҳои хоҷагиҳо, заминистифодабарандагон гуногун мебошад. Чуноне маълумоти ҷадвали 2.16 нишон медиҳад, дар давраи таҳлилӣ ҳосилнокии ғалладона дар хоҷагиҳои аҳолӣ нисбат ба дигар шаклҳои

хоҷагидорӣ баланд аст. Ҳосилнокии пахта бошад соли 2023 дар корхонаҳои кишоварзӣ нисбат ба хоҷагии деҳқонӣ баланд шудааст, ки он дар соли 2019 баръакс буд. Соли 2023 ҳосилнокии картошка дар хоҷагиҳои деҳқонӣ баланд шудааст, ки соли 2019 дар ин навъи зироат корхонаҳои кишоварзӣ афзалият доштанд.

Ҷадвали 2.16. - Ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ дар шаклҳои гуногуни хоҷагиҳои вилоят

Нишонди-ҳандаи категорияҳои хоҷагидорӣ	Солҳо					
	2019			2023		
	Корхонаҳои кишоварзӣ	Хоҷагиҳои аҳолӣ	Хоҷагиҳои деҳқонӣ	Корхонаҳои кишоварзӣ	Хоҷагиҳои аҳолӣ	Хоҷагиҳои деҳқонӣ
ғалладона	29,1	39,0	35,4	27,3	35,7	33,3
пахта	23,1	-	21,6	25,3	-	18,4
картошка	176,1	173,9	175,8	174,1	174,6	180,3
сабзавот	275,4	268,4	290,0	302,1	307,8	348,1
полизӣ	228,9	290,9	285,2	298,7	327,5	336,5
меваҷот	21,6	112,5	59,9	34,3	135,8	74,1
ангур	39,5	134,4	49,8	30,6	109,8	47,7

Сарчашма: *Омори минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: 33 соли Истиқлолияти давлатӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2024. -С. 237-248.*

Дар давраи таҳлилӣ ҳосилнокии сабзавот дар хоҷагиҳои деҳқонӣ мушоҳида мешавад. Ҳосилнокии зироатҳои полизӣ соли 2023 дар хоҷагиҳои деҳқонӣ мушоҳида мешавад. Дар давраи таҳлилӣ ба ҳосилнокии баланди меваҷот хоҷагии аҳолӣ ноил гаштанд. Соди 2023 ҳосилнокии ангур ба хоҷагиҳои аҳолӣ рост омада соли, 2019 бошад, хоҷагии аҳолӣ ба қимати баландтарин ноил шуда буданд. Ғалладона, ки дар ҳамаи намудҳои хоҷагӣ қисми хеле баланди майдони киштро ишғол намудааст, бинобар он самаранокии баланди истифодаи заминро бо ин нишондиҳанда метавон арзёбӣ намуд. Чуноне дар расми 2.5 - Динамикаи ҳосилнокии ғалладонаҳо дар хоҷагиҳои кишоварзии вилоят (сен/га) нишон медиҳад. Соли 2019 нишондиҳандаи баландро авввал хоҷагиҳои аҳолӣ (39,0 сен/га), хоҷагиҳои деҳқонӣ (35,4 сен/га), корхонаҳои кишоварзӣ (29,1 сен/га) ноил шуданд. Соли 2023 нишондиҳандаи баландро авввал хоҷагиҳои аҳолӣ (35,7 сен/га), хоҷагиҳои деҳқонӣ (33,3 сен/га), корхонаҳои кишоварзӣ (27,3 сен/га) ташкил медиҳад.



Расми 2.5. - Динамикаи ҳосилнокии ғалладонагиҳо дар хоҷагиҳои кишоварзии вилоят (сен/га)

Сарчашма: Омори минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: 33 соли Истиқлолияти давлатӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2024. -С. 237-248.

Ҳосилнокии хоҷагиҳои аҳолиро дар истифодаи самараноки замин метавон чун нишондиҳандаи намунавӣ, ки иқтидору имконияти баланд бардоштани ҳосилнокии ғалладонаро нишон медиҳад, дар дигар шаклҳои хоҷагидорӣ арзёбӣ намуд.

Тағйироти андозаи заминҳои кишоварзӣ, майдонҳои кишт дар ноҳияҳои вилоят ҳарчанд тамоюли умумии рушди истифодаи самараноки заминро касб намудааст, аммо дар бархе ноҳияҳо хеле паст мебошад, аслан тамоюли болоравии ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ дар хоҷагиҳои минтақаи вахши вилоят мушоҳида мешавад. Бояд қайд намуд, ки хоҷагиҳои сершумори нисбатан хурди дар қитъаи кучаки майдони кишт ташкил шуда, дар натиҷаи ҷудо намудани ҳудудҳои худ бо тариқи афзун намудани шумораи ҷуйборҳо беш аз 10-15 фоизи майдони нафъноки замин аз гардиш баромадааст. Бинобар он минбаъд васеъ намудани шумораи кооперативҳои истеҳсолӣ, артелҳои калони кишоварзӣ талаботи истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ ва гузариш ба равиши нави ташкиливу технологӣ мебошад.

Худи амалия нишон дода истодааст, ки дар айни замон бисёр хоҷагиҳои деҳқонии калон нишондиҳандаи баланди истифодаи самараноки заминро ноил

шуда истодаанд. Бинобар он, шароит фароҳам овардан барои рӯйи кор омадани қонуни иқтисодии афзалияти корхонаҳои калон нисбат ба корхонаҳои хурд тақозои марҳилаи нави рушди мамлакат ва минтақаҳои он мебошад. Чуноне таҳлилҳо нишон медиҳад, сатҳи самаранокии истифодаи захираҳои замин дар истеҳсолоти кишоварзии вилоят вобаста ба категорияи хоҷагиҳо ва навъҳои хосси сохтори зироатҳо хеле фарқ мекунад. Масалан, 1 гектар замини кишоварзие, ки хоҷагии аҳолӣ истифода мебарад, нисбат ба хоҷагиҳои деҳқонӣ зиёд маҳсулоти кишоварзӣ ва маҳсулоти чорводорӣ истеҳсол менамояд. Вале махсусгардонии асосии ин категория хоҷагӣ ва шомил намудани онҳо ба итиҳодияҳои амудӣ мушкилот ва хароҷоти баланди трансаксионо рӯйи кор меорад.

Дар хоҷагиеҳое, ки принсипҳои асосии истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ [39, с. 101] мавриди истифода қарор мегирад, самаранокии истифодаи замин баланд мебошад. Масалан, дар хоҷагии Д.Назарови ҷамоати Кӯлоби ш. Кӯлоб дар мавриди ташкили идоракунии стратегии заминҳои кишоварзӣ ва қабули қарорҳо оид ба интихоби парвариши зироатҳо вобаста ба хосияти замин, корҳои зеринро ба анҷом мерасонад:

- таҳлили истифодаи захираҳои истеҳсолӣ дар асоси ҷамъоварии маълумотҳо оид ба истифодаи захираҳои моддӣ, технологӣ, меҳнатӣ, иттилоотӣ ва молиявӣ ба ҳар як қитъаи замин;

- омӯзиши таҷрибаҳои ҷаҳонӣ ва ватанӣ дар соҳаи истифодаи самараноки замин ва захираҳои ба он сарфшуда;

- арзёбии нақша-чорабиниҳо, ки аз ҷониби субъекти болоии идоракунӣ, яъне давлат тарҳрезӣ карда мешаванд, ба сатҳи истифодаи самараноки захираҳои заминҳои соҳаи кишоварзӣ, ки раванди истеҳсолот дуруст ба роҳ монда шудааст, таъсири мусбӣ мерасонад.

Ин фаъолият барои таъминоти иттилооти ва қабули қарорҳои идоракунӣ барои баланд бардоштани самаранокии истифодаи замин хидмат мекунад. Аммо чунин фаъолиятҳои идоракунӣ дар хоҷагии М.Иброновиҷамоати Зарбдори ш. Кӯлоб вуҷуд надорад.

Ҷадвали 2.17. - Самаранокии қиёсии истифодаи замин дар хоҷагиҳои М.Ибронов ҷамоати Зарбдори ва Д.Назарови ҷамоати Кӯлоби ш.Кӯлоб (ғалладонагиҳо) (с.2023)

Нишондиҳандаҳо	Хоҷагии М.Ибронов	Хоҷагии Д.Назаров	Фарқият (+,-)
Майдони кишти ғалладона, га	45,48	34,56	-10,92
Ҳосили ғалла гирифта шуд (ғайр аз ҷуворимакка) (сен)	1109,7	1624,32	+514,62
Ҳосилнокӣ аз ҳар 1 га/сен	24,4	47,0	+22,6
Ҳаҷми истеҳсоли ғалла, сомонӣ	4110,7	600880	+55977,0
Боздиҳии майдони кишт, сомонӣ	9038,5	17386,5	+8348,0

Сарчашма: *Ҳисоботи солонаи хоҷагии деҳқонии «М.Иброновв» ва «Д.Назаров»-и шаҳри Кӯлоб дар соли 2023 ва ҳисобкуниҳои муаллиф.*

Чи тавре маълумоти ҷадвали 2.17 нишон медиҳад, хоҷагии Д.Назарови ҷамоати Кӯлоби ш.Кӯлоб дар асоси истифодаи принсипи ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ ва менеҷменти стратегӣ ба самаранокии хеле баланди истифодаи майдони кишти ғалладонагиҳо расидааст. Майдони кишти ғалладонагии ин хоҷагӣ нисбат ба майдони кишти ғалладонагии хоҷагии М.Иброновиҷамоати Зарбдори ш.Кӯлоб 10,9 гектар кам буда, аммо ҳосилнокии ғалладонагиҳои он 47 сентнерро ташкил додааст, нисбат ба хоҷагии муқоисашаванда қариб 2 маротиба баланд мебошад. Ҳамин тариқ, нишондиҳандаи боздиҳии қитъаи замини барои ғалладона ҷудошуда, яъне истеҳсоли ғалладонагиҳо бо нархи миёнаи ғалладона (3,7 сомонӣ/сентнет) 17386,5 сомониро ташкил дод, ки нисбат ба хоҷагии М.Иброновв 1,92 маротиба зиёд аст.

Ҳамин тариқ, дар бисёр хоҷагиҳо тадбирҳо доир ба баландбардоштани ҳосилнокии заминҳои кишт кам татбиқ карда мешавад. Ба заминҳои мелиоратсияшуда, ҳамчун категорияи захираҳои замине, ки барои нигоҳ доштан ва баланд бардоштани ҳосилхезӣ бештар ба таъсири одамон бештар дучор мешаванд, диққати махсус додан лозим аст. Ҳиссаи заминҳои мелиоративии кишоварзӣ дар вилояти Хатлон дар заминаи нишондиҳандаи миёнаи мамлакат кам бошад ҳам аммо солҳои охир майдони онҳо зиёд шуда истодааст. Категорияи асосии заминҳои мелиоратсияшудаи вилоят заминҳои обӣ мебошанд, ки ҳолати онҳо дар солҳои охир тадричан бад шуда истодааст. Ҳолати аксарияти заминҳои обёришаванда дар вилоят ҳанӯз хуб (80%) арзёбӣ мешавад, аммо дар аксари

заминҳои кишоварзӣ баланд бардоштани сатҳи техникии низомҳои мелиоративӣ талаб карда мешавад.

Солҳои охир шабакаи обёрӣ дар ҳолати бад қарор дошта, азнавсозиро талаб мекунад. Бинобар он дар вилоят таҳия ва татбиқи Барномаи мақсадноки минтақавии ҳифз ва барқарорсозии ҳосилхезии заминҳои кишоварзӣ зарур аст. Ин барнома бояд барои амалӣ намудани чунин корҳои агрохимиявӣ равона гардад:

1. Таҳқиқоти агрохимиявии хоки заминҳои кишоварзӣ дар майдони заминҳои осебпазир;

2. Андешидани тадбирҳо доир ба муайян намудани таносуби оқилонаи нуриҳои минералӣ ва органикӣ;

3. Муайян ва амали намудани мелиоратсияи химиявии хок дар заминҳои кишоварзии вилоят;

4. Амалӣ намудани корҳои ирригатсионӣ ба монанди сохтмон, таҷдид ва барқарор намудани низомҳои ирригасионӣ дар майдони муайяни заминҳои кишоварзӣ;

5. Сохтмони иншоотҳои зиддиэрозия;

6. Бунёди дарахтзорҳои ҷангали муҳофизатӣ.

Зарур аст, бори дигар ноҳиябандии иқлимии вилояти Хатлон дар сатҳи нишондиҳандаи интегралии ҳосилхезии хок – бонитет аз рӯйи ноҳияҳо гузаронида шавад. Ноҳиябандии иқлимӣ асоси ноҳиябандии агроиқлимӣ мебошад, ки он бо назардошти нишондодҳои мушаххаси иқтидори кишоварзии ҳудудӣ амалӣ карда мешавад. Барои ҳар як минтақаҳои агроиқлимӣ зироатҳои кишоварзӣ барои парвариши бештар афзалиятнок муайян карда мешаванд: барои гандумпарварӣ, пахтапарварӣ, ҷав, нахӯд, картошка, лаблабуи қанд, офтобпараст, ҷуворимакка ва ғ.

Табиист, ки риояи қатъии ин тавсияҳо барои минтақаҳои муайян аз сабаби маҳдудиятҳое, ки талаботи киштгардон, дараҷаи захираҳои моддию меҳнатӣ ва ғайра ба миён гузоштаанд, имконнопазир аст. Ноҳиябандии агроиқлимӣ ва арзёбии иқтидори агроиқлимии заминҳои кишоварзиро аз рӯйи меъёрҳои агроиқлимӣ низ метавон анҷом дод, ки майдони кишти самарабахши як қатор

зироатҳои кишоварзӣ муайян гардад. Ба ин параметрҳо ҳарорати ҳаво, коэффитсиенти намнокшави ва коэффитсиенти континенталии иқлим, нишондиҳандаи потенсиали агроиқлимӣ дохил мешаванд.

Ба назари мо ҳамчун асос барои ҳисоб кардани нишондиҳандаҳои самаранокӣ ва сатҳи истифодаи иқтидори заминҳои кишоварзӣ дар вилоят пешниҳод карда мешавад, ки арзиши миёнаи маҳсулоти кишоварзӣ барои 1 гектар замини кишоварзӣ дар 10 соли охир, ки бо арзиши муқоисашаванда ҳисоб карда мешавад, истифода шавад. Аз 25 ноҳияи вилоят танҳо 14 ноҳияи он аз дараҷаи минтақавии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба ҳар як гектар иқтидори заминҳои кишоварзӣ зиёд аст.

Дараҷаи истифодаи иқтидори заминҳои кишоварзиро бо роҳи муқоиса кардани рутбабандии майдонҳо аз рӯйи дараҷаи иқтидорҳо ва дараҷаи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба 1 гектар, инчунин бо роҳи ҳисоб кардани таносуби онҳо баҳо додан мумкин аст. Дар ин таҳқиқот арзиши миёнаи маҳсулоти кишоварзӣ бо нархҳои муқоисавии, ки дар ҳудуди ноҳия ба 1 гектар замини кишоварзӣ истеҳсол шудааст истифода мешавад. Самаранокии пасти истифода бурдани иқтидорҳои замин дар ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб бештар аст.

Ҳамин тариқ, метавон қайд намуд, ки арзёбии мавқеи иқтисодии захираҳои замини соҳаи кишоварзӣ ошкор намуд, ки дар фазои иқтисодии вилояти Хатлон имкониятҳои истеҳсоли молу маҳсулотҳо васеъ буда, ҳангоми бартараф намудани муаммоҳо ва мушкилотҳои ҷойдошта, вазъи иқтисодии минтақа (тамоми шаҳру ноҳияҳо) аз ҳисоби заминҳои кишт боз ҳам самараноктар мегардад. Чунин ҳолатро пайдо намудан дар натиҷаи ошкор ва истифода намудани иқтидори бойи табиӣ-захиравӣ пайдо мегардад. Илова ба ин ҳар як шаҳру ноҳияи вилояти Хатлон муаммоҳои хосси иқтисодии худро ҳангоми васеъ намудани ҳудуд ва фазои иқтисодии заминҳои киштро доро буда, дар натиҷаи татбиқи механизми амалкард вазъият пурра ба эътидол оварда мешавад. Эътидолии вазъият ба бартарафсозии муаммоҳо ва мушкилотҳо дар давраи муайяни вақт вобастагӣ дорад.

2.3. Ошкорсозии муаммоҳои баланд бардоштани иқтидори заминҳои кишоварзӣ дар асоси таъминоти иттилоотиву таҳлилӣ

Замин дар низоми иҷтимоию иқтисодии ҷомеа ва дар низоми омилҳои истеҳсолот ҳамчун воситаи умумии истеҳсолот, субъект ва олоти меҳнат баромад мекунад. Аз ин рӯ, замин ҳамчун манбаи иқтисодӣ объекти муҳимми манфиати иқтисодӣ ва мутаносибан муносибатҳои истеҳсолӣ мебошад, ки дар муносибатҳои замин инъикос меёбад. Нақши давлат ҳамчун субъекти идоракунандаи фаъолияти иқтисодӣ ҳангоми истифодаи самараноки заминҳои кишоварӣ дар мадди аввал қарор дорад. Истифодаи самараноки ин гуна категорияи замин ба таъмини амнияти озуқаворӣ оварда мерасонад. Дар ин самт, дастгирии давлатӣ нисбат ба такрористеҳсоли заминҳои соҳаи кишоварзӣ вазифаи аввалиндараҷа ба ҳисоб меравад. Соли 2021 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намуданд, ки: «...Ҳамаи мо хуб мушоҳида мекунем, ки солҳои охир ва, хусусан, ду соли охир дар кишвари мо ва бисёр мамлакатҳои дунё хушксолӣ ва камборишӣ идома дорад. Тибқи маълумоти расонаҳо ва Созмони Милали Муттаҳид имрӯзҳо дар даҳҳо кишвари сайёра гуруснагӣ идома дорад. Дар чунин шароит мо бояд ба истифодаи захираву имкониятҳои мавҷуда, пеш аз ҳама замин ва об, мунтазам зиёд кардани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти ғизоӣ ва дар баробари ин, ба масъалаи сарфаю сариштакорӣ ниҳоят ҷиддӣ муносибат кунем» [3]. Барои дар амал татбиқ намудани ҳадафҳои дар пеш гузошташуда, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Барномаи давлатии азхудкунии заминҳои нави обёришаванда ва барқарорсозии заминҳои аз гардиши кишоварзӣ берунмонда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2027»-ро қабул намуд, ки метавонад дар барқарорсозии заминҳои аз гардиш берунмонда мусоидат намояд. Бояд қайд намуд, ки ҳоло муаммои аз муомилот баромадаи заминҳои кишоварзӣ дар мамлакат ва минтақаҳои он тезу тунд шуда истодааст. Воқеан, ин равандҳои аз муомилот баромадани замин дар солҳои охир пурзӯр шудааст. (ҷадвали. 2.18).

Ҷадвали 2.18. - Тағйироти майдони заминҳои истифодаи кишоварзӣ дар Тоҷикистон (ҳаз. га.)

Солҳо	1991	2000	2010	2023	Тағйирот	
					Мутлақ, ҳаз. га.	Нисб, %
Замини умумӣ	14254,5	14255,4	14255,4	14137,9	-116.6	-0,82
Ҷамъи заминҳои истифодаи кишоварзӣ	4232,7	4126,5	3746,0	3683,5	-549,2	-12,9
аз он ҷумла:						
Мазраъ	805,6	730,1	673,1	661,7	-143,9	-17,8
ниҳолҳои бисёрсола	99,8	98,1	115,7	156,9	57,1	57,2
замини боир	19,1	21,0	29,7	19,0	-0,1	-0,5
алафдаравӣ	21,7	18,9	17,7	16,2	- 5,5	-25,3
чарогоҳ	3286,5	3258,4	2909,8	2829,7	-456,8	-13,8
Ҳиссаи заминҳои кишоварзӣ дар замини умумӣ, бо ҳисоби %	29,6	28,9	26,2	26,0	-	-3,6 бф.

Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. - Душанбе, 2024. -С. 275.

Ҳиссаи заминҳои кишоварзӣ дар замини умумӣ низ аз 29,6 то 26,0 ва ё 3,6 банди фоиз кам шудааст. Соли 2023 майдони мазраъ, ки дороии асосии иқтисодиёти кишоварзӣ мебошад, 661,7 ҳазор гектар ва ё 17,8 фоиз кам шудааст. Аз ин муқоиса бармеояд, ки ҷузъи фаъоли заминҳои кишоварзӣ заминҳои корам дар ҷумҳурӣ ҳиссаи ночизро ишғол намуда, тамоюли пастшавӣ дорад. Майдони алафдарав ва чарогоҳ, ки заминаи хӯрокаи соҳаи чорводориро ташкил медиҳад мувофиқан 5,5 ва 456,8 ҳазор гектар ва ё 25,3 ва 13,8 фоиз кам шудааст.



Расми 2.6. - Тағйироти заминҳои кишоварзӣ ва мазраъ дар давраи соҳибистиқлолии мамлакат (ҳаз. га).

Сарчашма: *Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. - Душанбе, 2024. -С. 275.*

Аз маълумоти ҷадвали 2.18 ва расми 2.6 аён аст дар давраи солҳои 1991-2023 замини умумии мамлакат 116,6 ҳазор гектар ва ё 0,82 фоиз кам шудааст. Мувофиқан дар ин давра ҷамъи заминҳои истифодаи кишоварзӣ 549,2 ҳазор гектар ва ё 12,9 фоиз кам шудааст. Тамоюли мусбӣ дар он аст, ки майдони заминҳои боир 0,1 ҳазор гектар кам шудааст. Майдони мазраъ аз 805,6 то 661,7 ва ё 17,8% кам шудааст. Майдони ниҳолҳои бисёрсола бошад, дар ин давра аз 99,8 то 156,9 ҳазор гектар ва ё 57,2% зиёд шудааст.

Тамоюли тағйироти захираҳои замин ва майдони заминҳои кишоварзӣ дар бораи вайрон шудани принсипи заминистифодабарии устувор шаҳодат медиҳад. Яъне насли имрӯз барои насли фардо миқдори ками замини кишоварзиро мерос гузошта истодааст. Агар майдони ниҳолҳои бисёрсола 57,1 ҳазор гектар зиёд шуда бошад, пас аз майдони заминҳои кишоварзии камшуда дар сатҳи 549,2 ҳазор гектар фақат 57,1 ҳазор гектараш ба истифодаи нафънок гузаштасту халос. Боқимонда 492,1 ҳазор гектараш (549,2-57,1 ҳаз.га) берун аз гардиши кишоварзӣ баромадааст. Тағйироти манфии майдони заминҳои кишоварзӣ мамлакат ба назар гирифта, мушоҳида кардан мумкин аст, ки такрористеҳсолкунии васеи захираҳои замин дар иқтисодиёти кишоварзӣ қатъ гардидааст.

Дар ҷумҳурӣ низ тамоили кам шудани заминҳои кишоварзӣ мушоҳида мешавад, соли 2023 ҷамъи заминҳои кишоварзӣ 3683,5 ҳазор гектарро ташкил дода буд, ки нисбат ба соли 1991 12,9% кам шудааст. Ин тамоюл ба зиёд шудани шумораи аҳолии дар ҷумҳурӣ ва маҳдудияти захираҳои заминҳои кишоварзӣ арзёбӣ мешавад. Аз ин рӯ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ дар мадди аввал меистад. Бинобар он масъалаи оқилонаву самаранок истифода бурдани заминҳои мавҷудаи кишоварзӣ ва боздоштани тамоюли камшавии он мубрамият пайдо мекунад.

Гуфтан мумкин аст, ки майдони умумии захираҳои заминии кишоварзӣ дар мамлакат ва вилояти Хатлон ба ҳадди худ расидааст. Аммо шиддатнокии истифодаи онҳо афзоиш меёбад. Ба ин муносибат дар солҳои охир ҳукумати ҷумҳурӣ ва мақомоти маҳаллии вилояту ноҳияҳо барои барқарор намудани

заминҳои аз муомилоти кишоварзӣ баромада як қатор тадбирҳо андешида истодааст. Яке аз ин гуна тадбирҳо маблағгузории асосии давлатӣ бобати ҳифзи табиат ва истифодаи самараноки захираҳои табиӣ ба ҳисоб меравад. Ҳамасола аз ҷониби давлат барои ҳифз ва истифодаи самараноки замин маблағҳои иловагӣ ҷудо мешаванд. Ҳолати маблағгузориҳои асосии давлатӣ дар солҳои 2019-2023 нишон медиҳад, ки сол аз сол нишондиҳандаи баландро касб менамояд (расми 2.7).



Расми 2.7. - Маблағгузории давлатӣ ба ҳолати нигоҳдошт, ҳифзи муҳити зист ва истифодаи самараноки захираҳои табиӣ

Сарчашма: *Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. - Душанбе, 2024. -С. 209.*

Аз маълумотҳои расми 2.7 маълум мегардад, ки соли 2023 аз ҳама нишондиҳандаи баландтари маблағгузорӣ давлатӣ ба қайд гирифта шудааст, ки 295,1 ҳаз. сомониро ташкил дода, мувофиқан 92.8%-и ҳаҷми умумии маблағгузориро оид ба ҳифзи муҳити зист ва истифодаи самараноки захираҳои табиӣ дар бар мегирад.

Бояд гуфт, ки беҳтар шудани ҳолати замин ва истифодаи он ба беҳтар шудани тамоми ҷанбаҳои ҳифзи муҳити зист ва истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ мусоидат мекунад. Зеро захираҳои замин асоси сарватҳои табиӣ мебошанд. Дар ин бобат мо умедворем, ки дар доираи таҳия ва татбиқи Барномаи нави давлатии азхудкунии заминҳои нави обёришаванда ва барқарорсозии заминҳои аз муомилоти кишоварзӣ баромада барои давраи минбаъда ҳаҷми маблағгузории такрористеҳсоли заминҳои кишоварзӣ зиёд мегардад.

Дар таҳқиқот қайд мегардад, ки зиёд шудани шумораи аҳолӣ, махсусан дар минтақаҳои деҳоти мамлакат, боиси маҳдудияти заминҳои корам аз ҳисоби

заминҳои об гардида истодааст. Солҳои охир афзоиши аҳолии мамлакат 2,2%-ро ташкил дода истодааст. Дар айни замон шумораи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон 10288,3 ҳаз. нафар расидааст.

Шумораи аҳолии вилояти Хатлон бошад, дар соли 2023 беш аз 3697,7 ҳазор нафар расидааст, ки нисбат ба соли 2019 10,4 фоиз афзудааст. Дар сурати самаранок истифода набурдани замин дар соҳаи кишоварзӣ, дар баробари зиёд шудани шумораи аҳолӣ ба бозори озуқавории мамлакат, дар ин замина ба таъмини амнияти озуқавори таъсири манфӣ мерасонад. Дар рафти таҳқиқот муайян гардид, ки сабаби асосии коҳиш ёфтани истеҳсолоти кишоварзӣ ин кам шудани истифодаи заминҳои корам дар иқтисодиёти аграрӣ ба ҳисоб меравад. Зиёд шудани майдонҳои бекорхобида аз 19 то 30 ҳаз.га ё 53,4% дар солҳои охир ба қайд гирифта шудааст. Сабабҳои асосии ин вазъият дар рафти таҳқиқот муайян гардида, пешниҳод мешаванд:

- кам гардидани нақши давлат ҳангоми идоракунии он муносибатҳои иқтисодӣ, ки бо замин алоқамандӣ доранд ва ҳиссагузори асосии истифодабарандагони замин бахши хусусӣ дар назар дошта мешавад. Бояд тазаккур дод, ки мавқеъгирии давлат ҳамчун субъекти асосии танзимкунанда, ки салоҳиятҳои он ба бахши хусусӣ дода мешаванд, дар навбати худ монеа ва мушкилотҳоро ба вуҷуд меорад. Яке аз мушкилотҳои асосӣ ва таъсиррасон дараҷаи қонеъгардонии талаботи субъектҳои бахши хусусӣ ба ҳисоб меравад. Барои соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ, махсусан, вилояти Хатлон мисоли равшану возеҳ раванди иҷорадиҳии як субъекти бахши хусусӣ ба дигар субъект метавонад баромад намояд. Дар бештари ҳолатҳо субъектҳои иҷорадиҳанда танҳо манфиатҳои шахсии худро ҳангоми иҷорадиҳӣ ба дараҷаи фоидагирӣ рабт медонанд. Ҳангоме, ки давлат иҷорадиҳандаи моликият баромад намояд, дар ин гуна ҳолатҳо дар баробари дараҷаи фоидагирӣ, инчунин қонеъшавии дигар манфиатҳо низ ба инобат гирифта мешаванд. Қабл аз ҳама ҳолати табиии заминҳои истифодабаранда барои даврaҳои оянда.
- фаъолияти субъектҳои бахши хусусии соҳаи кишоварзӣ бинобар сабабҳои объективии ҷойдошта, яъне гузоштани маҳдудиятҳо аз ҷониби давлат

барои васеъ намудани майдони заминҳои кишт ва дар ин асос афзоиши ҳосилнокӣ ва маҳсулонокии заминҳои корам маҳдуд арзёбӣ карда мешавад. Аз як ҷониб агар он бо маҳдудияти захираҳои молиявӣ вобастагӣ дошта бошад, пас дар дигар ҳолатҳо аз фаъолияти иқтисодии давлат ҳамчун субъекти асосии танзимкунанда мушоҳида карда мешавад. Дар ин гуна ҳолатҳо ҳамаи унсурҳои бозорӣ, пеш аз ҳама, нархи маҳсулоти истеҳсолгардида бинобар сабаби баланд будани арзиши аслии маҳсулот низ баланд мегардад ва ин ҳолат ба буҳрони соҳавӣ оварда мерасонад. Бартарафкунандаи асосии буҳронҳои соҳавӣ бевосита мақомотҳои давлатӣ ба ҳисоб мераванд ва ин дар навбати худ иҷрои уҳдадориҳои бахши давлатиро боз ҳам зиёд менамояд.

Ҳолатҳои болоӣ далолат аз он менамоянд, ки ба роҳ мондани муносибатҳои иқтисодии вобаста ба замин бояд дар меҳвари сиёсати иқтисодии давлат гузошта шаванд. Дар ин росто, баъзе аз муҳаққиони ватанӣ қайд менамоянд, ки барои ба эътидол овардани вазъи истифодаи замин афзоиши дараҷаи баланди ҳосилнокии меҳнат зарур аст, ки ибораи «фарсудашавии захираҳои замин» ва дар ин асос таъсиси фонди махсуси истеҳсол, яъне амортизатсионӣ барои беҳтар намудани вазъи заминҳои истифодагардида мавриди истифода қарор дода шаванд [38, с. 28]. Ин нуқтаро ба инобат гирифта, ҳангоми парвариши намудҳои гуногуни зироатҳо дар заминҳои соҳаи кишоварзӣ дар баъзе аз адабиётҳои иқтисодӣ дараҷаи ҳосилхезии маҳсулотҳои таъиноти кишоварзидоштаро, ки ба сифати заминҳо таъсири бевоситаи мусбӣ мерасонанд, асоси пешбурди фаъолияти иқтисодӣ медонанд [9].

Бояд дар назар дошт, ки истифодаи самараноки захираҳои табиӣ, қабл аз ҳама кишоварзӣ зери таъсири омилҳои дохилии соҳаи кишоварзӣ қарор доранд ва ҳангоми дурустии масъалагузорӣ рушди ҳамгироии иқтисодӣ дар шаклҳои гуногун ба вуҷуд меоянд. Натиҷаи таҳқиқоти олимони ватанӣ нишон медиҳад, ки истифодаи самараноки захираҳои замин, аз мавҷуд будани захираҳои об вобаста буда, натиҷаи ниҳоии он коллаборатсияи минтақавии истифодаи захираҳо ба вуҷуд меояд [99, с. 315]. Дар ин ҷода густариши раванди такрористеҳсолоти

маҳсулотҳои истеҳсолшаванда аз ҳисоби фаровонии шароитҳои табиӣ ба вуҷуд меоянд.

Дар таҳқиқот қайд мегардад, ки раванди такрористеҳсоли заминҳои ҳосилхези кишоварзӣ дар баробари барқарор кардани моддаҳои ғизоӣ, ки зироатҳои кишоварзӣ берун намудаанд, инчунин таъсири бевоситаи дигар унсурҳои заминро низ дар бар мегиранд. Маҳаки асосии онро сохтор ва таркиби хоки замин, ки зери таъсири дигар омилҳо, аз ҷумла обу ҳаво қарор дорад, ташкил медиҳад. Нуқтаи муҳимро дар инҷо раванди такрористеҳсоли васеи заминҳои кишоварзӣ ташкил медиҳад ва он дар навбати худ зери таъсири дигар омилҳои бахши аграрӣ қарор дорад. Дар ҳар як марҳилаи такрористеҳсоли васеъ бояд таъсири омилҳои беруна арзёбӣ карда шаванд, то ин ки дараҷаи ҳосилнокии маҳсулот баланд бардошта шавад. Дар ҳолати баръакс хусусиятҳои заминҳои истифодашаванда, чи аз ҳисоби омилҳои иқтисодӣ ва чи аз ҳисоби омилҳои иҷтимоӣ, яъне муносибати инсон ба табиат дигаргун мешаванд. Табиист, ки замин ҳамчун омили аввалиндараҷа ва муҳимми истеҳсолӣ аз дигар омилҳо ба куллӣ фарқ мекунад ва дар худ инъикосгари чунин хусусиятҳо мебошад:

- раванди такрористеҳсоли васеи истифодаи замин натанҳо натиҷаи иҷрои фаъолияти иқтисодии субъект ба ҳисоб меравад, инчунин дар натиҷаи таъминоти иттилоотиву таҳлилӣ низ ба вуҷуд меояд;
- такрористеҳсолот дар худ маҳдудиятҳои табиӣ ва сунъиро низ ҷой дода метавонад ва он дар натиҷаи таъйди дастовардҳои илмиву техникӣ низ васеъ мегардад;
- ҳангоми суръат бахшидан ба раванди такрористеҳсоли маҳсулотҳои босифат бояд дар мадди аввал гузошта шаванд;
- такрористеҳсоли маҳсулотҳои соҳаи кишоварзӣ аз мавҷудияти иқтидорӣ табиӣ-захиравӣ вобастагии бевоситаро дар худ ҷой медиҳад;
- такрористеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ бо мавҷудияти базаи моддиву техникӣ ва раванди иттилоотикунонии он алоқаманд арзёбӣ карда мешавад.

Дар диссертатсия қайд мегардад, ки яке аз вазифаҳои асосиии низоми ягонаиистифодаи замин ва дар асоси он афзоиши дараҷаи ҳосилнокии меҳнат

такроиstехсоли васеи маҳсулоти истеҳсолгардида маҳсуб меёбад ва он барои соҳаи кишоварзӣ аввалиндараҷа ҳисобида мешавад. Дар инҷо хусусиятҳои даврии ҳамаи унсурҳои истеҳсолот, ки ба соҳаи кишоварзӣ тааллуқ доранд, дар назар дошта мешаванд. Дар баъзе мавридҳо воситаҳои ҷалбшавандаи пулӣ, яъне захираҳои молиявӣ, ки барои азхудкунии сарватҳои табиӣ равона карда мешаванд, фишанги асосӣ ҳисобида мешаванд. Ҳангоми мавҷуд набудани маблағҳои пулӣ субъектҳои бахши иқтисодӣ аз ҳисоби дигар сарчашмаҳо, ё ин ки фондҳои таъйиноти гуногундошта васеъ истифода мебаранд.

Барои нигоҳ доштани сатҳи зарурии ҳосилхезӣ на танҳо иваз кардани маводи ғизоии истифодашудаи хок, балки барқарор кардани нишондиҳандаҳои сифатӣ (мазмуни гумус, сатҳи кислотаҳо, режими обу ҳаво ва ғайра), ки бо сармоягузории назаррас алоқаманд аст. Яке аз роҳҳои такроиstехсол ва баланд бардоштани ҳосилнокии заминҳо, андохтани нуриҳои маъданӣ ба ҳисоб меравад. Чи тавре аз ҷадв. 2.19 аён аст, дар солҳои 2019-2023 дар ҷумҳурӣ ба замини кишт андохтани нуриҳои маъданӣ ба 1 гектар аз 141,8 то 63,6 ва ё 55,1% кам шудааст.

Афзудани андозаи андохтани нуриҳои минералӣ асосан ба заминҳои кишти зироати хӯроки чорво (42,2%) мушоҳида мешавад. Зеро зиёд шудани саршумори чорво ва талабот ба ин навъи маҳсулот зиёд буда, дар ин замина ба деҳқонон даромади мувофиқ меорад ва бинобар он онҳо имконият васеи молиявӣ барои андохтани нуриҳои минералиро пайдо мекунанд.

Ҷадвали 2.19. - Ба замини кишт андохтани нуриҳои маъданӣ ба 1 га. (кг)

Нишондиҳандаҳо	Солҳо					
	2019	2020	2021	2022	2023	С.2023, нисбат ба с. 2019.%
Нуриҳои маъданӣ андохта шудааст, кг/га	141,8	336,9	140,4	152,2	63,6	-55,1
Аз он ҷумла						
ба заминҳои кишти ғалладона	98,0	89,9	96,8	112,5	35,2	-64,0
ба заминҳои кишти зироати техникӣ	181,1	179,1	172,6	177,9	180,3	-0,44
ба заминҳои кишти картошка	165,1	171,3	246,3	295,0	17,1	-89,6
ба заминҳои кишти сабзавот	181,3	172,8	164,6	174,2	107,3	-40,8
ба заминҳои кишти полизии хӯрокворӣ	134,5	141,9	146,6	161,9	123,2	-8,4
ба заминҳои кишти зироати хӯроки чорво	73,8	83,9	90,9	107,2	105,0	142,2

Сарчашма: *Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. - Душанбе, 2024. -С. 279.*

Андохтани нурии маъданӣ ба заминҳои кишти ғалладона 64,0%, зироати техникӣ 4,44%, картошка 89,6%, сабзавот 40,8%, полизии хӯрокворӣ 8,4% кам шудааст. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки вобаста ба кам шудани андохтани нуриҳои маъданӣ тамоюли паст шудани сифати заминҳои кишоварзӣ дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ мушоҳида мешавад. Умуман, дараҷаи бо нуриҳои минералӣ - азотӣ - 70, фосфор - 32, калиӣ – 6-7 фоизи нормаи зарурӣ таъмин будани заминро ташкил медиҳаду халос. Ин ҳолат пеш аз ҳама аз боло рафтани нархи нуриҳои маъданӣ бармеояд.

Бояд қайд намуд, ки дар замони муосир дар мамлакат ва шаҳру ноҳияҳо афзудани падидаҳои зироаткории органикӣ, ки ба истифодаи доруҳои органикӣ асос ёфтааст, мушоҳида мешавад. Аз маълумоти ҷадвали 2.20 бармеояд, ки дар давраи солҳои 2019-2023 андохтани пору дар хоҷагиҳои ҷумҳурӣ аз 4,1 то 3,9 тонна ба ҳар гектар ва 4,8% кам шудааст. Чуноне маълумоти ҷадвали 2.20 нишон медиҳад, танҳо афзоиш ба замини кишти пахта (23,0%) ва картошка (8,9%) мушоҳида мешавад. Яъне афзоиши андохтани поруи минералӣ ба майдони кишт аслан аз ҳисоби афзоиши андохтани поруҳо ба майдони кишти зироатҳои номбаршуда суръат гирифтааст. Андохтани пору ба заминҳои кишти ғалладона, сабзавот ва полизии хӯрокворӣ, зироати хӯроки чорво кам шудааст, ки ин ҳодисоти самараи манфии истеҳсолоти молӣ ва кори механизми бозорӣ, ки ба сифати экологии маҳсулоти озуқаворӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Ҷадвали 2.20. - Ба замини кишт андохтани пору ба 1 гектар (тонна)

Нишондиҳандаҳо	Солҳо					с.2023, нисбат ба с. 2019 %
	2019	2020	2021	2022	2023	
Пору андохта шудааст, тонна/гектар	4,1	3,7	2,6	3,9	3,9	-4,8
Аз он ҷумла						
ба заминҳои кишти ғалладона	3,6	4,1	3,8	4,0	3,1	-13,9
ба заминҳои кишти зироати техникӣ	1,3	1,3	1,1	1,5	1,6	123,0
ба заминҳои кишти картошка	8,9	8,5	4,2	9,4	9,7	108,9
ба заминҳои кишти сабзавот	4,9	4,1	2,0	2,9	3,5	-28,5
ба заминҳои кишти полизии хӯрокворӣ	3,0	1,6	0,9	1,3	1,8	-40
ба заминҳои кишти зироати хӯроки чорво	7,6	6,9	5,0	3,8	2,2	-71,0

Сарчашма: *Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. - Душанбе, 2024. -С. 279.*

Дараҷаи пасти истифодаи нуриҳои маъданӣ дар субъектҳои хоҷагии бахши аграрии иқтисодиёти ҷумҳурӣ боиси кам шудани таъминоти хок бо фосфор, кам будани калийи ивазшаванда ва моддаҳои органикӣ гардид.

Сабаби ин вазъият дар заминҳои корам дар баробари гирфтани ҳосил аз замин канда шудани моддаҳои ғизо мебошад, ки онро ҷуброн карда наметавонад. Ҳамин тариқ, дар бахши аграрии иқтисодиёти ҷумҳурӣ сол то сол тамоюли кам кардани пошидани нуриҳои маъданӣ мушоҳида карда мешавад. Миқдори гумус дар хок, ки асоси энергетикии протсессҳои биологӣ мебошад, боз як нишондиҳандаи муҳимми ҳосилхезии хок мебошад. Маҳз гумуси хок аст, ки равандҳои афзоиш ва ғизодиҳии растаниро бо макро ва микроэлементҳо танзим мекунад. Деҳқонон нағз медонанд, ки миқдори гумус дар хок асосан дараҷаи ҳосили зироатҳоро муайян ва маҳдуд мекунад. Ҳозир дар заминҳои зиёди корами ҷумҳурӣ миқдори гумус хеле паст аст.

Истифодаи нуриҳои органикӣ метавонад ба афзоиши моддаҳои органикӣ ва гумус мусоидат кунад. Аммо динамикаи истифодаи онҳо заиф аст. Истифодаи нуриҳои органикӣ тамоюли ноустувор дорад. Ин аз он сабаб аст, ки дар фасли зимистон аҳолии ҷумҳурӣ, бахусус, деҳоти он бо гармӣ ва энергияи он мушкилӣ мекашад, аз ин рӯ, як қисми зиёди поруи ҳайвонот барои эҳтиёҷоти маишӣ истифода мешавад.

Чи тавре дар боло қайд намуда будем, такроистеҳсолкунии заминҳои кишоварзӣ, ҳосилнокиву ҳосилхезии онҳо сармоя ва маблағҳои калонро талаб мекунад. Дар баробари маблағгузории давлатӣ ба такороистеҳсоли заминҳои кишоварзӣ бояд ҳар як субъекти хоҷагидорӣ иқтисодиёти кишоварзӣ, истифодабарандагони заминҳои кишоварзӣ масъулияти баландро дар беҳдошти сифати замин дошта бошанд. Ин раванд ба иқтидори молиявии корхонаҳои кишоварзӣ вобастагӣ дорад. Аммо устувории молиявии корхонаҳои кишоварзӣ дар муқоиса ба дигар соҳаҳои иқтисодиёт нисбатан паст мебошад.

Соли 2023 корхонаҳои кишоварзии вилояти Хатлон 303,1 млн. сомонӣ захираҳои моддӣ 93,5 млн. сомонӣ воситаи пулӣ дар хазина ва 414,8 млн. сомонӣ

дар бонк доштанд, ки мувофиқан 17,6. 3,0 ва 24,1 фоизи ҳамаи ин нишондиҳандаҳои иқтисодиёти вилоятро ташкил медиҳад.

Ҷадвали 2.21. - Таркиби дороиҳои корхонаҳои кишоварзӣ (млн. сомонӣ)

Нишондиҳандаҳо	Солҳо					
	2019	2020	2021	2022	2023	с.2023, нисбат ба с. 2019. %
Захираҳои моддӣ, ҳамагӣ	968,6	983,5	1793,8	1831,3	1716,5	177,2
Аз он ҷумла кишоварзӣ	44,0	112,0	60,1	294,8	303,1	6,8 мар
бо ҳисоби %	4,5	11,3	3,3	16,1	17,6	3,9 мар
Хароҷотҳои пешпардохтшуда, ҳамагӣ	91,1	113,1	101,5	81,5	212,5	2,3 мар
Аз он ҷумла кишоварзӣ	4148,2	693,3	221,9	8093,0	8450,9	103,7
бо ҳисоби %	4,6	0,6	0,2	9,9	4,0	-0,6 бф
Воситаи пулӣ дар хазина	41,2	21,3	32,4	83,1	93,5	2,2 мар
Аз он ҷумла кишоварзӣ	811,5	352,1	3570,8	11856,5	9857,8	12,1 мар
бо ҳисоби %	2,0	1,6	11,0	14,3	10,5	8,5 бф
Воситаҳои пулӣ дар бонкҳо, ҳамагӣ	528.9	265,0	446,8	416,0	414,8	-21,5
Аз он ҷумла кишоварзӣ	0,073	0,030	10,5	13,4	18,8	257,5 мар
бо ҳисоби %	-	-	2,3	3,2	4,4	-

Сарчашма: *Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991-2023. Сарраёсати омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. - Бохтар, 2023. -С.* 246-252 *ва ҳисобҳои муаллиф*

Дороиҳои корхонаҳои кишоварзӣ, ки дар ҷадвали 2.21 омадааст дар давраи солҳои 2019-2023 тамоюли болоравиро гирифтааст. Албатта ин вазъият имконият медиҳад, ки таъминоти молиявии такрористеҳсоли заминҳои кишоварзӣ дар сатҳи зарурӣ ташкил карда шавад. Дар солҳои охир шумораи корхонаҳои кишоварзии вилоят, ки зарар дидаанд аз 24 то 109 адад расиданд, ҳаҷми зарари онҳо аз 24,7 то 14,8 млн. сомонӣ кам шудааст (ҷадвали 2.22).

Ҷадвали 2.22. - Корхонаҳои зарардидаи соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон (млн. сомонӣ)

Нишондиҳандаҳо	Солҳо					
	2019	2020	2021	2022	2023	с.2023, нисбат ба с. 2019 %
Миқдори умумии корхонаҳо	57	43	43	102	109	91,2
Маблағи зарар млн. сомонӣ	24,7	42,4	27,1	19,2	14,8	-40,0

Сарчашма: *Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991-2023. Сарраёсати омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. -Бохтар, 2023. -С.* 230 *ва ҳисобҳои муаллиф*

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки ҳаҷми зарари корхонаҳои кишоварзӣ тамоюли камшавӣ дорад, сабаби асоси болоравии ҳаҷми қарздории кредитории онҳо шуда метавонад. Аз ҷадвали 2.23 аён аст, ки дар давраи солҳои 2019-2023 қарздории

кредитории корхонаҳои кишоварзӣ аз 446,4 то 972,3 млн. сомонӣ ва ё 2,1 маротиба зиёд шудааст. Дар ин давра ҳаҷми қарздории кредитории таъминкунандаи захираҳои моддӣ 121,0% низ зиёд шудааст. Дар ин ҳолат имконияти такроистеҳсоли майдони кишти зироатҳои кишоварзӣ ва баланд бардоштани ҳосилхезии заминҳо хеле маҳдуд мегардад. Ҳамаи инро ба инобат гирифта, бояд қайд намуд, ки дар сурати дуруст истифода намудани сарчашмаҳои молиявӣ, махсусан қарздории кредитории корхонаҳои кишоварзӣ ба беҳтар шудани ҳолати такроистеҳсоли васеи заминҳои кишоварзӣ оварда мерасонад.

Ҷадвали 2.23. - Қарздории кредитории корхонаҳои кишоварзӣ, (млн. сомонӣ)

Нишондиҳандаҳо	Солҳо					с.2023, нисбат ба с. 2019 %
	2019	2020	2021	2022	2023	
Қарздории кредиторӣ, ҳамагӣ дар иқтисодиёти вилоят	4886,2	7312.4	7859,9	8308,9	10256,9	209,9
Аз он ҷумла кишоварзӣ	446,4	753,2	1143,8	905,7	972,3	2,1 мар.
бо ҳисоби %	9,1	10,3	14,6	10,9	9,5	104,3
Қарзҳои кредитории муҳлаташ гузашта, ҳамагӣ	127,4	137,7	183,3	283,7	708,5	5,5
Аз он ҷумла кишоварзӣ	1801,0	134,2	97,7	153,0	4,8	-99,7
бо ҳисоби %	14,1	1,0	0,5	0,5	-	-
қарздории кредитории таъминкунандаи захираҳои моддӣ, ҳамагӣ	2466,3	2017,4	1708,2	1759,3	2985,8	121,0
Аз он ҷумла кишоварзӣ	387,1	118,4	129,6	129,0	156,3	-59,6
бо ҳисоби %	15,7	5,9	7,6	7,3	2,4	-84,7

Сарчашма: *Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991-2023. Сарраёсати омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. - Бохтар, 2023. -С.* 241-244 *ва ҳисобҳои муаллиф*

Такроистеҳсоли захираҳои замин, махсусан таъйиноти кишоварзӣ барои рушди ҷомеа зарур аст, зеро сатҳи зиндагии аъзоёни ҷомеа, аҳолӣ маҳз ба ҳамин вобаста аст. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки дар айни замон, вақте ки масъалаи таъмини амнияти озуқавории ҷумҳурӣ, ғанӣ гардонидани иқтидори бозори дохилии озуқаворӣ ҳамчун ҳадафи стратегии давлат ба мадди аввал гузошта мешавад, аз ин рӯ, масъалаҳои ташкили оқилона ва самаранок истифода бурдани замин ҳамчун роҳи ба амал баровардани ин мақсад низ вазифаҳои муҳим ва таъхирнопазир мешаванд. Ба ин муносибат қайд кардан лозим аст, ки мақсади таъйиноти як навъи замини кишоварзӣ, махсусан, замини корам бояд шароити

истифода ва такрористеҳсолкунии онро муайян намояд. Дар ин бобат метавон пешниҳод намуд, ки мафҳуми «истифодаи оқилонаи замин» ҳамчун идеяи асосӣ аз сатҳи заминистифодабарандаи мушаххас (субъекти хоҷагӣ) то сатҳи давлат истифода ва дарк карда шавад.

Ба фикри мо самаранок истифода бурдани замин ба назар гирифтани захираҳои заминро аз ҷиҳати зерин талаб мекунад:

А) иқтисодӣ – истифодаи замин ба сифати воситаи истеҳсолот ва субъекти меҳнат барои рушди иқтисод;

Б) иҷтимоӣ - хусусияти иҷтимоии истифодаи заминро ҳамчун манбаи истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ, ки талаботи аҳолиро қонеъ гардонида, баланд шудани дараҷаи некуаҳволии халқро таъмин менамояд, инъикос менамояд;

В) экологӣ – нигоҳ доштани мувозинати экологии муҳити зист.

Хулосаи боби дуюм

1. Таҳлили вазъи кунунии истифодаи самараноки заминҳои соҳаи кишоварзӣ нишон медиҳад, ки дар ҳолати динамикӣ соҳаи кишоварзӣ солҳои охир суръати рушди иқтисодиро, чи дар сатҳи иқтисоди миллӣ ва чи дар сатҳи вилояти Хатлон пурра нигоҳ дошта, имкон медиҳад, ки, дар умум, муҷтамаи агросаноатӣ мавқеи худро боз ҳам пурзӯр намояд. Пурзӯршавии мавқеи иқтисодии муҷтамаи агросаноатӣ ба беҳшавии занҷираи истеҳсолии дигар соҳаҳои иқтисоди миллӣ, аз ҷумла соҳаи саноат оварда мерасонад. Барои дар оянда устувор ва мутавозин нигоҳ доштани вазъи иқтисодиёти вилояти Хатлон дар мадди аввал зарур аст, ки заминаҳои иқтисодии пешбурди фаъолияти иқтисодӣ, аз қабили фароҳам овардани шароит барои нигоҳдошти ҳолати табиии замин, ҷараёни обёрикунонии он, таҷдид ва бозбинии фондҳои асосии истеҳсолӣ, ҷоннок намудани муносибатҳои молиявӣ, фароҳам овардани шароитҳои мусоид дар самти иқлими хуби сармоягузорӣ, мукаммал намудани фишангҳои қарзӣ дар соҳаи кишоварзӣ, имтиёздиҳӣ ба субъектҳои фаъолияти иқтисодӣ (хоҷагидорӣ) дар соҳаи кишоварзӣ ва амсоли инҳо мебошанд.

2. Таҳлили вазъи кунунии соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон нишон медиҳад, ки дар баъзе аз шаҳру ноҳияҳои вилоят ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти

соҳаи кишоварзӣ бинобар паст будани сифати заминҳои соҳа нисбатан паст мебошад. Дар ин гуна ҳолатҳо, сабабҳои асосиро бо таъсири омилҳои гуногуни иқтисодӣ дар алоқамандӣ бо иқтидори иқтисодии ҷойдоштаи ҳар як ҳудуд, яъне шаҳру ноҳияҳо алоқаманд медонад. Натиҷаи таҳқиқоти илмӣ нишон дод, ки мутобиқ накардани бештари унсурҳои маҳсулотҳои истеҳсолгардида ба меъёрҳои ҷаҳонии истеҳсоли маҳсулот, бештари онҳо дар ҳудуди кишвар истеъмол карда мешаванд. Раванди истеъмоли маҳсулоти истеҳсолгарида натанҳо дар дохили минтақа, яъне ҳудуди вилоят Хатлон, инчунин дар ҳудуди Тоҷикистони марказӣ низ истеъмол мегардад. Ин аз ҳисоби ҷой доштани маълумотҳои омории минтақавӣ имконпазир гардид. Дар оянда дар назар аст, ки ҳангоми таъсис додани кластери иттилоотиву таҳлилии соҳаи кишоварзӣ чунин маълумотҳо бодарназардошти таҳлили васеъ ва амиқ ба даст оварда мешаванд.

3. Барои баланд бардоштани иқтидори иқтисодии заминҳои кишоварзӣ ва такрористеҳсоли он қисми рентаи онро ба ин мақсад сафарбар кардан зарур аст. Рентаи дифференсиалӣ I-ро, ки дар шакли хароҷоти истеҳсолот (иҷора ва андози замин) ба арзиши аслии маҳсулот дохил карда шавад, давлат бояд аз худ намуда, барои такрористеҳсоли одии замин сафарбар намояд. Барои такрористеҳсоли васеъ бояд рентаи дифференсиалии 2 сафарбар шавад. Барои ҳисоб кардани нишондиҳандаҳои самаранокӣ ва сатҳи истифодаи иқтидори заминҳои кишоварзӣ дар вилоят пешниҳод карда мешавад, ки арзиши миёнаи маҳсулоти кишоварзӣ барои 1 гектар замини кишоварзӣ дар 5 ва ё 10 соли охир, ки бо арзиши муқоисашаванда ҳисоб карда мешавад, истифода шавад. Дар рафти таҳқиқот муайян гардид, ки аз 25 шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон танҳо 14-тои он аз дараҷаи миёнаи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба ҳар 1 га аз рӯйи иқтидори заминҳои кишоварзӣ барзиёд аст.

Арзёбии истифодаи иқтидори заминҳои кишоварзиро бо усули муқоисавии майдонҳои кишт аз рӯйи иктидорҳои мавҷуда ва нишондиҳандаҳои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба як гектар, ҳамзамон бо роҳи ҳисоб намудани фарқияти онҳо муайян намудан мумкин аст. Дар рафти таҳқиқот маълум гардид, ки дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон арзиши миёнаи маҳсулотҳои соҳаи кишоварзӣ

бо нархҳои муқоисавӣ, ки аз як гектар замин истеҳсол шудааст, истифода мешавад. Самаранокии пасти истифода бурдани иқтидорҳои замин дар ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб бештар аст.

4. Барои самаранок истифода бурдани замин ба назар гирифтани захираҳои заминро аз ҷиҳатҳои зерин тақозо мнамояд: а) иқтисодӣ – истифодаи замин ба сифати воситаи истеҳсолот ва субъекти меҳнат барои рушди иқтисод; б) иҷтимоӣ – хусусияти иҷтимоии истифодаи заминро ҳамчун манбаи истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ, ки талаботи аҳолиро қонеъ гардонида, баланд шудани дараҷаи некуаҳволии халқро таъмин менамояд, нишон медиҳад; в) экологӣ – танзим ва нигоҳдошти мувозинати экологии ҳифзи муҳити зист, дар баробари истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ, ки дар такрористеҳсоли сарватҳои замин аз ҷониби субъектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ ба роҳ монда мешавад. Истифодабарандагони заминҳои кишоварзӣ дар раванди фаъолияти истеҳсолӣ ҳосилхезии табиии хокро истифода бурда, бояд бо амалӣ намудани тадбирҳои агротехникӣ, агрохимиявӣ ва мелиоративӣ ба сатҳи ҳосилхезӣ таъсир мерасонанд, тавозуҳи ҷиддӣ диҳанд. Дар ин росто, метавонанд аз ҷиҳатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ ба комёбиҳои назаррас даст ёбанд.

БОБИ III. РОҲҲОИ БЕҲТАР НАМУДАНИ ТАЪМИНОТИ ИТТИЛООТИВУ ТАҲЛИЛИИ ИСТИФОДАИ САМАРАНОКИ ЗАМИНҲОИ КИШОВАРЗӢ ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

3.1. Танзими давлатии муносибатҳои иқтисодӣ доир ба истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ

Яке аз фишангҳои асосии таъсиррасон ба фаъолияти иқтисодӣ танзими давлатии муносибатҳои иқтисодӣ дар ин ё он соҳаи иқтисоди миллӣ маҳсуб меёбад. Дар минтақаҳои кишвар, қабл аз ҳама, дар ҳудуди вилояти Хатлон дар баробари таҳия ва коркади заминаҳои ҳуқуқии пешбурди фаъолият, инчунин заминаҳои иқтисодии пешбурди фаъолияти иқтисодии субъектҳои хоҷагидор, ки дар бахши хусусии иқтисодиёт машғул ҳастанд, ба роҳ монда мешавад. Маълум аст, муносибатҳои иқтисодӣ вақте танзим карда мешаванд, ки дар доираи санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ ба роҳ монда шаванд. Аз ин ҷо бар меояд, ки ба ҳам омадани субъектҳои бахши хусусӣ ва давлатӣ фишанги иқтисодии танзими давлатиро ба вуҷуд меорад. Он дар ҳолати фаъолият намудан дар доираи низоми истифодаи замин дар соҳаи кишоварзӣ ба вуҷуд меояд.

Идоракунии низоми истифодаи замини кишоварзӣ як раванди серқира мебошад, ки асоси онро робитаҳои мустақим ва аксии (бозгашт) ҷараёни иттилоот ташкил медиҳад, ки таъсири мутақобилаи ҳамкории субъектҳо ва объектҳои идоракунӣ мебошад. Шиддат ва мураккабии ин робитаҳо аз рӯйи миқёси зернизоми идорашаванда ва сатҳи мураккабии сохторӣ ва функсионалии он ва ҳаҷм ва шиддатнокии ҷараёни иттилоот аз рӯйи сатҳи рушди зернизоми идоракунӣ ва мураккабии равандҳои дар зернизоми идорашаванда муайян карда мешаванд.

Дар сатҳи минтақа арзёбии иқтидори иқтисодии заминҳои кишоварзӣ бо такя ба ҳаҷми маҳсулоти кишоварзии истеҳсолшуда дар низоми таъминоти иттилотии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ ҷойгоҳи марказиро ишғол менамояд. Дар системаи таъминоти иттилоотиву таҳлилӣ муайян намудани арзиши иқтисодии замин ва ё нархи он масъалаи муҳимтарини рентаи дифференсиалии навъи якум мебошад, ки фарқи омилҳои объектиеро, ки дар онҳо субъектҳои хоҷагидор ҷойгиранд, муайян мекунад. Рентаи дифференсиалиро на

фақат аз рӯйи тамоми соҳа, балки дар маҷмуъ, аз рӯйи зироатҳои алоҳида низ муайян кардан мумкин аст. Вобаста ба ин дар диссертатсия алгоритми муайян намудани рентаи дифференсиалии навъи якум дар истеҳсоли ғалладонагиҳоро, ки беш аз 47 фоизи заминҳои кишти хоҷагиҳои шаҳри Кӯлобро ташкил медиҳанд, пешниҳод шудааст. Барои ин аз як қатор методу усулҳо истифода шудааст.

Ин корро бо таваҷҷуҳ ба сатҳи ҳосилхезии табиии хок дар шароити миёнаи иқлимӣ, дар ҳолати арзёбии истифодаи технологияи кишоварзӣ, ки ба даст овардани самараи ҳосили имконпазири зироатҳои кишоварзӣ ва ҳосилнокии заминҳои табиии хӯроки чорворо таъмин мекунанд амалӣ кардан мумкин аст.

Хусусиятҳои ҳар як соҳаи иқтисоди минтақа, махсусан бахши воқеии иқтисодиёт, яъне тавлидкунандаи асосии маҳсулотҳои истеҳсолӣ ҳангоми ҷой доштани таносубҳои соҳавӣ ва фишангоҳои танзими давлатии иқтисодиёт мушоҳида карда мешаванд. Дар соҳаи кишоварзӣ хусусиятҳои махсус ҷой доранд ва онҳо зери бевоситаи дигаргуниҳои сохторӣ ва таҷдиди сохтори амудии идоракунӣ ниёз доранд. Дар ҳолати дуруст ба роҳ мондани танзими давлатии фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ дар соҳаи кишоварзӣ натиҷаи фаъолияти иқтисодӣ аз ҳисоби баланд бардоштани ҳосилнокии меҳант ва дигар унсурҳои таркибӣ васеъ мегардад. Аз як ҷониб, агар васеъшавии заминҳои кишоварзӣ дар асоси ҷалб намудани воситаҳои молиявӣ амалӣ шаванд, аз ҷониби дигар, онҳо дар асоси истифодаи воситаҳои техникии муосир, яъне таъмин намудани иттилооти зарурӣ баҳри боз ҳам афзоиш додани дараҷаи самаранокии маҳсулотҳо дар заминҳои ҷойдоштаи фаъолият васеъ карда мешавад.

Рушди бемайлони соҳаи кишоварзӣ агар дар асоси дуруст ба роҳ мондани механизми танзими давлатии соҳаи кишоварзӣ ба роҳ монда шавад, пас унсурҳои таркибии онро дар доираи барномаҳои давлатии рушди иҷтимоиву иқтисодии сатҳи минтақавӣ метавон дарёфт намуд. Пеш аз ҳама сухан дар бораи Стратегияи дарозмуддати рушди соҳавии минтақавии соҳаи кишоварзӣ барои давраи то соли 2030 ва барномаҳои вобаста ба он дар назар дошта мешавад.

Гузариш ба муносбатҳои иқтисодии «навъи нав» бо уҳдадорӣ ва ҳуқуқҳои субъектҳои истифодабарандаи заминҳои соҳаи кишоварзӣ ва раванди хариду

фурӯши маҳсулотҳои соҳаи кишоварзӣ вобастагӣ дошта, дар натиҷаи истифодаи самараноки унсурҳои таркибии бозорӣ ба даст оварда мешавад. Дар инҷо мавқеи калидиро истифодаи замин аз ҳисоби меъёрҳои арзишии бозорӣ ташкил медиҳанд.

Олими ватанӣ Қ.Х. Хушвахтзода масъалаҳои танзим ва назоратро дар соҳаи кишоварзӣ таҳқиқ намуда, қайд менамояд, ки: «...масъалаи роҳандозӣ намудани низоми назорати дохилӣ дар корхонаҳои соҳаи кишоварзӣ нисбат ба соҳаҳои дигари иқтисодиёт муҳимтар аст, зеро ба самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ шароити табиию иқлимӣ ва хусусиятҳои техникию технологии истеҳсолот таъсири бештар мерасонанд. Ҳамаи ин мубрамии масъалаи ташаккул ва рушди низоми назорати дохилиро дар идоракунии фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ муайян намуда, зарурати бурдани таҳқиқоти мукаммали илмиро дар ин самт тасдиқ мекунад» [49, с. 102]. Дар баробари ин, гурӯҳи дигари олимони ватанӣ қайд менамоянд, ки «...рушди устувор ва мутавозини соҳаи кишоварзи мамлакат ва минтақаҳои он ба дараҷаи татбиқи ғояҳои миллии иқтисоди сабз, ки дар доираи барномаҳо ва консепсияҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ баён гардидаанд, вобастагӣ дорад» [59, с. 394]. Маълум мегардад, ки масъалаҳои танзими давлатии муносибатҳои иқтисодии субъектҳои хоҷагидор зери таъсири омилҳо ва самтҳои мухталиф қарор доранд ва онҳо бештар ба назарияҳои мухталифи истифодаи самараноки қитъаҳои замини бахши аграрии мамлакат алоқамандӣ доранд.

Тибқи назарияҳои ҷойдоштаи танзимкунандаи фаъолияти иқтисодии субъектҳо фаъолияти давлат ҳамчун субъекти танзимкунанда бояд дар асоси принсипҳои бозорӣ амалӣ шавад. Дар инҷо шарти асосӣ ва заруриро алоқамандӣ ва ҳамбастагии ду унсури бозорӣ, яъне арзиш ва нархи маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ ташкил медиҳанд. Дар инҷо фикри муҳиме ба вуҷуд меояд, ки хароҷотҳои истеҳсоли маҳсулотҳои соҳаи кишоварзӣ бояд дар асоси дараҷаи фоидагирӣ дуруст ба роҳ монда шаванд. Дар фаҳмиши муосир рафтори ҳар як субъекти иқтисодӣ бояд ба принсипҳои асосии танзими давлатии иқтисодиёт ва принсипҳои «иқтисодиёти рафтор» роҳандозӣ карда шаванд.

Қитъаи замин дар радифи дигар омилҳо ва сармояҳо манбаи даромад маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, арзёбии иқтисодии он, сармоягардии он ва муайянн намудани арзиши бозорӣ ва ё нархи он дар шароити иқтисоди бозоргонӣ хеле муҳим мебошад. Дар ин маврид аз нигоҳи классикӣ нархи замин ба ду омил ва ё бузургӣ вобаста аст: 1) ба ҳаҷми рентаи замин, ки ба соҳибмулк ва иситифодабарандаи қитъаи замин даромади омилӣ меорад; 2) ва меъёри фоизи қарз, ки қитъаи замин ҳамчун дороӣ ва сармоя бо аризиши миёнаи сармояҳо дар иқтисодиёти мамлакат қиёс карда мешавад. «Харидори»-и ҳуқуқи моликият ба истифодаи қитъаи замин кӯшиш мекунад, ки онро на баҳри хок, балки гирифтани даромади доимии солонае, ки замин меорад, ба даст орад. Ҳуқуқи гирифтани даромади доимӣ ба муҳлати номуайян харида мешавад.

Аз ин ҷост, ки барои муайян кардани арзиши замин аз фоизи сармоя истифода бурдан лозим аст. Дар ҳақиқат, дар назарияи иқтисод ҳамаи дороиҳое, ки даромадро ба вуҷуд меоранд, сармоя ҳисобида мешаванд. Соҳиби маблағ метавонад онро ба бонк гузошта, дар шакли фоиз даромад гирад. Аммо ӯ метавонад ин маблағро барои ба даст овардани қитъаи замин низ сарф кунад. Бинобар ин, нархи замин арзиши тахфифшуда мебошад. Он мутобиқ ба ҳар гуна шароите, ки дар асоси он сармоя ба даст оварда мешавад, ҳисоб карда мешавад.

Дар муайян намудани арзиши иқтисодии замин ва ё нархи он масъалаи муҳимтарин рентаи дифференсиалии навъи якум мебошад, ки фарқи омилҳои объектиеро, ки дар онҳо субъектҳои хоҷагидор ҷойгиранд, муайян мекунад.

Ду намуди рента мавҷуд аст: рентаи дифференсиалии якум ва рентаи дифференсиалии дуюм, ки аз ҷиҳати миқдор ҷудо кардани онҳо кори хеле душвор аст. Барои он ки сарҳади таъсири омилҳои объективӣ ва субъективӣ ба самараи истеҳсолоти кишоварзӣ норавшан аст. Методологияе, ки мо бар асоси он дар таҳқиқоти хеш рентаи дифференсиалии заминро ба ду намуд тақсим кардем, чунин аст: рентаи дифференсиалии навъи якум, ки бар асари баланд шудани ҳосилнокии меҳнат аз ҳисоби беҳтар шудани омилҳои табиӣ буда, таъсири он дар вақти истеҳсолот равшантар зоҳир мегардад. Хароҷот ба воҳиди майдони кишт як хела буда, аммо натиҷаҳо гуногунанд.

Бояд гуфт, ки ғунҷоиши фонд ва музди меҳнат дар хоҷагиҳое, ки шароиташон беҳтар аст, одатан баландтар аст. Ба ин хотир, чунин афзоишро пурра ба рентаи дифференсиалии навъи якум нисбат додан мумкин нест. Он инчунин қисман рентаи навъи дуюмро дар бар мегирад, зеро дар хоҷагиҳои шароиташон хубтар дараҷаи интенсивии истеҳсолот баланд мебошад. Маблағгузории иловагӣ ба заминҳои беҳтарин назар ба маблағгузорӣ ба заминҳои миёна ва бадтар бештар рентаи дифференсиалии навъи дуюмро таъмин мекунанд. Бинобар ин, ҳангоми муайян кардани сатҳи афзоиши ҳосили иловагӣ, дар ҳар як хоҷагӣ донистан лозим аст, ки ба ҳар як воҳиди хароҷот чи қадар маҳсулоти иловагӣ гирифта шудааст.

Рентаи дифференсиалиро на фақат аз рӯйи тамоми соҳа, балки дар маҷмуъ, аз рӯйи зироатҳои алоҳида низ муайян кардан мумкин аст. Дар асоси алгоритми муайян намудани рентаи дифференсиалии навъи якум, истеҳсоли ғалладонагиҳоро, ки беш аз 47 фоизи заминҳои кишти хоҷагиҳои шаҳрри Кӯлобро ташкил медиҳанд, муайян намудем. Барои ин аз як қатор методу усулҳо истифода намудем: якум, муқаррар намудани бузургии рентаи дифференсиалии воҳиди қитъаи замин ин ҳисоб кардани ҳаҷми маҳсулот, хароҷоти он, яъне арзёбии замин аз нуқтаи назари ҳосилнокии он мебошад. Яъне арзиши замин ба ҳосилнокии зироатҳои он вобастааст.

Дар таҳқиқотҳои олимони хориҷӣ қайд мегардад, ки «...рентаи дифференсиалӣ вобаста ба категорияҳои замин (заминҳо дар ҳоли хуб қарор дошта, дар ҳоли бад қарордошта ва дар ҳоли миёна) фоидаи иқтисодиро дар шакли муҳосибӣ ба соҳибмулкон меоранд ва асоси онро дараҷаи нархҳои маҳсулоти истеҳсолгардида ташкил дода, дар натиҷаи баланд бардоштани дараҷаи рақобатпазирии маҳсулотҳо, яъне ҷой доштани инҳисорот ва намудҳои дигари рақобат, ки танҳо ба манфиати соҳибмулкон бартарӣ доранд, дар назар дошта мешаванд» [72, с. 56]. Аз ин ҷо бар меояд, ки категорияи заминҳо ҳосилнокии заминро вобаста аз мавҷудияти ҳосилнокии меҳнати коргарони кироя ва меҳнати иловагӣ, ки корфармо тавассути корманд дар шакли фоида ба даст меорад, ҷудо карда мешаванд.

Ҳангоми муҳосибаи ҳосилнокӣ аз рӯйи хароҷоти меҳнат бо муомилоти пулӣ, яъне аз рӯйи хароҷоти хоҷагӣ тамоми арзиши нав ба назар гирифта намешавад, зеро музди меҳнат дар хароҷоти хоҷагӣ танҳо як қисми меҳнати сарфшударо дар бар мегираду халос. Дигар қисмати он бошад, аз ҳисоби сарфи меҳнати барзиёдии субъектҳо дар назар дошта мешавад. Дар ин гуна ҳолатҳо арзиши аслии маҳсулот калкулятсияи худро дар фонди музди меҳнат нишон медиҳад ва фоизи қарзҳо бошад, дигаргун намешаванд.

Барои чен кардани ҳосилнокии меҳнат дар асоси хароҷоти умумӣ, бояд даромади соф ба хароҷоти корхона ҳамчун даромади муқаррарии соҳибкорӣ илова карда шавад. Бе ин рентаи дифференсиалиро ҳамчун изофаи даромади соф аз меъёри умумии он ҳисоб кардан мумкин нест, ки аз кам шудани хароҷоти иқтисодӣ ба воҳиди маҳсулот дар натиҷаи баланд шудани ҳосилнокии меҳнат дар заминҳои беҳтарин ва миёна нисбат ба заминҳои ҳосинокиашон паст, ки муайянкунандаи нарх мебошанд, ба вуҷуд меояд.

Меъёри умумии даромади софи хоҷагиро мо меъёри миёнаи фоида дар соҳа меномем. Миқдори маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ ба ҳар воҳиди меҳнат бо роҳи тақсим кардани ҳаҷми истеҳсолот ба ҳамаи хароҷот, аз ҷумла ба маблағи фоидаи муътадил муайян карда мешавад. Барои ҳисоб кардани махраҷи ин таносуб, бояд аввал як қатор нишондиҳандаҳоро ҳисоб намоем.

Аввалан, хароҷоти моддии истеҳсолот муқаррар карда мешавад, яъне арзиши аслии воситаҳои истеъмолшудаи истеҳсолот, бо роҳи аз арзиши аслии маҳсулот хориҷ кардани музди меҳнат ва маблағи суғуртаи офати табиӣ.

Сониян, маблағи фонди музди меҳнат бе унсурҳои даромади софи ба он иловашуда, яъне пардохтҳои суғуртаи иҷтимоӣ аз ҳисоби маблағи музди меҳнат, ки шомили арзиши аслӣ мебошанд, ихроҷ, муҳосиба ва натиҷаи ба дастомада ба фоизи меъёри умумии даромади соф илова карда мешавад.

Сеюм, арзиши маҳсулоти кишоварзиро бо роҳи зам намудани хароҷоти моддӣ, музди меҳнат ва илова кардани фоидаи меъёрӣ муайян кардан мумкин аст.

Шарти дуюми муҳимми муҳосибаи бузургии рентаи дифференсиалӣ ба воҳиди замин ин муқаррар намудани моҳияти замини бадтарин ба ҳисоб меравад.

Ин қабил замин замини кишоварзие маҳсуб меёбад, ки ба хоҷагӣ имкон медиҳад, харочоти истеҳсолиро пӯшонда, аз даромади муътадили барои ҳамаи хоҷаги хос, камтар даромад гирад. Корхонаҳои кишоварзие, ки дар заминҳои беҳтарин ва миёна воқеъ гардидаанд, на танҳо меъёри умумии даромади соф, балки рентаи дифференсиалӣ ҳам ба даст меоранд.

Дар марҳилаи навбатӣ рентаи дифференсиалии истеҳсоли ғалладонагиҳо ва нархи бозории қитъаҳои замин дар хоҷагиҳои ш. Кӯлоб (ХД «Олими Ҳаё», КТ «МА Ҳамадонӣ», КТ «Хатлон» ва ХД «Бахт - 15»)-ро мавриди таҳлил қарор медиҳем (ҷадвали 3.1).

Ҷадвали 3.1. - Ҳисобкунии арзиши замин аз руйи рентаи дифференсиалӣ дар хочагиҳои шахри Кулоб барои соли 2023

Нишондиҳандаҳо	ХД «Олими Ҳаё»	КТ «МА Ҳамадонӣ»	КТ «Хатлон»	ХД «Бахт - 15»
1.Майдон, га	8,60	490,0	484,0	8,0
2.Балли сифатии хок	63	57	53	60
3.Коэффитсиенти технологӣ	1,0	1,0	1,0	1,0
4.Коэффитсиенти ҳосилнокӣ	1,10	0,95	1,0	0,98
5.Ҳосилнокӣ барои баҳодиҳии замин, с/га	39,0	35,4	33,3	37,5
6.Маҳсулнокӣ барои баҳодиҳии замин, сомонӣ/га	11863,80	10768,68	10129,86	11407,50
7.Харочотҳо барои баҳодиҳии замин, сомонӣ/га	10510,85	9894,21	10112,7	10036,38
аз он ҷумла:				
-барои парвариш, (Хп, 60%)	6060,0	6060,0	6060,0	6060,0
-барои ҷамъоварӣ, (Хҷ, 40%)	4450,85	3834,21	4052,17	3976,38
8.Фоиданокии тафриқавӣ вобаста ба маҳсулнокӣ ва хусусиятҳои технологии хок, сомонӣ/га	1352,95	874,47	17,69	1371,12
9.Фоиданокии тафриқавӣ вобаста ба ҷойгиршавии қитъаи замин, сомонӣ/га	-16,52	-5,3	16,85	8,15
10.Ҳамагӣ фоиданокии тафриқавӣ, сомонӣ/га	1336,43	869,17	34,54	1362,97
11.Нархи миёнаҳисобкардашудаи 1 га замин бо назардошти харочотҳои азхудкунӣ, сомонӣ	66592	62998	56578	66796

Сарчашма: *Ҳисобкуниҳои муаллиф дар асоси ҳисобти солонаи хоҷагиҳои кишоварзии шаҳри Кӯлоб барои соли 2023*

Эзоҳ: Арзиши сармоягаштаи заминҳои кишоварзиро бо тақсими бузургии рентаи дифференсиалии 1 ба бузургии фоизи амонатии миёнаи бонкӣ дар мамлакат, ки ба 13% баробар аст, муайян намудем: 456,3х100%/13% = 3510 сомонӣ). Харочоти миёна барои такористеҳсолкунӣ ва азхудкунии заминҳои кишоварзӣ аз рӯйи меъёр ва бо назардошти тағйирёбии индекси нарх ва мувофиқи мактуби Вазорати мелиёратсия ва хоҷагии оби Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15-уми октябри соли 2008, №2 ЭР-1538 бо баҳисобгирии қурби доллари ИМА ба асъори миллӣ дар моҳи декабри соли 2024-ум ба 56312 сомонӣ баробар аст.

Рентаи дифференсиалии 1 дар ХД «Олими Ҳаё» 1352,95 сомонӣ, дар КТ «МА Ҳамадонӣ» 874,47 сомонӣ, дар КТ «Хатлон» 17,69 сомонӣ ва дар ХД «Бахт - 15» 1371,12 сомониро ташкил медиҳад.

Чуноне мебинем, рентаи бештарро ХД «Бахт - 15» ба даст овардааст, ки нисбат ба дигар хоҷагиҳо зиёд мебошад. Мо пас аз ҳисоб намудани андозаи рентаи замини хоҷагиҳо арзиши сармоягаштаи заминҳои кишоварзиро бо тақсими бузургии рентаи дифференсиалии 1 ба бузургии фоизи амонатии миёнаи бонкӣ дар мамлакат, муайян намуда, баъдан арзиши заминро аз рӯйи хароҷотҳои коркарду истифодаи онҳо ба назар гирифта, инчунин даромади рента ва хароҷоти минималии азхудкуниву беҳтарсозии ҳолати мелиоративии ҳар як гектар заминро арзёбӣ намудан имконпазир аст. Ин нишондиҳанда на танҳо иқтидори иқтисодии заминҳои кишоварзиро нишон медиҳад, балки дар мавриди ба иҷора додани замин, барои ба дигар ҳадафҳо ҷудо намудани он (маслан сохтмон, роҳҳо, ҷӯйбор ва ғайра), инчунин дар мавриди муайян намудани бузургии андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба нақша гирифта мешавад. Миёни хоҷагиҳои таҳлилшуда арзиши заминҳои кишоварзии хоҷагии деҳқонии «Бахт-15» аз ҳама бештар мебошад: ҳар гектари он ба 66796 сомонӣ баробар аст. Дар кооперативи тиҷорати «Хатлон» ин нишондиҳанда нисбатан паст буда, арзиши як гектари он ба 56578 сомонӣ баробар аст.

Мо ин ҷо бузургии рентаи дифференсиалии навъи дуюмро ҳисоб накардем, чунки ба сабаби мавҷуд будани маҳдудиятҳои молиявӣ хоҷагиҳо даст ба истеҳсоли маҳсулоти иловагӣ назаданд. Онҳо фақат ба рентаи дифференсиалии навъи якум, ки вобаста ба шароити табиӣ рӯйи кор меояд, такя намудаанд. Ҳамин тариқ, мо нархи сармоягардидаи замин ва нархи заминро бо назардошти хароҷоти такрористеҳсоли он муайян кардем.

Марҳилаи додашуда, (нигар ба эзоҳ). Дар ин ҷо баландтарин нархи замин дар ХД «Бахт - 15» ба мушоҳида мерасад, зеро бузургии рентаи замин дар миёни дигар хоҷагиҳо аз ҳама зиёд аст.

Муайян намудни рента қабл аз ҳама ба истифодабарандагони замин, иҷоракорон ва сармоягузорон имкон медиҳад, муайян кунанд, ки истифода замин

судовар хоҳад буд ё зарарovар. Ин чунин маъно дорад, ки рентаи замин ҳамчун яке аз омилҳои муҳимми рушди кишоварзӣ баромад мекунад. Сониян, иҷоракор кӯшиш мекунад, ки дар муддати кӯтоҳ фоидаи ҳадди аксарро ба даст биоварад. Бинобар ин вай истифодаи самараноки дигар захираҳоро метезонад, инчунин кӯшиш мекунад, ки қитъаи заминро ҳарчи бештар ба суди хеш мавриди истифода қарор диҳад.

Усули бозории пеш бурдани истеҳсолоти кишоварзӣ ногузир боиси истифодаи оқилонаи замин, паст шудани ҳосилнокии хок ва вайрон шудани сохтори он мегардад. Бинобар он дар ин мавриди танзими давлатии истифодаи замин ногузир аст.

Таҳқиқотчии масоили корҳои баҳодии иқтисодии заминҳои кишоварзӣ Элмуродов Х.З. иброз менамояд, ки корҳои баҳодиҳии иқтисодии заминҳо имконият медиҳанд, ки меъёрҳои воқеии арзиши замин муайян гардида, андози замин вобаста ба сифат ва арзиши замин тафриқа ва ҳисоб карда шавад. Чунин афзалияти усули баҳодиҳӣ, аз як тараф заминистифодабарандагони кишоварзиро уҳдадор ва аз тарафи дигар ҳавасманд мегардонад, ки заминро мувофиқи ҳисилхезии табии хок истифода бурда, андози заминро супоранд ва инчунин, ба самаранок истифодабарии замин мусоидат намояд [113, с. 206]. Мо ба андешаи Элмуродов Х.З. дар бобати баҳодии иқтисодии заминҳои кишоварзӣ ба пуррагӣ рози буда, нақши корҳои баҳодиҳии иқтисодии заминҳои кишоварзиро дар баланд бардоштани самаранокии маҳсулотҳои ҷудогонаи кишоварзии минтақаи таҳқиқоти асосӣ арзёбӣ мекунем.

Дар амалия масъалаҳои назариявии муайян кардани арзиши замин бо масъалаҳои арзёбии иқтисодӣ ва арзиши бозории он то андозае соя меафкананд. Бо дарназардошти аз низоми иқтисодиёти нақшавӣ ба муносибатҳои бозорӣ гузаштан, махсусан дар самти истифодаи замин ва арзёбии бозории замин заминаҳои гуногун, пеш аз ҳама иқтисодӣ ба миён омад.

Таҳлили масъалаҳои вобаста арзёбии қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ ба чунин хулоса оварда расонд, ки имрӯз методологияи ягонаи ҳисоби самаранокии заминҳои кишоварзӣ, ки ба талаботи бозори заминсозӣ ҷавобгӯ бошад, вуҷуд

надорад. Имрӯзҳо дар шароити гузариш ба амсилаи иқтисодии индустриаливию аграрӣ ва суръат бахшидан ба ТИИА (трансформатсияи индустриалии иқтисодиёти аграрӣ) баҳодиҳии арзиши бозории қитъаҳои замини хеле зарур мебошад. Ин имкон медиҳад, ки тамоми доираи иттилооти мавҷуда таҳлил карда шавад ва раванди гузариш ба бозори мутараққии ҳуқуқи моликият ба истифодаи замин боз ҳам пурзӯр гардад. Бинобар он пайдарҳами (алгоритм)-и умумии усули баҳодиҳии қитъаҳои замини кишоварзӣ, ки имкон медиҳад, низоми баландсифати ба бозор нигаронидашудаи арзёбии қитъаҳои замин ҳамчун дороиии асосии корхонаҳои кишоварзӣ ва объекти сармоягузорӣ ба он арзёбии карда мешавад, пешниҳод кардем.

Таҷрибаи пешбурди фаъолияти иқтисодӣ нишон медиҳад, ки баҳодиҳии иқтисодии ҳаминҳои соҳаи кишоварзӣ бо ду мақсад амалӣ карда мешаванд:

1. Муайян намудани арзиши пулии замин, ки дарбаргирандаи ҳами ченакҳои иқтисодии соҳаи кишоварзиро дар худ нишон медиҳад;

2. Интихоб намудани комбинатсияи дараҷаи самаранокии заминҳои соҳаи кишоварзӣ, ки дар навбати худ ба категорияҳои гуногун ҷудо карда мешаванд. Ҳар як категория дар худ ҷузъиётҳои мушаххасро инъикос менамояд ва онҳо вобаста ба хусуситяҳои замин боз тақсим карда мешаванд.

Чунин гуруҳбандӣ имкон медиҳад, ки хароҷотҳои ҳадди ақал ва аксари истифодаи заминҳои соҳаи кишоварзӣ барои ҳар як хоҷагидор муайян гардида, дар натиҷа қуввахои истеҳсолӣ дуруст ва оқилона тақсим карда шаванд. Дар баробари ин, механизми амалкарди танзими давлатии вазъи соҳаи кишоварзӣ боз ҳам шаффоф ва возеҳ барои мақомоти соҳавии танзимкунанда пешниҳод карда шавад.

Бо такя ба услуби олимони ватанӣ нархи майдонҳои кишти хоҷагиҳои шаҳри Кӯлобро муайян намудан имконпазир гардид. «Дар шаҳри Кӯлоб соҳаи кишоварзӣ яке аз соҳаҳои авлавиятдошта дар сохтори умумии иқтисодиёт маҳсуб ёфта, дар он бештар аз 12 намуд маҳсулоти соҳа истеҳсол карда мешавад ва сохтори ҳиссавии он ба нафъи растанипарварӣ рост меояд, ки ҳиссаи он ба андозаи 64%-ро ташкил медиҳад [80, с. 211].

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки солҳои 2019-2023 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар хоҷагиҳои деҳқонии шаҳри Кӯлоб аз 633427 то 810002 ҳазор сомонӣ ва ё беш аз 22,2% афзудааст. Дар сохтори он маҳсулоти растанипарварӣ аз 419480 то 524976 ва ё 25% афзудааст. Аммо, суботи рушди солонаи истеҳсолоти кишоварзӣ чандон устувор намебошад, зеро сатҳи тағйирёбии ин нишондиҳандаҳо аз сатҳи миёнаи рушди маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ баланд мебошад. Сабаби асосӣ ин тадриҷан паст шудани сифати заминҳои кишоварзӣ ва иқтидори иқтисодии онҳо, мебошад. Нишондиҳандаҳои сифатии истеҳсолоти кишоварзӣ миёни хоҷагиҳо низ фарқи калон дорад. Тамоми хоҷагиҳои шаҳри Кӯлоб аслан ба парвариши зироатҳои ғалладонагӣ машғуланд ва бинобар он беш аз 45 фоизи майдонҳои кишти онҳо ба ин зироатҳо ҷудо карда шудааст.

Ҷадвали 3.2. - Ҳолати сохтори майдонҳои кишт дар соли 2023(га)

Нишондиҳандаҳо	С. Назаров	ХД Шароф	Мири Пок	Ёхсу
Майдони кишт	10,4	13	12	15
Аз он ҷумла ғалладонагиҳо	5	6,2	5,5	7,0
Пахта	2,2	2,9	2,4	3,1
Сабзавот	1,7	2,2	1,7	2,3
Полизӣ	0,5	0,5	0,9	1,2
Хуроки чорво	1,0	1,2	1,5	1,4

Сарчашма: *Ҳисобикуниҳои муаллиф дар асоси ҳисоботи солонаи хоҷагиҳои кишоварзии шаҳри Кӯлоб барои соли 2023*

Ҳолати майдонҳои кишти чор хоҷагӣ мавриди таҳлил қароргирифта дар ҷадвали 3.2 оварда шудааст. Чуноне аз маълумотҳои ҷадвал аён аст, соли 2023 дар хоҷагии С. Назаров аз 10,4 гектар майдони кишт 5 гектараш ва ё 48 фоизаш барои парвариши зироатҳои ғалладонагӣ ҷудо карда шудааст. Пахтакорӣ низ соҳаи сердаромад мебошад, бинобар он 21,1 фоизи майдони киштро ин навъи зироат ишғол намудааст. Сабзавот, ки маҳсулоти сердаромад барои хоҷагиҳои наздишаҳрӣ ба ҳисоб меравад, бинобар он пас аз ғалладонагиҳо ва пахтакорӣ дар ҷойи сеюм қарор дорад, яъне 16,3 фоизи майдонҳои киштро ишғол намудааст.

Дар хоҷагии деҳқонии Шароф ғалладонагиҳо 6,2 гектар ва ё 47,6% майдони кишт, пахта бошад, - 22,3 ва сабзавот 13,1 фоизи майдони киштро ишғол намудааст. Дар хоҷагии Мири Пок 45,8 % заминҳои киштро ғалладонагиҳо ва пахта бошад, 20 фоизи майдони киштро ишғол намудааст. Ва ниҳоят хоҷагии

Ёхсу, ки нисбатан хоҷагии пешрафтатар мебошад, дар он 46,6 фоизи майдони кишт барои ғалладонагиҳо ва 20,6 фоиз бошад, ба истеҳсоли пахта ҷудо карда шудааст. Майдони кишти сабзавот ҳам нисбатан ба дигар хоҷагиҳо васеътар буда 2,3 гектар ва ё 15,3 фоизро ташкил додааст.

Чи тавре рақамҳои оморӣ нишон медиҳанд, сохтори истеҳсолии маҳсулотҳои соҳаи кишоварзӣ дар асоси ба роҳ мондани усулҳои анъанавии парвариш сурат гирифта, бештари хоҷагиҳои деҳқонӣ аз мавҷудияти механизмҳои амалкарди раванди таъминоти иттилоотиву таҳлилӣ воқиф гардидаанд, ки ин ба гузариш ба низоми электронии пешбурди фаъолияти иқтисодӣ монеаҳои сунъӣ эҷод менамояд.

Роҳбарони хоҷагиҳо дар масъалаи таҳлил ва арзёбии иқтисодии заминҳои кишоварзӣ мушкилӣ мекашанд, яъне онҳо дар баробари он ки ин қобилиятро надоранд ба ин масъала аслан таваҷҷуҳ зоҳир намекунанд ва аз берун ҳам барои арзёбии вазъи иқтисодии хоҷагии хеш касеро ҷалб намекунанд, яъне то андозае ин корро харҷи беҳуда ва барҳадар мепиндоранд. Албатта бояд иқрор шуд, ки ин ҳама аз надонистани қонунҳои иқтисодӣ сарчашма мегирад. Агар хоҷагидорон каме ба қавонини иқтисодӣ ошно мебуданд, шояд онҳо муносибати хешро нисбат ба муайян кардани арзиши иқтисодии заминҳои кишоварзӣ тағйир медоданд. Дар инҷо меъёрҳои асосии муайян намудани арзиши аслии маҳсулоти бахши аграриро низоми нархгузории он дар ҳамбастагӣ бо механизмҳо ва фишангҳои бозорӣ ташкил медиҳанд.

Аз ин рӯ, бояд ин масъала аз тарафи аксарияти аҳолӣ дарк карда шавад, ки заминҳои кишоварзӣ дороӣ маҳсуб ёфта, овардани даромаду фоида ва сармоягардии онҳо бо механизмҳои бозорӣ вобаста аст. Мо арзиши қиёсии қитъаҳои заминро вобаста бо парвариши зироатҳо ва истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ муайян намудем. Барои ба ин ҳадаф ноил гардидан, пеш аз ҳама, нишондиҳанаҳои истеҳсоли миёнаи маҳсулот дар панҷ соли охир ба назар гирифтани нархҳои бозорӣ ва хароҷоти истеҳсоли маҳсулоти соҳа бо истифода аз маълумоти соли 2023-ро, ҳисоб намудем (ҷадвали 3.3).

Ҷадвали 3.3. - Нишондиҳандаҳои асосии зироатҳо дар хоҷагиҳои ш.Кӯлоб

Кишоварзӣ	Ҳосили меъёрӣ, сен/га	Нарх, сомонӣ/сен	Хароҷоти истеҳсолӣ, сомонӣ/сен
Ғалладонагиҳо	33,2	370	290
Пахта	22,7	1050	770
Сабзавот	310,1	670,4	487,1
Полизӣ	254,1	280	197,3

Сарчашма: *Ҳисобҳои муаллиф дар асоси ҳисоботи солонаи хоҷагиҳои шаҳри Кӯлоб барои соли 2023*

Чуноне аз маълумоти ҷадвали 3.3 бармеояд, ҳосили миёнаи зироатҳо дар панҷ соли охир, ки ба ҳайси ҳосили меъёрӣ қабул карда шуд, чунин аст: ғалладонагӣ 33,2 сен/га, пахта -22,7 сен/га, сабзавот 310,1 сен/га ва полизӣ – 254,1 сен/га. Ин нишондиҳандаҳо дар асоси муайян намудани иқтидори иқтисодии замин ва арзиши бозории он мушаххас карда шудааст. Нархи ҳар як сентнери маҳсулот дар соли 2023 чунин буд: ғалладонагиҳо - 370 сомонӣ, пахта - 1050 сомонӣ, сабзавот - 670,4 сомонӣ ва полизӣ 380 сомонӣ. Хароҷоти истеҳсолӣ ба ҳар як сентнер маҳсулот, низ мувофиқан 290,1, 770, 487,1 ва 197,3 сомониро ташкил дод.

Аз рӯйи ин нишондиҳандаҳо нархи бозории ҳар як гектар майдони киштро вобаста ба парвариши намудҳои маҳсулоти кишоварзӣ муайян намудем, ки он дар ҷадвали 3.4 оварда шудааст.

Чи тавре аз маълумоти ҷадвали 3.4 бармеояд, иқтидори иқтисодии майдони кишти зироатҳои кишоварзӣ дар асоси ҳосили воқеии онҳо аз ҳамдигар фарқ мекунад. Масалан, хоҷагии С. Назаров дар ҳосилнокии ғалладонагӣ баробар ба 35,4 сен/га дар ҳаҷми 2832 сомонӣ даромад гирифтааст, хоҷагии деҳқонии Шароф бошад, бо ҳосилнокии 37,3 сен/га 2947 сомонӣ, ки нисбат ба хоҷагии С. Назаров 115 сомонӣ зиёд мебошад. Хоҷагии Мири Пок бошад, бо ҳосилнокии нисбатан паст, яъне 33,2 сен/га 2656 сомонӣ даромад гирифтааст, ки нисбат ба хоҷагии **С**. Назаров 176 сомонӣ ва нисбат ба хоҷагии деҳқонии Шароф 291 сомонӣ камтар даромад ба даст овардааст. Хоҷагии Ёхсу, ки хоҷагии пешрафтатар мебошад, ҳосинокии он 38,1 сен/га буда, аз қимати миёна қимати хеле баландтаринро соҳиб шудааст, яъне 4,9 сен/га зиёдтар даромад ба даст овардааст.

Ҷадвали 3.4. - Нархи як гектар майдони кишти зироатҳои кишоварзӣ дар асоси ҳосили воқеии онҳо вобаста ба хоҷагиҳо

Нишондиҳандаҳо	Ғалладон агиҳо	Пахта	Сабзавот	Полизӣ
Хоҷагии С. Назаров				
Ҳосилнокии воқеӣ, сен/га	35,4	28,3	314,3	247,1
Нархи фурӯш, сомонӣ/сен	370	1050	670,4	280,0
Маҷмуи даромадҳо, сомонӣ/га	13098	29715	210706,7	69188
Хароҷот, сомонӣ/га	10266	17479	151049	50133,9
Даромад, сомонӣ/га	2832	12245	59666,7	19054,1
Арзиши бозории як га, ҳазор сомонӣ	21,7	94,2	458,9	146,5
Хоҷагии деҳқонии Шароф				
Ҳосилнокии воқеӣ, сен/га	37,3	25,1	308,9	250,2
Нархи фурӯш, сомонӣ/сен	370	1050	670,4	280,0
Маҷмуи даромадҳо, сомонӣ/га	13764	26355	206993,9	70056
Хароҷот, сомонӣ/га	10817	17479	151049	50133,9
Даромад, сомонӣ/га	2947	8876	559449	19922,1
Арзиши бозории як га, ҳазор сомонӣ	22,6	68,2	430,3	153,2
Хоҷагии Мири Пок				
Ҳосилнокии воқеӣ, сен/га	33,2	23,9	311,7	241,2
Нархи фурӯш, сомонӣ/сен	370	1050	670,4	280,0
Маҷмуи даромадҳо, сомонӣ/га	12284	25095	208963,7	67536
Хароҷот, сомонӣ/га	9628	17479	151049	50133,9
Даромад, рента сомонӣ/га, ҳазор сомонӣ	2656	7625	57921,7	17402,1
Арзиши бозории як га, ҳазор сомонӣ	20,4	58,6	445,5	133,8
Хоҷагии Ёхсу				
Ҳосилнокии воқеӣ, сен/га	38,1	25,3	318,9	251,2
Нархи фурӯш, сомонӣ/сен	370	1050	670,4	280,0
Маҷмуи даромадҳо, сомонӣ/га	14897	26565	213790,5	70336
Хароҷот, сомонӣ/га	11049	17479	151049	50133,9
Даромад, рента сомонӣ/га	3848	9086	62741,5	20202,1
Арзиши бозории як га, ҳазор сомонӣ	29,6	69,8	482,6	155,4

Сарчашма: *Ҳисобҳои муаллиф дар асоси ҳисоботи солонаи хоҷагиҳои шаҳри Кӯлоб барои соли 2023*

Даромади хоҷагии Ёхсу аз як гектар майдони кишти зироатҳои ғалладонагӣ 3848 сомониро ташкил додааст, ки нисбат ба хоҷагиҳои қиёсшаванда хеле баланд мебошад. Аз хоҷагии Мири Пок, ки нишондиҳнадаи пастаринро дорад, даромади иловагии 1192 сомонӣ ва ё 44,8% баландро ба даст овардааст.

Чунин ҳолат дар истеҳсоли дигар маҳсулот низ мушоҳида мешавад. Вобаста ба навъи маҳсулоти истеҳсолшуда мо нархи бозории майдони кишти онҳоро муайян намудем. Дар мавриди муайян кардани сатҳи сармоягардии майдони кишт меъёри пасандозҳоро бо пули миллӣ, ки дар мамлакат ба ҳисоби миёна 13 фоизро ташкил медиҳад, ба назар гирифтем. Масалан, арзиши бозории як гектар майдони

кишти ғалладонагӣ дар хоҷагии якум 18,3 ҳазор сомониро ташкил додааст. Мо онро бо таври зайл муайян намудем: даромад 0,13, яъне 2832/0,13 = 21,7 ҳазор сомонӣ.

Арзиши бозории заминҳои кишоварзии хоҷагиҳо аз рӯйи ҳосилнокии воқеии (сомонӣ/га) онҳо дар ҷадвали 3.5 ҷамъбаст намудем.

Маълумотҳои ҷадвали 3.5 нишон медиҳад, ки хоҷагии чорум аз рӯйи арзиши бозории майдони кишти зироатҳо нисбат ба дигар хоҷагиҳо хеле баланд мебошад. Яъне иқтидори иқтисодии майдонҳои кишт нисбат ба дигар хоҷагиҳо баланд арзёбӣ карда мешавад. Танҳо дар истеҳсоли пахта арзиши замини ин хоҷагӣ аз хоҷагии якум каме паст мебошад.

Ҷадвали 3.5. - Арзиши бозории заминҳои кишоварзии хоҷагиҳо аз рӯйи ҳосилнокии воқеӣ (ҳазор сомонӣ/га)

Зироатҳои кишоварзӣ	С. Назаров	ХД Шароф	Мири Пок	Ёхсу
Ғалладонагиҳо	21,7	22,6	20,4	29,6
Пахта	94,2	68,3	58,6	69,9
Сабзавот	458,9	430,3	445,5	482,6
Полизӣ	146,6	153,2	133,8	155,4

Сарчашма: *Ҳисобҳои муаллиф дар асоси ҳисоботи солонаи хоҷагиҳои шаҳри Кӯлоб барои соли 2023*

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки нархи майдони кишти маҳсулоти полизӣ нисбатан баландтар аст, зеро даромаднокии он нисбат ба дигар майдонҳои кишт ва инчунин сатҳи молиявии ин маҳсулот нисбатан баландтар мебошад. Дар сурати муайян намудани арзёбии иқтидори иқтисодии замин, махсусан дар соҳаи кишоварзӣ ҳангоми мубодилаи ҳуқуқи моликияти заминистифодабарандагон ва муайян намудани арзиши иҷорапулӣ кумак мерасонад.

Бояд қайд намуд, ки зариби сармоягардиро мо дар сатҳи минималӣ, яъне 13% қабул намудем, дар мавриди интизории зуҳури хавфу хатар бузургии мукофотро барои он масалан дар сатҳи 3% низ метавон ба коэффитсиенти сармоягардӣ илова намуд: агар мукофот барои хавф 3% қабул шавад, пас зариби сармоягардӣ ба 16% (13%+3%) баробар мешавад.

Дар диссертатсия қайд мегардад, ки баҳодиҳии давлатии кадастрии заминҳои кишоварзӣ барои муайян кардани ченакҳои арзишии бақайдгирии заминро аз ҳисоби фоидаи иҷоравии замин барои субъектҳои хоҷагидор нишон

дода, маълумотҳои солҳои қаблиро дар асоси хароҷотҳои сметавии истифодаи 1 гектари замини кишоварзӣ муайян менамоянд. Дар ин ҷода бояд дастури нав оид ба баҳодиҳии давлатии кадастрии заминҳои кишоварзӣ тасдиқ карда шавад.

Олими ватанӣ Х.З. Элмуродов қайд менамояд, ки: «...методикаи баҳодиҳии кадастрии давлатӣ моҳиятан статикӣ ва инерсионӣ буда, тағйирпазирии муносибатҳои имрӯзро дар бозори маҳсулоти кишоварзӣ ба вуҷудояндаро инъикос намекунад» [122, с. 45]. Аз гуфтаҳои боло бар меояд, ки барои нисбатан суръатбахшии ҳолати кадастрӣ, яъне раванди бақайдгирии амволи давлатӣ таъсис додани механизми институтсионалии (ниҳодии) назорати нархҳои маҳсулоти кишоварзӣ ва дастрасиро ба ин иттилоот барои ҳамаи шахсони манфиатдор мувофиқи мақсад аст. Аз ин рӯ, таҳқиқоти бунёдии олими ватаниро мавриди омӯзиш қарор дода, дар ин асос таъсиси низом (кластер)-и ягонаи иттилоотиву таҳлилии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзро дар амал татбиқ намудан зарур шуморида мешавад.

Тартиби гузарондани арзёбии кадастрии заминҳои кишоварзӣ шомили иҷрои марҳилаҳои муфассал ва рӯйхати сомонаҳо, ки аз ҷониби шуъбаҳои минтақавии заминсозӣ тартиб дода мешаванд, зарур аст, ки инъикосгарди маълумотҳои иттилоотиву таҳлилии заминҳои кишоварзӣ бошанд ва бо маълумотҳои шуъбаҳои минтақавии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат накунанд. Баръакс, ҳамаи маълумотҳо бояд якдигарро пурра намоянд. Ин ҳолат ба он оварда мерасонад, ки базаи ягонаи маълумотҳои минтақавии соҳавӣ, яъне барои соҳаи кишоварзӣ таъсис дода шавад. Бояд тазаккур дод, ки мавҷудияти чунин базаи маълумотҳо шарти асосии таъсиси низом (кластер)-и ягонаи иттилоотиву таҳлилии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ маҳсуб меёбад.

Дар баробари гуфтаҳои болоӣ, маврид ба зикр аст, ки дар вилояти Хатлон баҳри пешбурди фаъолияти иқтисодӣ дар соҳаи кишоварзӣ дастурамалҳои мушаххас мавҷуданд ва субъектҳои фаъолияти иқтисодӣ, яъне хоҷагидорон ба ҷойи истифодаи маълумотҳои воқеӣ оид ба ҳосили зироатҳо дар давраи муайян ва хароҷоти парвариши онҳо нишондиҳандаҳои ҳосилнокии меъёрӣ (аз рӯйи

хосиятҳои хок) ва харочоти стандартие, ки дар асоси харитаҳои технологӣ ҳисоб карда шудаанд, истифода бурда мешавад. Киштгардонии заминҳо яке аз роҳҳои беҳтарини истифодаи самараноки қитъаҳои замин маҳсуб меёбад, ки вобаста ба номгӯйи зироатҳо меъёрҳои агроиқлимӣ, дароманокӣ ва шароитҳои экологӣ амалӣ карда мешавад. Дастурҳои ба тасвиб расида дар асоси ҳисоб намудани нишондиҳандаҳои фоидаи соҳибкор ва зариби капитализатсияро барои қитъаҳои замин дар минтақаҳои муайян мушаххас мекунанд.

Яке аз хусусиятҳои асосии танзими давлатии соҳаи кишоварзӣ ҷамъоварии маблағҳои пулии субъектҳои фаъолияти иқтисодӣ дар шакли андозҳо дар назар дошта мешаванд ва онҳо аз ҳисоби истифодаи қитъаҳои замин ситонида мешаванд. Аз инҷо бар меояд, ки ҳангоми муайян кардани арзиши кадастрии заминҳои кишоварзӣ ба миён омадааст ва ин тамоюл ба харочоти истеҳсолии аз ҷиҳати иҷтимоӣ муътадил нисбат ба заминҳои бадтарини истифодашавандаро (ба ном харочоти пӯшида) дар назар дошта мешавад. Чунин ғояи илмӣ бо назарияи рентавии поягузори мактаби маркистӣ, яъне К. Маркс мутобиқ гардонида мешавад. Баъзе аз муҳаққиқони хориҷӣ бар он назаранд, ки нархи маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ на барои ҳамаи субъектҳои фаъолияти иқтисодӣ, яъне хоҷагидорон якзайл арзёбӣ карда мешавад. Бо ибораи дигар нархе, ки онро нархи бозорӣ менаманд ва он барои молфурӯш фоидаи иқтисодӣ меорад, на ҳама вақт барои истеъмолкунандаи маҳсулот мувофиқ аст, яъне барои истеъмолкунанда харочотҳои иловагии хоҷагидор, ки бо арзиши кадастрии замин ва ҳолати заминҳои кишоварзӣ рабт доранд, ба инобат гирифта намешаванд [34, 96]. Аз инҷо бар меояд, ки механизми танзими давлатии муносибатҳои иқтисодии замин вобаста ба замин натанҳо манфиатҳои истеҳсолкунанда, инчунин манфиатҳои истеъмолкунандаро низ бояд дар назар дошта бошад. Чунки риояи принсипҳои истеҳсоли маҳсулот бо арзиши мутобиқ ба стандарти давлатӣ бояд манфиатҳои истеъмолкунандаро низ дар бар гирад. Ин корро дар натиҷаи татбиқи механизми раванди иттилоотиву таҳлилӣ метавон мушоҳида намуд. Илова бар ин барои баланд бардоштани самаранокии замин маҷмуи иқтидорҳои ҷойдоштаи заминҳои

соҳаи кишоварзӣ ва табиат дар якҷоягӣ ҳисоб карда мешаванд. Чунин ҳолатро дар натиҷаи таҳқиқотҳои олимони хориҷӣ, аз қабили [89, с. 5] дидан мумкин аст.

Таҳқиқи фикру мулоҳизаҳои иқтисодчиён нишон медиҳад, ки самаранокии заминро бо такя ба ин нишондиҳандаҳо муайян кардан мумкин аст, яъне истифодаи ин усул барои муайян кардани самаранокии замин ба мақсад мувофиқ мебошад. Ҳосилхезии хок асоси эътимоднокии арзёбии иқтисодӣ мебошад. Арзёбии иқтисодии замин ба аз нав ҳисоб кардани заминҳои кишоварзӣ ба гектарҳои кадастрӣ асос ёфта, имкон медиҳад, ки арзёбии воқеии смаранокии замин анҷомдода шавад. Дар чунин ҳолат хокҳои ҳосилхезро ба ҳам мувофиқ кардан имконпазир мегардад.

Дар хулосаи зербоби мазкур метавон қайд намуд, ки танзими давлатии муносибатҳои иқтисодии марбут ба замин ва дар ин асос афзоиш додани дараҷаи самаранокии он имкон дод, ки ҳангоми ҳисоб намудани дараҷаи даромаднокии фаъолияти иқтисодии вобаста ба замин дар ҳар як қитъаи алоҳида бояд амалӣ карда шавад. Дар инҷо мавқеи асосиро даромаднокӣ аз ҳар як гектари замини кишоварзӣ ташкил медиҳад. Барои ба эътидол овардани ин раванд, ё ин ки ҷараёни иқтисодӣ зарурати истифодаи механизмҳои иқтисодӣ ба вуҷуд меояд. Яке аз чунин механизмҳои амалкард ин андозаи даромади «эҳтимолӣ» ба ҳисоб меравад, он аз як ҷониб аз ҳисоби хусусиятҳои мавсимии табиат марбут ба замин вобаста буда, аз ҷониби дигар аз дараҷаи таъминоти иттилоотиву таҳлили фаъолияти иқтисодӣ. Аз инҷо бар меояд, ки истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ натанҳо аз мавҷудияти иқтидори иқтисодии соҳаи кишоварзӣ, инчунин, ба ҷалби маблағҳои иловагии пешбурди фаъолияти иқтисодӣ низ вобастагӣ дорад.

Дар таҳқиқот хулоса гардидааст, ки фарқияти махсус байни дараҷаи самаранокии истифодаи замини соҳаи кишоварзӣ ва дараҷаи самаранокии танзими фаъолияти иқтисодии соҳа вобаста ба хусусиятҳои минтақавии он ҷой дорад. Давлат ҳамчун субъекти асосии танзимкунандаи фаъолияти иқтисодӣ диққати асосиро баҳри ба эътидол овардани вазъият бояд ба механизмҳои инфиродии субъектҳои хоҷагидор равона намояд. Чунки таҷриба собит месозад,

ки дар вилояти Хатлон бештари субъектҳои фаъолияти иқтисодӣ аз воситаҳо ва олотҳои анъанавии дараҷаи самаранокӣ васеъ истифода менамоянд. Барои вазъиятро куллан дигаргун намудан давра ба давра воситаҳои истифодагардида бояд тағдиди назар карда шавад. Ин раванд танҳо дар асоси низоми ягонаи иттилоотиву таҳлилии дараҷаи самаранокии соҳаи истеҳсоли маҳсулотҳои соҳаи кишоварзӣ ҷой дошта метавонад. Илова бар ин ба эътидол овардани таносубҳои соҳавӣ ва дохилисоҳавӣ вазифаи бевоситаи давлат ҳамчун субъекти танзимкунанда ба ҳисоб рафта, тақозо менамояд, ки ҳамаи фондҳои махсусгардонидашудаи фаъолияти хоҷагидорон бояд бозбинӣ карда шаванд. Ин имкон медиҳад, ки марҳилаи нави муносибатҳо дар асоси механизмҳои иттилоотиву таҳлилӣ барои соҳаи кишоварзӣ таҳия ва мавриди истифода қарор дода шаванд. Набояд фаромӯш кард, ки замин ҳамчун унсури асосӣ ва муҳими раванди истеҳсолот таъсири дигар омилҳоро танҳо дар асоси ҳамбастагӣ ва ҳамгироии фаъолияти иқтисодии субъектҳо инъикос менамояд ва муайян намудани мушкилот ва муаммоҳои рушди умумии иқтисодӣ танҳо аз ҷониби давлат ҳангоми таҳия ва коркарди механизмҳои амалкарди он ошкор карда мешавад.

3.2. Такмили механизми таъминоти иттилоотиву таҳлилии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ

Мукаммалгардонии вазифаҳои ташаккули низоми таъминоти иттилоотии идоракунии такрористеҳсоли иқтидори иқтисодии заминҳои кишоварзӣ имкон медиҳад, ки захираҳои иттилоотии зарурирo барои таҳияи қарорҳои муассир доир ба баланд бардоштани иқтидори иқтисодии онҳо ва татбиқи вазифаҳои умумӣ ва мушаххаси идоракунии заминҳои кишоварзӣ алоқаманданд таъмин карда шавад. Дар маҷмуъ, идоракунӣ маъмулан дар шакли таъсирасонии мақсадноки бошууронаи субъектҳо ба объектҳои идоракунӣ мавриди омӯзишу баррасӣ қарор дода мешавад. Танзми давлатӣ яке аз унсурҳои асосии идоракунӣ буда, дар худ таъсири бевоситаи як фишангро ба ҳолати иқтисодӣ нишон дода, фаъолияти субъектҳои иқтисодиро ба эътидол меорад. Вобаста ба дараҷаи рушди иқтисодиёти аграрӣ ва мақсадҳои сиёсати аграрӣ давлат кӯшишҳои худро ба

идоракунии низоми заминсозӣ ва беҳтар намудани иқтидори иқтисодӣ ва ҳолати истифодаи заминҳо равона мекунад. Бинобар он барои мукаммалгардонии таъминоти иттилоотиву таҳлилии ташкилу идоракунии самараноки системаи заминистифодабарии кишоварзӣ зарурати таъсиси кластери ягонаи иттилоотиву таҳлилии замин асоснок карда шудааст.

Дар доираи иқтисодиёти кишоварзӣ механизмҳои амалкарди иқтисодӣ зиёданд ва онҳоро вобаста аз таъсири омилҳои гуногун мавриди истифода қарор медиҳанд. Дар ин хусус, олими ватанӣ Ҳ. А. Одинаев таъкид менамояд, ки «...истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ имкониятҳои иқтисодии соҳаи кишоварзиро дар асоси механизми иқтисодӣ-экологии танзими захираистифодабарӣ барои соҳаи кишоварзӣ беҳтар месозад» [119, с. 25]. Аз гуфтаҳои олими ватанӣ бар меояд, ки соҳаи кишоварзӣ зери таъсири бевоситаи механизмҳои иқтисодӣ ва экологӣ қарор дошта, ба мавҷудияти иқтидорҳои иқтисодӣ, шакл ва намудҳои замин ва ҳолатҳои табиии он вобастагӣ дорад.

Бояд гуфт, ки дар ҷумҳурӣ замин моликияти истисноии давлат буда, дар ихтиёри он беш аз 3683,5 ҳазор гектар заминҳои кишоварзӣ мавҷуд мебошад. Аммо дар қиёс бо дигар кишварҳои пешрафтаи олам муддати тулоние мешавад, ки истифодаи самараноки он чандон ба роҳ монда нашудааст.

Заминҳои кишоварзӣ барои истифода ба хоҷагиҳои гуногуни соҳаи аграрӣ вобаста шудаанд. Давлат барои онҳое ҳуқуқи истифодаву ихтиёрдории заминҳоро муайян намудааст, ки онҳо дар шароити иқтисоди бозорӣ бештар бо усулҳои иқтисодӣ дар ҳамоҳангии мувофиқ фишангҳои маъмурӣ (низоми маҳдудиятҳои қонунӣ ва меъёрӣ) ҷиҳати танзими фаъолияти истифодаи заминҳои кишоварзӣ ва гардиши онҳоро ба кор мегиранд. Аввалан «қоидаҳои бозӣ» барои ҳамаи субъектҳои дар муносибатҳои замин иштироккунанда мутобиқ ба сиёсати марбут ба замин роҳандозӣ карда мешавад. Бояд дар назар дошт, ки таъмини фаъолияти субъектҳои фаъолияти хоҷагидор дар соҳаи кишоварзӣ ба заминҳои дорои иқтидори баланди иқтисодӣ ва сармоягадӣ, инчунин заминҳои обие, ки имконияти такрористеҳсолиро доранд, амалӣ мешавад. Иқтидори иқтисодии

заминҳои обӣ асоси пешрафти истеҳсолоти кишоварзӣ ва таъмини амнияти озуқавории мамлакат ба ҳисоб мераванд.

Соли 2023 дар мамлакат 766 ҳазор гектар заминҳои обӣ дар ихтиёри корхонаҳои кишоварзӣ қарор дошт, ки нисбат ба соли 2010 беш аз 22 ҳазор гектар зиёд шудааст (расми 3.1). Заминҳои обӣ дар мамлакат 88,9 фоизи майдонҳои кишти мамлакатро ташкил медиҳанд.

Новобаста аз тамоюли васеъ гаштани заминҳои обӣ ва майдони кишт дар мамлакат ва вилояти Хатлон, аммо ҳоло ҳам қисмати бештари заминҳои кишту ҳосилхез аз гардиши кишоварзиву муомилоти иқтисодӣ берун мондаанд. Дар инҷо муаммои асосӣ ҷалби маблағҳои пулӣ, ки барои васеъ намудани фаъолияти соҳаи кишоварзӣ равона карда мешаванд, лозим аст. Дар баробари ин, мавқеи махсусро раванди тағйирдиҳии механизмҳои иқтисодии истифодаи заминҳои кишоварзӣ ташкил медиҳанд ва асоси онро воситаҳои пулии соҳибмулкон ташкил медиҳанд. Таъкид намудан зарур аст, ки ҳамаи механизмҳои раванди таъминоти иттилоотиву таҳлилӣ дар худ ҷалби маблағҳои молиявиро инъикос менамоянд.



Расми 3.1. - Динамики заминҳои обӣ дар мамлакат (ҳаз. га)
Сарчашма: *Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. - Душанбе, 2024. -С. 277.*

Бояд дар назар дошт, ки истифодаи самараноки замин, ки аз ҷониби субъектҳои хоҷагидор сурат мегирад, дар асоси роҳандозии принсипҳои иқтисоди бозорӣ ва равишҳои муосири иқтисодӣ, яъне рафтори иқтисоди амалӣ карда мешаванд. Дар чунин ҳолатҳо соҳаи кишоварзӣ муносибатҳои иқтисодиро ба он тарзе нишон медиҳад, ки манфаитҳои субъектҳо пурра ба инобат гирифта

мешаванд. Масалан, тақсими заминро аз соҳибони моликият ба дараҷаи самаранокии фаъолияти онҳо мутобиқ сохта, хусусиятҳои минтақаҳои давлат аз нуқтаи назари арзишҳои озод (либералӣ) самарае ба бор меовард ва он натиҷаи муфидро ба бор меорад. Дар мисоли вилояти Хатлон, ки фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ нисбатан хурд арзёбӣ карда мешаванд, он субъектҳое, ки заминҳоро ба манфиати худ мавриди истифоа қарор медиҳанд, бинобар ҷой доштани монеаҳои сунъӣ бо душвориҳо дучор мегарданд. Фарз карда мешавад, ки хоҷагии деҳқонӣ ҳангоми пешбурди фаъолияти иқтисодӣ дар ҳудуди замини дар ихтиёрдошта он фаъолияти иқтисодиеро ба роҳ мемонад, ки дар нақшаи тавлиди молу маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ, ки аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллӣ ҷой дода нашудааст, он ҳамчун маҳсулоти изофа ҳисобида мешавад. Дар чунин ҳолатҳо фаъолияти чунин субъекҳо мусбӣ арзёбӣ мегарданд ва он боис мегардад, ки нақшаи таҳиягардидаи мақомоти маҳаллӣ дар солҳои минбаъда дигаргун карда шавад. Ин ҳолат ба он оварда мерасонад, ки ҳудуди қитъаҳои замин, ки дар гурӯҳбандии субъектҳои хоҷагидор ба калон, миёна ва хурд ҷойгир шудаанд, тағйирот ворид карда шавад.

Олимони ватанӣ ҷанбаҳои гуногуни истифодаи самараноки заминҳои кишоварзиро мавриди таҳқиқ қарор дода, таъкид менамояд, ки механизми иқтисодии танзими давлатии фаъолияти субъектҳои хоҷагидори соҳаи кишоварзӣ дар асоси танзими давлатӣ ба роҳ монда шуда, таъсири иқтисодии давлат дар истеҳсолот, коркард ва фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ, ашёи хом ва ғизо, инчунин хизматрасониҳои истеҳсолӣ, техникӣ ва дастгирии моддию техникии истеҳсолоти кишоварзӣ мебошад. Татбиқи он, муътадилии истеҳсолоти кишоварзӣ ва ноил гардиданро ба амнияти озуқавории кишвар таъмин намуда, заминаҳои мусоидро барои баромади комплекси агросаноатӣ аз буҳрон ва баробаршавии даромадҳои коргарони соҳаи кишоварзиро ба дигар соҳаҳои иқтисодиёт бунёд месозад [94, с. 250]. Дуруст аст, ки асоси дастгирии давлатӣ ва танзими фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ ба ташкили заминаи иқтисодӣ барои пешбурди фаъолияти иқтисодӣ дар соҳаи кишоварзӣ, ташаккули мақсад авлавиятҳои стратегӣ, арзишҳои иқтисодӣ ва интихоби самти фаъолият ба ҳолати тавозунии арзаю тақозои бозорӣ ба

маҳсулотҳои кишоварзӣ ва танзими муносибатҳои пулӣ, ки дар соҳаи кишоварзӣ сурат мегиранд, алоқамандии зич дорад.

Олими дигари тоҷик Х.З. Элмуродов дар таҳқиқоти илмии худ қайд менамояд, ки «...Баланд бардоштани самаранокии низоми идоракунии давлатии захираҳои замин сохтори ниҳодии (институсионалии) идоракунии марказонидаро талаб мекунад. Ташаккули асосҳои ҷузъи қарзӣ ва молиявии қарздиҳии ипотекӣ дар ҷумҳурӣ бояд низоми барасмиятдарории ибтидоӣ, ташаккули заминаи ташкилӣ-молиявӣ ва стандартикунонии ипотекаро дар бар гирад» [122, с. 78]. Дар инҷо мавқеи махсус ба низоми идоракунии захираҳои замин ҳамчун механизми амалкарди ҷалби усулҳои гуногуни сармоягузорӣ дода мешавад ва ҳолати истифодаи заминро нишон медиҳад.

Дар минтақаҳои кишоварзии интенсивии вилояти Хатлон, махсусан, водии Вахш, ки ба он заминҳои кишоварзии серҳосил хос мебошанд ва барои ҷалби сармоя ҷолиб мебошанд, бештари заминҳои соҳаи кишоварзӣ ва, дар умум, бахши аграрӣ доро қитъаҳои калони заминҳо буда, муҷтамаи агросаноатӣ сол ба сол рушд карда истодааст. Бояд дар назар дошт, ки механизмҳои истифодашаванда дар ҳудуди минтақаи мазкур аз ҳисоби мақомотҳои соҳавии танзимкунандаи фаъолият, яъне мақомотҳои иҷроияи маҳаллӣ ба эътидол оварда шудаанд. Дар баробари ин, ҳангоми таҳияи барномаҳои рушди минтақавӣ фаъолияти ҳамаи субъектҳои хоҷагидор, яъне хоҷагиҳои деҳқонӣ ва фермерӣ ба инобат гирифта шудаанд. Ҳолатҳои кам вомехӯранд, ки субъекти хоҷагидор таъйиноти замини соҳаи кишоварзиро дигаргун менамояд. Бо ибораи дигар ба ҷой лӯбӣ, дигар маҳсулотро дар замин парвариш менамояд.

Мавқеи махсусро ҳангоми пешбурди фаъолияти иқтисодии субъектҳои соҳаи кишоварзӣ тезонидани раванди такрористеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзӣ дар асоси инҳисорот, ки соҳибмулки он танҳо давлат мебошад, ташкил медиҳад. Дар баъзе аз намудҳои фаъолияти иқтисодӣ ва қитъаҳои муайян давлат мавқеи инҳисориро доро буда, имкониятҳои бахши хусусиро маҳз дар ҳамин самт маҳдуд менамояд. Ёдовар шудан бомаврид аст, ки чунин тачриба дар дигар давлатҳои тараққикардаи сатҳи байналмилалӣ низ ҷой дошт. Ин намуди механизми

иқтисодӣ баҳри иҷрои бандҳои алоҳидаи барномаҳои давлатии дарозмуддат роҳандозӣ карда мешавад. Масалан, афзоиши ҳиссаи соҳаи кишоварзӣ аз ҳисоби чорводорӣ дар минтақаи муайян набояд аз 20% кам бошад ва ғ.

Расми 3.2. - Унсурҳои низомии идораву ташкили такрористеҳсоли заминҳои кишоварзӣ

Сарчашма: *таҳияи муаллиф*

Ба ҳайси механизми амалкарди таъминоти иттилоотиву таҳлилии дараҷаи самаранокии фаъолияти иқтисодӣ дар соҳаи кишоварзӣ мавқеи махсусро сарватҳои табиӣ ташкил медиҳанд ва таври назаррас пайдарҳамии он бояд ҷудо карда шавад (расми 3.2). Қисматҳои муҳимми механизми амалкарди болоӣ иборат аз ташаккули раванди такрористеҳсол ва дар пояи он ба роҳ мондани низоми идоракунӣ маҳсуб меёбад. Қайд кардан зарур аст, ки унсурҳои асосии низоми идоракунӣ метавонанд ба ҳайси механизмҳои алоҳида баромад намоянд, лекин бинобар мавҷуд набудани маълумотҳои омории базавӣ, баррасии ҳар яки онро дар шакли механизми иқтисодӣ зарур шуморидан имконнозари арзёбӣ карда мешавад. Илова бар ин ҳангоми ташкили такрористеҳсоли васеъ низоми идоракунӣ метавонад шакли сохтории худро аз ташаккули такрористеҳсолоти одӣ дигаргун намояд. Чунки на ҳамаи унсурҳои он дар алоҳидагӣ дар соҳаи кишоварзӣ пурра ба

инобат гирифта мешавад. Аз инҷо бар меояд, ки такрористеҳсоли васеи соҳаи кишоварзӣ он қитъаҳои заминро дар назар дорад, ки онҳо танҳо барои истеҳсол ва тақсимоти он тааллуқ доранд. Бо ибораи дигар, дар таркиби онҳо раванди мубодила ҷой гирифта наметавонад. Чунки маҳсулот ҳангоми унсури тақсимот истеъмол карда мешавад.

Таҷдиди такрористеҳсоли замин ҳам мисли ҳар як раванди фаъолияти хоҷагидорӣ бояд идорашаванда бошад, ки ташкили идоракуниро талаб мекунад. Таҷриба нишон медиҳад, идоракунии захираҳои замин ва баланд бардоштани иқтидори иқтисодии он муҳим арзёбӣ гардида, талаб менамояд, ки соҳибони замин ва истифодабарандагон таҳти идораи як шахс қарор дошта бошанд. Таҳқиқоти мо нишон дод, ки бештар аз 20% хоҷагиҳои фермерӣ заминҳои кишоварзии худро ба дигар кишоварзон вогузор кардаанд. Дар ин робита, тақвият ва мустаҳкам намудани нақши мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар танзими ҷараёни истифодаи заминҳое, ки ҳуқуқи истифодаи ин заминҳои дар ҳудудии онҳо қарор дошта, ба соҳибони воқеии онҳо вогузор карда шудааст, зарур мебошад. Мақсади идоракунии давлатии заминҳои таъйиноти кишоварзӣ таъмини бозори озуқа аз ҳисоби истифодаи иқтидори иқтисодии замин, самаранокии иқтисодӣ аз руйӣ ҳосилнокии замини соҳаи кишоварзӣ ва рушди низоми мувофиқи муносибатҳои рентавӣ дар минтақаҳои деҳот, инчунин таҳияи механизми идоракунии захираҳои замин миёни ҳамаи субъектҳои истифодабарандагони замин мебошад.

Мо ҷонибдори андешаҳои донишмандони рус ва тоҷик аз қабили А. А. Варламов, В. Ф. Приходко, Д. А. Шаповалов, Р. Носиров, Р.Р. Раҳматзода, И. Ҳ. Самандарзода мебошем, чунки дар таҳқиқотҳои олимони болозикр маҳз замин омили калидӣ ва асосии рушди иқтисодии сатҳи минтақавӣ дониста мешавад[84, 85]. Масалан, А.А. Варламов қайд менамояд, ки «...заминсозию хоҷагидорӣ, экология, амнияти озуқаворӣ, иқтисодӣ ва экологӣ, рушди иҷтимоӣ ва ё тағйироти институтсионалӣ, экологияи оила ва тарбия, фарҳанг ва ё тиҷорат ва монанди инҳо бо ҳам алоқаманд мебошанд» [65, с. 24].

И.Ҳ. Самандарзода қайд менамояд, ки: «...хусусиятҳои муносибати замин зарурати истифодаи низоми муайяни принсипҳои идоракунии захираҳои заминро дар назар дорад. Ба ақидаи ӯ, дар маҷмуъ, онро дар сатҳи буриши принсипҳои умумӣ ва хусусӣ мавриди баррасӣ қарор додан ба мақсад мувофиқ мебошад» [102, 103]. Аз гуфтаҳои ӯ бар меояд, ки ҳангоми пешбурди фаъолияти иқтисодии марбут ба замин мавқеи махсусро маҷмуи принсипҳо ташкил медиҳанд, ки онҳоро мебоист ба қисматҳои алоҳида ҷудо намуд. Ба андешаи мо, гурӯҳбандии принсипҳо бояд чунин пайдарҳамиро дар худ инъикос намоянд:

- ✓ бартарӣ додан ба раванди танзими давлатии фаъолияти иқтисодии субъектҳои хоҷагидори соҳаи кишоварзӣ;
- ✓ мавқеъгирии минтақаҳо вобаста аз мавҷудияти захираҳои иқтисодӣ ва табиӣ;
- ✓ истифодаи самараноки заминҳои соҳаи кишоварзӣ дар асоси принсипи «самаранокӣ»;
- ✓ ягонагӣ ҳамчун асоси танзими давлатии фаъолияти иқтисодии субъектҳои заминистифодабаранда;
- ✓ ҳамгироии иқтисодии фаъолияти субъектҳои намудҳои фаъолияти иқтисодӣ дар соҳаи кишоварзӣ;
- ✓ хусусиятҳои даврии истифодаи самараноки заминҳои соҳаи кишоварзӣ вобаста ба марҳилаҳои рушди иқтисодӣ дар соҳа;
- ✓ ба эътидол овардани муносибатҳои субъектҳои иқтисодии соҳаи кишоварзӣ дар асоси ошкорсозии таносубҳои соҳавӣ ва байнисоҳавӣ (масалан, соҳаи кишоварзӣ ва саноат);
- ✓ таҷдиди сохтори амудии идоракунии муносибатҳои субъектҳои иқтисодӣ дар соҳаи кишоварзӣ;
- ✓ мутамарказ гардонидани фаъолияти мақомоти танзимкунандаи соҳаи кишоварзӣ;
- ✓ васеъ намудани салоҳиятҳои субъектҳои хоҷагидори соҳаи кишоварзӣ (хоҷагиҳои деҳқонӣ ва фермерӣ);

- ✓ ба эътидол овардани ҳисобҳои муҳосибии молиявии субъектҳои хоҷагидор;
- ✓ ташкили маркази ягонаи иттилоотиву таҳлилии соҳаи кишоварзӣ дар асоси таъсиси низом (кластер)-и ягонаи иттилоотиву таҳлилии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ;
- ✓ дуруст ба роҳ мондани мониторинги иҷрои корҳои банақшагирифташудаи субъектҳои иқтисодии соҳаи кишоварзӣ.

Гуфтаҳои болоро хулоса карда, метавон қайд кард, ки хусусиятҳои истифодаи заминҳои кишоварзӣ ва такрористеҳсоли онҳо метавонад дар доираи барномаҳои рушди иҷтимоиву иқтисодии сатҳи минтақавӣ мавриди истифода қарор дода шаванд. Агар барномаи миёнамуҳлати рушди иҷтимоиву иқтисодӣ тарҳрезӣ карда шавад, пас зарурати истифодаи механизми амалкарди он дар асоси васеъшавии фаъолияти солонаи субъектҳо бояд амалӣ карда шавад. Дар давраи дарозмуддат бошад, пас зарур аст, ки низоми ягонаи иттилоотиву таҳлилӣ амалӣ карда шавад. Чунин ғояи илмӣ ба он оварда мерасонад, ки вазифаҳое, ки дар доираи барномаҳои миёнамуҳлат дарҷ мегарданд, бояд бо вазифаҳои барномаи дарозмудат мухолифта накунанд, баръакс якдигарро пурра намоянд. Ин ҳолат ба он оварда мерасонад, ки ҷузъиётҳои фаъолияти иқтисодӣ низ дигаргун карда шаванд. Масалан, кадастри замин, ки ҳолати ҳисоби кадастри на ҳамаи қитъаҳои заминҳои кишоварзӣ дар вилояти Хатлон ба он ворид карда шудаанд, яъне аксари истифодабарандагони замин ба қайд гирифта нашудаанд ва онҳо соҳибони қонунӣ маҳсуб намеёбанд. Агар қисмати асосии фондҳои давлатии заминҳои кишоварзӣ дар ҳисоби кадастр ба қайд гирифта нашуда бошад, пас зарур аст, ки мақомотҳои давлатӣ онҳоро дар доираи барномаи миёнамуҳлат ҳамроҳ намоянд.

Барои ҳаллу фасли ин масъала ҳамаи мақомоти давлатии масъул вазифадоранд, ки дар кӯтоҳтарин муҳлат бақайдгирии ҳамаи категориҳои заминҳои кишоварзӣ ва ҳудудбандии ҳамаи қитъаҳои заминҳоро ташкил намуда, механизми маблағгузорӣ ин ҳудудбандиро таҳия намоянд. Бояд дар назар дошт, ки механизми таъминоти иттилоотиву таҳлилии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ барои иқтисодиёти вилояти Хатлон дар асоси таъсири бевосита ва

бавоситаи дигар фишангҳо амалӣ карда шаванд. Ин ҳолат ба он оварда мерасонад, ки ислоҳот дар соҳаи кишоварзӣ, махсусан, ислоҳоти замин дигаргуниҳои худро дар ҳамаи зинаҳои фаъолият амалӣ месозад.

Дар таҳқиқот таъкид мегардад, ки он масъалаҳое, ки дар соҳаи кишоварзӣ вобаста ба фаъолияти иқтисодии субъектҳои хоҷагидор алоқамандӣ доранд, натанҳо дар доираи санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, инчунин аз ҳисоби механизмҳои иқтисодӣ мутобиқ гардонида шаванд Рафти мутобиқшавии муносибатҳои вобаста ба заминҳои кишоварзӣ ба он оварда мерасонад, ки дар мадди аввал санадҳои меъёрӣ ба эътидол оварда мешаванд, баъдан муносибатҳои иқтисодӣ густариш меёбанд. Густариши муносибатҳои иқтисодӣ, ки дар соҳаи кишоварзӣ мушоҳида мегарданд, аз ҳисоби тағйиротҳои сохтории намудҳои нави фаъолият амалӣ мешаванд. Мисоли равшану возеҳ истифодаи технологияҳои зеҳни маснуӣ, ё ин ки сунъӣ мебошанд, ки раванди бақайдгирии онҳо дар асоси истифодаи васеи «интернет» ба роҳ монда мешавад. Соҳибкорон ва тамоми субъектҳои хоҷагидор интизории таъсири бевоситаи чунин ҳолатро ҳангоми пешбурди фаъолияти иқтисодӣ эҳсос намуда истодаанд.

Тағйироти аслии асосҳои ташкилию ҳуқуқии ташккули субъектҳои хоҷагидори иқтисодиёти кишоварзӣ ҳамчун истифодабарандаи заминҳои кишоварзӣ боиси пайдоиши номуайнии ҳудудҳои онҳо ва ҳуқуқ ба истифодаи қитъаҳои замин зуҳур гашта, ба ноустувории сохтори заминҳои кишоварзӣ ва майдони кишти зироатҳои кишоварзӣ мусоидат намудааст. Дар баробари ин, ҳамаи субъектҳои хоҷагидор, ки дар соҳаи кишоварзӣ фаъолият менамоянд, роҳҳои оқилонаи васеъшавии фаъолиятро аз ҳисоби намудҳои нави фаъолият ҷустуҷӯ намуда истодаанд. Инҷо нуқтаи муҳимро иҷозати пешбурди фаъолияти иқтисодӣ ташкил медиҳад. Агар дар доираи санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ намуди нави фаъолият пешбинӣ нагардида бошад, пас чунин фаъолият «ғайриқонунӣ» дониста мешавад ва ин дар худ оқибатҳо ғайриинтизориро ба вуҷуд меорад. Чунин ҳолат берун аз ҳудуди таҳқиқоти илмӣ дониста мешавад.

Ҷой надоштани пояи иттилоотиву таҳлилии фаъолият дар соҳаи кишоварзӣ ба он оварда мерасонад, ки мақомотҳои минтақавии оморӣ, ки маълумотҳои

омории субъектҳоро ҷамъоварӣ менамоянд, танҳо он нишондиҳандаҳоеро нишон медиҳанд, ки барои таҳқиқотҳои илмӣ заминагузор шуда наметавонанд. Масалан, дар сурати аз гардиш кишоварзӣ хориҷ шудани, заминҳои кишоварзӣ мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатиро вазифадор менамояд, ки фишанги иқтисодии баэътидоловариро истифода намояд. Заминҳое, ки аз гардиши кишоварзӣ хориҷ шудаанд, дар худ маълумотҳои омориеро бояд инъикос намоянд, ки ба сохтор, таркиб ва самти фаъолияти иқтисодӣ нигаронида шудаанд. Вале таҷриба собит месозад, ки дар минтақаи Хатлон механизми танзим мавриди истифода қарор дода нашудааст.

Дар шароити коҳиш ёфтани дараҷаи дастгирии давлатии бахши кишоварзӣ хоҷагиҳо имкони ба таври самаранок пеш бурдани фаъолияти истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиро дар ҳаҷму миқдорӣ зарурӣ аз даст медиҳанд. Аз гардиши кишоварзӣ қабл аз ҳама заминҳое хориҷ мешаванд, ки дорои иқтидори пасти биоиқлимӣ буда, дар мавзеъҳои дур аз инфрасохтори хоҷагӣ қарор доранд.

Аз мавқеи назариявӣ, агар бахши кишоварзӣ заминҳои аз назари биоиқлимӣ номатлуб ва дар маконҳои дурдаст ҷойгиршударо аз гардиши кишоварзӣ хориҷ накарда, онҳоро мавриди истифода қарор медод, ба бозор маҳсулоти кишоварзии иловагӣ ворид шудан мегирифт ва боиси паст шудани нархи маҳслуоти кишварзӣ ҳам мегашт.

Дар манотиқи гуногуни вилояти Хатлон истифода набурдани қитъаҳои замин барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба мушоҳида мерасад ва ин ҳолат ба чунин хулоса оварда мерасонад:

- ✓ дар баъзе қитъаҳои замин кишти зироатҳои кишоварзӣ ва коркарди замин гузаронида намешавад;
- ✓ мушкилӣ дар соҳаи растанипарварӣ бештар аз ҳисоби ҷой доштани доруҳои сифати паст мушоҳида мегардад;
- ✓ алафҳои ҷамъоваригардида, ки барои зербахши чорводорӣ муҳим арзёбӣ карда мешаванд, самаранок истифода намегарданд ва худи ҷараёни ҷамъоварӣ бо усули анъанавӣ сурат мегирад;

✓ дар соҳаи чорводорӣ ҷудонамоии алафҳои зараровар то ҳол мушоҳида мегарданд ва ин боиси сатҳи пасти маҳсулотҳои босифат аз як тараф, аз тарафи дигар боиси ба вуҷуд омадани ҳар гуна бемориҳои сироятӣ барои чорво мегардад;

✓ то ҳол ҷой доштани майдонҳои зиёди заминҳо барои чаронидани чорво мушоҳида мегардад;

✓ мушкилот дар самти шинонидани ниҳолҳо бе ташхиси пешакии биологӣ боқӣ мондааст;

✓ ҷангалшавӣ ва ба буттазор табдилёбии заминҳои корам 15% -ро ташкил мекунад;

✓ ҷангалшавӣ ва ба буттазор табдилёбии дигар намуди заминҳои кишоварзӣ болотар аз 30 % -ро ташкил медиҳад;

✓ ба ботлоқзорҳо табдилёбии заминҳои кишоварзӣ бештар аз 15% -ро ташкил медиҳад.

Дар сурати иҷро нашудани яке аз талаботҳои дар боло зикршуда, яъне агар исбот гардад, ки заминистифодабаранда замини ро дар тули се сол мавриди истифода қарор надода бошад, тавассути додгоҳ аз ӯ кашида гирифта мешавад. Аммо маълум аст, ки ин меъёри қонун дар сурате ба таври комил фаъолият хоҳад кард, ки агар дар мамлакат барӯйхатгирии тамоми заминҳои кишоварзӣ бо муайян кардани ҳудуди қитъаҳои замин ва бақайдгирии ҳуқуқии моликият ба ин заминҳо анҷом дода шавад.

Механизмҳои таъминоти иттилоотиву таҳлилии дараҷаи самаранокии маҳсулоти кишоварзӣ дар худ яке аз зинаҳои муҳимро дар бар мегиранд, ки он ҳам бошад мониторинги заминҳои кишоварзӣ буда, иҷрои вазифаҳои зеринро дар бар мегирад:

– ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ тақозо менамояд, ки дараҷаи ҳосилнокӣ ва маҳсулонокии молу маҳсулот дар давраи муайян ошкор гардида, дар ин асос мушкилот ва муаммоҳои рушд бартараф карда шаванд;

– гирифтани маълумот дар асоси таҳқиқоти мунтазами ҳосилнокии хок ва мушоҳидаҳои ҳолати сифат ва истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ

ҳамчун манбаи асосии фаъолияти кишоварзӣ бо истифода аз истиноди ҷуғрофии контури заминҳои кишоварзӣ;

– таҳқиқи ҳолати растании заминҳои кишоварзӣ;

– пешбурди феҳристи ҳосилхезии хоки заминҳои кишоварзӣ ва баҳисобгирии ҳолати онҳо;

– ташаккули захираҳои иттилоотии давлатӣ оид ба заминҳои кишоварзӣ ба мақсади таҳлил, пешгӯӣ ва таҳияи сиёсати давлатӣ дар соҳаи муносибатҳои замин;

– таъмини дастрасии шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ба маълумот дар бораи ҳолати заминҳои кишоварзӣ.

Дар диссертатсия қайд мегардад, ки марҳилаи асосии таҳияи механизми амалкарди таъминоти иттилоотиву таҳлилӣ дар асоси арзёбии вазъи истифодаи заминҳои соҳаи кишоварзӣ боназардошти тамоми унсурҳо амалӣ карда мешавад. Меҳвари асосиро дар ин раванд он қитъаҳои заминҳои соҳаи кишоварзӣ ташкил медиҳанд, ки истеҳсоли маҳсулот маҳз дар ҳудуди онҳо истеҳсол карда мешавад. Яке аз механизмҳои иқтисодии амалкард ин ҳавасмандии фаъолияти субъектҳо дар натиҷаи имтиёздиҳӣ (квотирование) ба роҳ монда мешавад. Имтиёздиҳӣ ҷараёни иқтисодие мебошад, ки танҳо барои соҳибмулкон ва тавлидкунандагони молу маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ нигаронида мешавад. Дар инҷо мавқеи махсусро фишангҳои молиявӣ ташкил медиҳанд, ки ба онҳо: додани ҳар гуна имтиёзҳо аз мақомотҳои болоӣ, яъне сатҳи ҷумҳуриявӣ ба сатҳи минтақавӣ (субсидия, субвенсия, дотатсия ва ғ.); фоизи пасти қарзҳои бонкӣ дар шакли лизинг ва хайринг барои иҷораи техника ва технологияҳои лозимаи соҳаи кишоварзӣ; иҷозатдиҳӣ ба иҷораи заминҳои соҳаи кишоварзӣ ба дигар шаҳрвандони хориҷӣ дар асоси шартномаи муштараки ҳамкорӣ; маблағгузорӣ ва сармоягузории фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ дар асоси қарзҳои дарозмуддат ва ғайра дохил мешаванд.

Меъёрҳоеро пешниҳод кардан мумкин аст, ки иқтидори иқтисодӣ ва ҳосилхезии заминҳои кишоварзиро баҳо медиҳанд.

Коҳиш ёфтани ҳосилхезии заминҳои кишоварзиро бо роҳи тағйир додани арзишҳои ададии зерин муқаррар кардан мумкин аст:

- ✓ дар таркиби моддаҳои химиявӣ, ки барои кишти зироатҳо лозиманд, мутобиқ намудани он ба меъёрҳои байналмилалӣ (дар зироатҳои полезӣ то 10%);
- ✓ дар заминҳои ба шӯршавӣ гирифторбуда, кам намудани моддаҳои химиявӣ, яъне кислотаҳо то андозаи 5%;
- ✓ дар соҳаи растанипарварӣ кам намудани зарари партовҳои соҳаи чорворӣ то андозаи 12%;
- ✓ иваз намудани таркиби калий дар хоки заминҳои соҳаи кишоварзӣ ба надозаи 20% ва ғ.

Бояд дар назар дошт, механизмҳои иқтисодие, ки бевосита зери таъсири омилҳои экологӣ, биологӣ ва химиявӣ қарор доранд, дар асоси таъсири дигар омилҳои ғайрииқтисодӣ низ тарҳрезӣ мегарданд. Дар инҷо ба инобат гирифтани меъёрҳои дигари пешбурди фаъолияти иқтисодӣ бисёр муҳим арзёбӣ карда мешавад. Дар ҳолатҳое, ки меъёрҳои иқтисодӣ риоя мегарданд (дар назар дошта мешавад – афзоиши 2 ва зиёда аз он ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ дар давраи миёнамуҳлат, яъне 5 сол) таҳияи механизм самаранок дониста мешавад. Дар баробари ин, низоми ҳавасмандии фаъолияти хоҷагидорон, ки бевосита ба замин рабт дорад, аз мавҷудияти дуруст ба эътидол овардани дараҷаи ҳосилнокӣ ва маҳсулнокии заминҳо шаҳодат медиҳад.

Назорати доимии ҳолати заминҳои ҳосилхез ва ногузирии таҳримҳои калони иқтисодӣ дараҷаи истифодаи ғайриоқилона ва ваҳшиёни заминҳои кишоварзиро паст мекунад, таназзули хок, аз муомилоти иқтисодӣ баровардани заминҳои ҳосилхез ва ғайраро боз медорад.

Таҷрибаи вилояти Хатлон шоёни таваҷҷуҳ аст. Дар ҳудуди он тули солҳои соҳибистиқлолӣ механизмҳои иқтисодие, ки ба соҳаи кишоварзӣ нигаронида шудаанд, дар худ инъикосгари он ҷанбаҳои иқтисодиёт мебошанд, ки бевосита ба хусусиятҳои минтақавии рушд, таъсири омилҳои экологӣ ва дараҷаи заминҳо вобаста ба меъёрҳои ҷуғрофидошта дониста мешаванд.

Масалан, заминҳои дорои хусусиятҳои хушкии баланд ва паст. Вилояти Хатлон дар ин росто яке аз минтақаҳое арзёбӣ карда мешавад, ки дар ҳудуди он бештари шаҳру ноҳияҳо минтақаҳои мушкилашон баланд мушоҳида мегардад. Ин ҳолатро танҳо дар асоси тақсимоти захираҳои об мушоҳида намудан мумкин аст. Маълум аст, ки бештари захираҳои об, ки барои соҳаи кишоварзӣ аввалиндараҷа арзёбӣ карда мешаванд, аз дигар минтақаи ҷумҳурӣ, яъне Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон сарчашма мегиранд. Нобаробарии тақсимоти захираҳои об дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон имкон намедиҳад, ки механизми ягонаи амалкарди таъминоти иттилоотиву таҳлилӣ барои соҳаи кишоварзӣ тарҳрезӣ карда шавад. Аз инҷо бар меояд, ки дар доираи санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ мавқеи махсусро механизми татбиқии он ташкил медиҳад. Дар доираи механизми татбиқи санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ мавқеи махсусро сифати хоки истифодагардида ва дараҷаи обёрии заминҳо ташкил медиҳанд.

Аз гуфтаҳои боло метавон хулоса намуд, ки ҳамаи механизмҳои ҷойдоштаи таъминоти иттилоотиву таҳлилӣ ва, дар умум, механизмҳои амалкарди дарҷаи самаранокии заминҳои соҳаи кишоварзӣ, боназардошти таъсири хусуситҳо ва омилҳои иқтисодиву ғайрииқтисодӣ такмил дода шаванд. Раванди такмили механизмҳо дар асоси мавҷудияти заминаҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодии он амалӣ карда шуда, ҳатман хусусиятҳои иҷтимоиро дар худ инъикос намоянд. Илова бар ин, зарур ва муҳим аст, ки таъсири омили экологӣ низ бояд ба назар гирифта шавад.

Ҳамзамон, механизми пешниҳодгардида, ки иборат аз омилҳои гуногуни таъсирасон мебошад, ҳангоми таъсиси низом (кластер)-и ягонаи иттилоотиву таҳлилии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ бояд ба инобат гирифта шавад. Мавқеи махсусро дар ин раванд қабули қарорҳои идоракунии субъектҳои танзимкунанда ташкил медиҳанд.

Набояд фаромӯш кард, ки ҳангоми баровардани қабули дурусти идоравӣ дараҷаи самаранокии фаъолияти субъектҳои хоҷагидор (хоҷагиҳои деҳқонӣ ва фермерӣ) баланд бардошта мешавад. Илова бар ин, хусусиятҳои минтақавии рушд, яъне маҷмуи чорабиниҳо бояд маҳз ба иқтисодиёти кишоварзии вилояти Хатлон нигаронида шаванд.

3.3. Таъсиси низом (кластер)-и ягонаи иттилоотиву таҳлилии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ

Интиқоли соҳаҳои иқтисодиёти ҷумҳурӣ ба роҳи индустриалию инноватсионии тараққиёт бе капитализатсияи сарватҳои табиӣ, махсусан захираҳои замин ҳамчун яке аз омилҳои асосии истеҳсолот ғайриимкон аст. Дар назар бояд дошт, ки васеъшавии фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ, ки бо захираҳои замин алоқамандӣ доранд, ба ҷараён ва равандҳои сармоягузорӣ, ё ин ки маблағгузорӣ вобастагӣ доранд. Дар ин ҷо нуқтаи муҳимро дарёфти сарчашмаҳои пулии ин гуна маблағҳо ташкил медиҳанд. Бо ибораи дигар, рафти татбиқи сармоя дар соҳаи кишоварзӣ ба мавҷудияти лоиҳаҳои он, яъне маблағҳои ҷамъшавандаи пешбурди фаъолият алоқамандӣ дорад. Ҳамзамон маҷмуи муносибатҳои иқтисодӣ, ки ба сарватҳои табиӣ вобастагӣ доранд, тақозо менамояд, ки мавқеъгирии ниҳодҳои давлатӣ мушаххас гардонида шавад.

Дар таҳқиқот қайд мегардад, ки таҳлили муҷтамаӣ ва омилӣ имкон медиҳад, ки лоиҳаҳои сармоягузорӣ доир ба истифодаи самарабахши замин дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои онро татбиқ карда шавад. Дар натиҷаи ислоҳоти замин дар истифодаи замин дигаргуниҳои амиқ ба амал омаданд. Замин ҳамчун омили истеҳсолӣ ва захираи сармоягузорӣ дорои як қатор хусусиятҳои хосест, ки онро аз дигар захираҳои иқтисодӣ – меҳнат ва сармоя фарқ мекунад. Хусусияти бозори сарватҳои замин маҳз аз ҳамин нуқта маншаъ мегирад. Замин ҳамчун боигарии нодири табиӣ ва ҷузъи муҳимми сарвати миллӣ маҷмуи унсурҳои бой ва иншоотҳои коммуналиро дар бар мегирад, ки дар атрофи онҳо як қатор муносибатҳои иҷтимоию-иқтисодӣ ва сармоягузорӣ инкишоф меёбанд. Унсурҳои сохторӣ ва мақсадҳои функсионалии захираҳои замин иборатанд аз:

- замини кишоварзӣ ё масоҳати замин, ки фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ ба мавҷудияти маблағҳои пулӣ вобастагӣ дорад, ҳангоми афзоиши ҳиссаи он фаъолияти иқтисодӣ низ мутаносибан васеъ мегардад;
- алоқамандии унсурҳои бозорӣ, ҳангоми азхуд намудани захираҳои табиӣ дар ҳудуди замини истифодашаванда;

- ҷалб ва равона намудани маблағҳои пулӣ барои аз худ намудани захираҳои қаъри замин (зеризаминӣ), ки барои фаъолияти субъектҳои гуногуни иқтисоди миллӣ шароит фароҳам меорад ва дар навбати худ объекти татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ мегардад;
- замин ҳамчун макони сохтмони иншоотҳои саноатӣ, иншоотҳо, роҳҳо, объектҳои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ ва амсоли инҳо захираҳои бузурги сармоягузориро талаб мекунад.

Дар баробари ин, замин ба низоми равандҳои сармоягузорӣ ва омилҳои истеҳсолот фаъолона дохил шуда, баъзе хусусиятҳои умумие пайдо мекунад, ки ба дигар захираҳои сармоягузорӣ ва бозорҳои онҳо хос мебошад. Дар навбати аввал раванди наздикшавии бозори захираҳои табиӣ, аз ҷумла захираҳои замин бо бозорҳои меҳнат ва сармоя ба амал меояд, яъне принсипҳои умумии фаъолияти муносибатҳои бозорӣ ва институтҳои он амал мекунанд. Агар меҳнат ва сармоя ҳамчун захираи сармоягузорӣ дар як давраи маҳдуд амал кунанд, пас захираи замин муҳлати бемаҳдуд хизмат мекунад. Вале бояд гуфт, ки замин аз рӯйи пайдоиши худ сарвати табиӣ буда, аз ин рӯ, пеш аз ҳама, ҳамчун омили табиии истеҳсолот ё «туҳфаи табиат» баромад мекунад. Ин хислат заминро аз сармояе, ки бо меҳнати инсон ба вуҷуд оварда шудааст, инчунин аз захираи меҳнати такористеҳсолшаванда фарқ мекунонад. Аммо бо истифодаи оқилона ва сармоягузории доимии худ замин мисли дигар захираҳои сармоягузорӣ сифатан тағйир меёбад. Чунон ки дар боло қайд карда шуд, бе замин роҳандозии истеҳсолоти ҷамъиятӣ ва такористеҳсоли ҳамагуна соҳаҳои хоҷагии халқ имконнопазир аст. Вазъият ва рушди соҳаҳои кишоварзӣ ва, умуман, бахшии воқеии иқтисодиётро надониста, корхонаи саноатӣ ё иншооти инфрасохторӣ бунёд кардан имконнопазир аст. Нақш ва аҳаммияти замин, фоиданокии он дар равандҳои сармоягузории соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт як хел нест. Масалан, дар саноат замин ҳамчун фазое хизмат мекунад, ки дар он барои бунёди корхонаҳои саноатӣ сармоягузорӣ мекунанд. Гарчанде замин дар рушди истеҳсоли саноатӣ бевосита нақши фаъол надошта бошад, ҳам (азбаски истеҳсоли маҳсулот ба он вобаста нест), аммо он шарти қабули қарор оид ба таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои

сармоягузориро муайян мекунад, инчунин омили ҷолибияти сармоягузорӣ мебошад. Аҳаммияти он дар саноати маъдани кухӣ ва ба вуҷуд овардани объектҳои инфрасохторӣ ба ҳамагон ба таври возеҳу равшан маълум аст.

Ҷ.С. Пиризода қайд менамояд, ки: «...яке аз муҳимтарин ҷиҳатҳои азнавсозии иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ ба вуҷуд овардани низомҳои комплексӣ мебошад. Инкишофи равандҳои навоварона дар шаклҳои ташкил ва технологияи истеҳсолоти кишоварзӣ дигаргуниҳои куллӣ ба амал меоварад. Илми ҷаҳонӣ ва ватанӣ роҳи боэътимоди баланд бардоштан ва афзун гардондани самараи иқтисодии он - махсусгардонӣ ва консентратсияро дар асоси муносибатҳои интегратсионӣ кашф намуда, санҷидааст» [95, с. 322]. Аз ин ҷо бар меояд, ки раванди истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ ба ҳаҷми умумии маҳсулотҳои истеҳсолгардидаи муҷтамаи агросаноатӣ таъсири мусбӣ расонида, ҷузъиётҳои онро, аз қабили таъмини амнияти озуқаворӣ, худтаъминкунии озуқаворӣ дар сатҳи минтақавӣ ва ҷалби воситаҳои молиявӣ-қарзӣ имконпазир мегардонад. Илова бар ин, мавқеи соҳаи кишоварзӣ дар таъмини рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаи алоҳидаи давлат низ таъсири мусбии худро мерасонад ва сабабгори асосии васеъшавии доираи фаъолияти нави иқтисодӣ мегардад.

Қайд намудан бомаврид аст, ки масоҳати умумии заминҳои соҳаи кишоварзӣ дар доираи ҷойгирсозии оқилонаи қувваҳои истеҳсолкунанда метавонанд самаранок мавриди истифода қарор дода шаванд. Маълум аст, ки ҷойгирсозии қувваҳои истеҳсолӣ раванди махсус буда, дар худ таъсиси низомҳои махсусро дар бар мегирад. Яке аз чунин низомҳо кластерикунонии фаъолияти иқтисодии хоҷагиҳои хонаводаҳо ба ҳисоб меравад. Дар ин раванд таъсири омилҳои зиёдро метавон мушоҳида намуд, ки онҳо, дар маҷмуъ, ба густариши муносибатҳои иқтисодӣ оварда метавонанд. Дар мадди аввал бояд омилҳои ҷуғрофӣ ба назар гирифта шаванд. Чунки фаъолияти иқтисодӣ бевосита зери таъсири омилҳои ҷуғрофии ҳудудӣ, яъне масоҳати замин қарор доранд. Ҳангоми васеъ намудани майдони заминҳои кишт ва ҷалби маблағҳои иловагӣ фазои иқтисодии кластер низ васеъ мегардад.

Баъзе аз муҳаққиқони бахши иқтисодиёт қайл менамоянд, ки дар фазои иқтисодӣ, ки замин (майдон)-и соҳаи кишоварзӣ мавриди истифода қарор дода мешавад, зарурати рушди баъзе аз нишондиҳандаҳои иқтисодӣ, пеш аз ҳама, неруи инсонӣ, сармояи инсонӣ ва ҷанбаҳои ниҳодии фаъолияти субъектҳо бояд танзим карда шавад. Чунин раванди танзимнамоӣ ҳангоми ҷой доштани инфрасохтори зарурӣ, ки барои пешбурди фаъолияти иқтисодӣ зарур аст, кумак менамояд. Маҳз дар ҳамин замина кластери ягонаи иқтисодиро метавон таъсис дод [33, с. 25]. Аз гуфтаҳои олими рус бар меояд, ки инфрасохтори истеҳсолӣ, ки барои таъсиси кластери соҳаи кишоварзӣ ҳамчун воситаи асосии таъсиррасон дониста мешавад, нишон медиҳад, ки иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ бояд рақобатпазир бошад ва дараҷаи рақобатпазирӣ натанҳо дар фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ, инчунин ҳангоми ҷалби воситаҳои молиявӣ, таҳия ва коркарди технологияҳои муосир низ мушоҳида карда шавад. Дар баробари ин, ҷой доштани маълумоти оморӣ ва таҳлилӣ низ ҳангоми истифодаи самараноки заминҳои соҳаи кишоварзӣ бояд ҷой дода шавад. Аз ин рӯ, ҳангоми гирифтани маълумот дар бораи фазои иқтисодӣ ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба назар гирифтани моҳияти мураккабе, ки ҳудудро фаро мегирад, лозим мебошад. «...Дар баробари ин маҷмуи субъектҳои хоҷагидорӣ ва муҳити рушд, натиҷаи ҳамкории субъектҳои хоҷагидорӣ ва муҳити макроиқтисодӣ дар ҳудуди мазкур, инчунин зуҳур ва рушди функсияи фазо дар самти баланд бардоштани нақши ҳамкории субъектҳои хоҷагидорӣ ба мақсади худташкилӣ ва монанди инҳо низ зарур мебошанд» [79, с. 120].

Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки барои таъсиси кластери ягонаи иттилоотиву таҳлилӣ, ки таъйиноти он танҳо барои соҳаи кишоварзӣ зарур аст, бояд дар сохтори худ ваколат ва салоҳиятҳои ниҳодҳои давлатиро ҳангоми гузариш ба низоми электронӣ нишон диҳад. Чунки чунин ҳолат раванди қабули қарорҳои идоракуниро маҳз аз субъектҳои танзимкунанда дар назар дорад. Илова бар ин дар заминаи кластери таъсисёфтаи соҳаи кишоварзӣ таъсиси шабакаҳои маҷозӣ низ ба вуҷуд меояд ва як қисмати маблағҳои ҷалбшавандаи молиявӣ барои таъмини ҳолати муътадилии он равона карда мешаванд. Таъмини фаъолияти

иқтисодии субъектҳои соҳаи кишоварзӣ бо маълумоти оморӣ зарурӣ айни замон дар доираи хоҷагиҳои деҳконӣ ва фермерӣ вуҷуд дорад, вале мавҷудияти пойгоҳи маълумотҳои таҳлилӣ ва иттилоотӣ дастрасии умумӣ надорад. Сабаби асосии он мавҷуд набудани кластери ягонаи иттилоотиву таҳлилии соҳаи кишоварзӣ мебошад. Ҳангоми ҷой доштани чунин маълумотҳо натанҳо иҷрои қарорҳои идоракунии ниҳодҳои давлатӣ, инчунин пешбурди фаъолияти иқтисодии субъектҳо суръати ҷадид касб мекунанд.

Дар таҳқиқот пешниҳод карда мешавад, ки барои таъсиси кластери ягонаи иттилоотиву таҳлилии соҳаи кишоварзӣ меъёрҳои пешбурди фаъолияти иқтисодӣ дар муҷтамаи агросаноатӣ таҳқиқ шуда, механизми амалкарди он такмил дода шавад. Зеро масъалаи такмили механизми идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар манотиқ ҷиҳати истифодаи самараноки замин, ба назар гирифтани хусусияти минтақавии заминро тақозо мекунад.

Низоми васеъмиқёси иттилоотии замин дар доираи кластери иттилоотии замин дастгирии иттилоотии истифодаи заминҳои кишоварзиро амалӣ карда мешавад. Таркиби он аз якчанд шӯъбаҳо иборат аст, ки бо ҳамдигар тавассути мубодилаи иттилоот фаъолият мекунанд (расми 3.3.).

Расми 3.3. - Сохтори кластери иттилоотии заминҳои соҳаи кишоварзӣ барои вилояти Хатлон

Сарчашма: *таҳияи муаллиф*

Аз расми 3.3 маълум мегардад, ки ташкили кластери иттилоотӣ дар мисоли соҳаи кишоварзӣ инъикосгари раванди муттаҳидсозии ҷузъии иттилоот дар як низоми ягонаи мутамарказ мебошад. Маҳсулоти ин кластер, яъне маълумотҳои таҳлилӣ дар бораи замин барои таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ асос мебошад. Мавҷудияти маълумоти таҳлилӣ, ки барои ниҳодҳои давлатӣ зарур аст, дар худ натанҳои унсурҳои дохили кластери замини истифодашавандаи соҳаи кишоварзӣ, инчунин маълумотро доир ба сарватҳои табиӣ, ки дар наздикии он аст, дар бар мегирад.



Расми 3.4. - Таркиб ва сохтори кластери иттилоотии замин

Сарчашма: *Мирсаидов С.А. Роль информационного кластера о земле в системе управления воспроизводством продуктивности сельскохозяйственных угодий [Текст] / С.А. Мирсаидов, Х. Гайбуллозода // Вестник Кыргызского экономического университета имени М. Рыскулбекова. – 2017. - № 2(40). - С. 60-67.*

Илова бар ин, бақайдгирии воситаҳои истеҳсолӣ, ки берун аз ҳудуди кластери соҳаи кишоварзӣ қарор доранд, ба монанди, маълумот оид ба сарватҳои табиӣ дар ҳудуди минтақа (вилояти Хатлон), захираҳои қаъри замин, заминҳои бекорхобидаи ҳудуди берунии кластер ва ғайра амалӣ карда мешавад. Вобаста ба ин, сохтори мушахаси амалии кластери иттилоотии замин, ки аз ташкилоту корхонаҳои гуногун (давлатӣ ва хусусӣ) иборат асту, тибқи литсензия заминсозӣ, топографию геодезӣ ва дигар намуди корҳоро иҷро мекунад. (Дар расми 3.4 оварда шудааст).

Бояд гуфт, ки истифодаи амалии замин ва идораи истеҳсолоти соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон нишон медиҳад, ки қитъаҳои замин ҳамчун захираи сармоягузорӣ қисман ғайрисамаранок истифода бурда мешаванд. Дар баробари ин, ҷараён ва равандҳои иқтисодие, ки ба азхудкунии захираҳои замин алоқамандӣ доранд, ба сатҳ, сифат ва дараҷаи ҳосилнокӣ ва маҳсулнокии меҳнати коргарони кирояи соҳаи кишоварзӣ таъсири бевоситаи худро мерасонад. Таҳлили маълумотҳои омории вилояти Хатлон нишон медиҳад, ки тули солҳои охир бештари майдони заминҳои кишоварзӣ дар ҳолати хуби экологӣ қарор доранд ва як ҳиссаи муайяни он аз гардиш бароварда шуда ва як ҳиссаи дигараш бошад, заминҳои обёришаванда мебошанд. Таҷрибаи пешбурди фаъолияти иқтисодӣ дар ҳудуди вилояти Хатлон нишон медиҳад, ки аз як тараф бинобар сабаби таъсири омилҳои табиӣ қисми заминҳои соҳаи кишоварзӣ дар сатҳи зарурӣ имконнопазир гардид, аз ҷониби дигар бошад, таъсири омили антропогенӣ, яъне таъсири манфии инсон ба табиат низ боиси паст гардидани дараҷаи самаранокии заминҳои соҳаи кишоварзӣ гардид.

Ҳангоми мавҷуд набудани кластери ягонаи соҳаи кишоварзӣ қитъаҳои замин, ки барои хоҷагиҳои хонаводаҳо тақсим гардидаанд ғайрисамаранок мавриди истифода қарор дода мешаванд ва барои ҷалб намудани маблағҳои молиявӣ дар шакли сармоягузорӣ ва маблағгузорӣ монеаҳои сунъӣ ба вуҷуд меояд. Дар ин ҷо зарур аст, ки механизмҳои ҷойдоштаи ҷалби сармоягузорӣ барои субъектҳои иқтисодӣ, ки дар ҳудуди кластери соҳаи кишоварзӣ фаъолият менамоянд, такмил дода шуда, бо он механизмҳои амалкарди фаъолияти

иқтисодии субъектҳо, ки дар таҳқиқот пешниҳод гардидаанд, ҳамоҳанг гардонида шаванд. Дар натиҷа сохтори соҳавии фаъолияти истеҳсолӣ аз ҳисоби мавҷудияти пояи иттилоотиву таҳлилӣ дигаргун карда мешавад. Нуқтаи муҳимро дар ин самт он сохторҳои соҳавие ташкил медиҳанд, ки ҳангоми истифодаи самараноки захираҳои қитъаҳои заминҳои соҳаи кишоварзӣ аз ҳисоби ҷой доштани иттилооти зарурии таҳлилӣ амалӣ мегарданд.

Аз таҷрибаи хоҷагиҳои хонаводагӣ бар меояд, ки бинобар сабиби он, ки бештари аҳолӣ дар ҳудуди вилояти Хатлон дар маҳалҳо зиндагӣ ва фаъолият менамоянд, фазои пешбурди фаъолияти иқтисодии онҳо тули солҳои дароз дар шакли анъанавӣ ба роҳ монда шудааст. Дар баъзе аз давлатҳои дунё чунин хусусиятҳои минтақавии рушди иқтисодӣ аз ҳисоби соҳаи кишоварзӣ низ ҷой доранд. Масалан, олими рус Е.Г. Агаларова қайд менамояд, ки: «...барои он қисмати аҳолӣ, ки дар сатҳи маҳалҳо ва ё мунисипалитетҳо зиндагонӣ менамоянд, сарватҳои табиӣ зери таъсири омилҳои зиёд қарор дода мешаванд ва онҳо хосси ҳар як сокинони минтақаи алоҳида мебошанд» [55, с. 13]. Бояд дар назар дошт, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба монанди Федератсияи Россия мунисипалитетҳо арзи вуҷуд надоранд ва барои иқтисодиёти маҳалҳои кишвари мо, пеш аз ҳама барои вилояти Хатлон чунин ҳолатҳо имконпазир мебошанд. Бо ибораи дигар ҳангоми дар ояндаи наздик таъсис додани кластери ягонаи иттилоотиву таҳлилии соҳаи кишоварзӣ ва дар ин асос афзоиш додани дараҷаи самаранокии маҳсулотҳои соҳавӣ ин гуна хусусиятҳо бояд ба назар гирифта шаванд.

Ҷадвали 3.6. - Динамикаи майдони кишт ва ҳосилнокии ғалладонагӣ ва пахта дар вилояти Хатлон

Нишондиҳандаҳо		**Солҳо**				
		2019	**2020**	**2021**	**2022**	**2023**
Майдони кишти ғалладона, пахта дар вилоят		319436	313639	311415	313738	209498
Ғалладона	Майдони кишт ҳаз.га	199886	189464	190179	192044	197872
	Ҳосилнокӣ сен/га	33,8	36,6	37,4	38,1	33,3
Пахта	Майдони кишт ҳаз.га	119550	124175	121236	121694	116216
	Ҳосилнокӣ сен/га	21,7	22,3	22,3	22,5	19,9
Нисбати замини кишти вилоят бо%		77,1	73,5	72,3	72,3	48,2

Сарчашма: *Ҳисобкунии муаллиф дар асоси ҷадвалҳои 2.4. ва 2.5.*

Маълумоти ҷадвали 3.6 нишон медиҳад, ки майдони кишти ғалладона 2014 гектар ва ҳосилнокӣ 0,5 сентнер, майдони кишти пахта бошад 3334 гектар ва ҳосилнокӣ 1,8 сентнерро нисбат ба соли 2019, дар соли 2023 коҳиш ёфтааст. Сабаби кам шудани қитъа ва ё захираҳои замин на танҳо эрозия, таназзул ва биёбоншавӣ ва аз гардиши кишоварзӣ хориҷ шудани заминҳо, балки боло рафтани равандҳо барои эҳтиёҷоти ғайрихоҷагӣ ҷудо кардани заминҳои ҳосилхез низ мебошад. Дар баробари ин маълум аст, ки ҳудуди заминҳои соҳаи кишоварзӣ дар вилояти Хатлон нисбатан кам ба назар мерасад ва он қитъаҳои замин, ки аз ҷониби мақомотҳои соҳавӣ, қабл аз ҳама вазорати кишоварзӣ барои пешбурди фаъолияти иқтисодӣ қабул дониста шудаанд, аз ҳисоби афзоиши босуръати аҳолии вилоят ва мутаносибан афзоиши талаботҳои аҳолӣ ҳамгиро карда шаванд. Дар чунин ҳолат таъмини ҳадафҳои муҳимми стратегии сатҳи иқтисоди миллӣ, яъне таъмини амнияти озуқаворӣ ва истеҳсоли маҳсулоти босифат дар сатҳи минтақавӣ пурра амалӣ карда мешавад.

Дар робита ба афзоиши аҳаммияти замин ҳамчун захираи нодир дар адабиёти иқтисодӣ пешниҳод карда мешавад, ки ибораи «лоиҳаи сармоягузорӣ барои истифодаи қитъаи замин» ба муомилоти илмӣ ворид карда шавад [87, с. 45]. Чунин пешниҳоди олимони хориҷӣ имкон медиҳад, ки лоиҳаи сармоягузорие, ки бо иштироки захираҳои замин таҳия ва амалӣ мегардад, низоми кушодаест, ки ба омилҳои берунӣ ва дохилӣ дучор мешавад. Омилҳои асосии берунӣ нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, аз қабили болоравии нархҳо, таваррум, тағйирёбии талабот ва пешниҳод дар намудҳои гуногуни бозорҳо, омилҳои иҷтимоию сиёсӣ ва ғайра мебошад. Меъёрҳои дохилии лоиҳаи сармоягузорӣ ба ғайр аз арзиш, хусусиятҳои техникӣ ва технологии лоиҳаҳо, инчунин масъалаҳои самаранокии лоиҳаро аз нуқтаи назари иштирокчиёни раванди сармоягузорӣ дар бар мегирад. Иштирокчиёни муносибатҳои сармоягузорӣ сармоягузорон, давлат, соҳибон ва истифодабарандагони захираҳои замин ва аҳолии ҳудуди дахлдори вилоят мебошанд. Дар ин шароит бо дарназардошти таъсири омилҳои беруна ва дохилӣ, таъмини мувофиқати ин омилҳо дар таҳия ва татбиқи лоиҳаи сармоягузорӣ бо ҷузъи замин таъминоти иттилоотиро талаб мекунад, ки ба

миқёси лоиҳа мувофиқ бошад. Тавре дар боло зикр гардид, таъсиси кластери ягонаи соҳаи кишоварзӣ бояд боназардошти ҷузъиётҳои технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ амалӣ карда шавад. Дар чунин ҳолат фаъолияти субъектҳои хоҷагидор, ки дар ҳудуди вилояти Хатлон амалӣ мешаванд, аз ҳисоби гузариш ба низоми пурраи электронӣ пурзӯр ва баъдан васеъ мегардад. Васеъшавии доираи фаъолияти субъектҳои хоҷагидор ба доираи ҳадафҳои стратегияҳои давлатӣ, ки шуруъ аз соли 2010 то инҷониб дар назар дошта шудаанд, пайванд мегардад. Бояд дар назар дошт, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷати муҳим таҳия ва қабул гардидааст, ки он баҳри амалӣ намудани зеҳни сунъӣ ҳангоми пешбурди фаъолияти иқтисодӣ низ нигаронида шудааст [4]. Пешниҳоди таъсиси кластери ягонаи иттилоотиву таҳлилӣ барои соҳаи кишоварзӣ идомаи мантиқии стратегияи болозикр буда, ҳадафҳои олиии он, яъне гузариши пурра ба низоми электрониро пурра қонеъ мегардонад.

Дар доираи барномаҳои давлатӣ ва минтақавӣ, махсусан барои вилояти Хатлон мавҷудияти маълумот ва иттилооти зарурӣ ҳангоми мавҷуд будани номгӯйи (реестр)-и ягонаи қайди давлатӣ муҳим дониста шуда, маълумотро натанҳо ҳангоми мавҷудияти маълумот оид ба замини соҳаи кишоварзӣ, инчунин ҳангоми ҷалби сармоягузории мустақими давлатӣ ва маблағҳои ҷалбшавандаи ташкилотҳои байналмилалӣ инъикос менамояд. Дар ин гуна ҳолатҳо дар доираи кластери соҳаи кишоварзӣ иттилооти таҳлилӣ оид ба иқтидор (неру)-и захиравӣ ва табиӣ низ нишон дода мешавад ва он асоси муносибатҳои иқтисодии субъектҳои хоҷагидорро нишон медиҳад. Аз ин ҷо бар меояд, ки қабл аз таъсиси кластери соҳаи кишоварзӣ дар ҳудуди вилояти Хатлон стандартҳои миллии қайди давлатии масоҳати заминҳои истифодашаванда бо назардошти ҷузъиётҳои он, аз қабили заминҳои обӣ, лалмӣ ва дигар намуди парвариши зироатҳо бояд инъикос намояд. Дар чунин ҳолат манфиатҳои иқтисодии субъектҳои хоҷагидорро метавон ба эътидол даровард. Айни замон чунин ҳолат яке аз муаммо ва мушкилоти асосии соҳаи кишоварзӣ дониста мешавад.

Дар таҳқиқот таъкид мегардад, ки таъсиси кластери ягонаи соҳаи кишоварзӣ имкониятҳои иқтисодии субъектҳои хоҷагидорро, ки фоидаи иқтисодиро маҳз аз ҳисоби қитъаи замин ба даст меоранд, ба муҳит ва фазои солими сармоягузорӣ вобаста медонанд. Чунки рушди муносибатҳои иқтисодӣ дар сатҳи минтақавӣ (махсусан вилояти Хатлон) дар натиҷаи ҷалби ҳар чи бештари маблағҳои молиявӣ боз ҳам устувор ва мутавозин мегардад. Бо назардошти ҳудудҳои гуногуни ҷумҳурӣ ва бавежа кӯҳистонӣ будани бештари манотиқи он ҳаллу фасли ин мушкилот бо харҷи камтарин дар асоси усули кластерӣ бо истифода аз технологияҳои нав ва низоми мониторинги замин имконпазир аст. Мавҷудияти маълумотҳои оморӣ ва таҳлилӣ, ки аз ҷониби натанҳо субъектҳои бахши давлатӣ, яъне ниҳодҳо, ҳамзамон аз ҷониби марказҳои таҳлилӣ низ ҷамъоварӣ ва хулосабардорӣ карда мешавад. Чунин хулосабардорӣ дар ояндаи наздик дар асоси тартиби харитаҳои ҳолати истифодаи замин, заминсозӣ ва пешгӯйи ҳолати истифодаи замин, аз қабили заминҷунбӣ ва амсоли инҳо имконпазир мегардад. Аз ин рӯ, зери низомии ягона муттаҳид намудани миқдори зиёди иттилоот тавассути ташкили кластери иттилоотӣ дар ҳаллу фасли ин масъала нақши калидӣ мебозад.

Тавре амалияи пешбурди фаъолияти иқтисодӣ дар дохили давлат нишон медиҳад, ҳадаф ва мақсади асосии таъсиси кластерҳои иқтисодӣ мутамарказ гардонидани фаъолияти умумииқтисодӣ бошад, пас кластери ягонаи соҳаи кишоварзӣ, ки такя ба иттилооти таҳлилӣ маҷмуи фаъолияти иқтисодии он субъектҳои хоҷагидорро дар назар дорад, ки онҳо бевосита иштирокчӣ (субъекти тавлидкунандаи молу маҳсулот ва пешниҳодкунандаи хизматрасониҳо) баромад менамояд. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки агар, дар мадди аввал ҳадафи олӣ роҳандозӣ намудани раванди истеҳсолот бошад, пас ягонагии истеҳсоли маҳсулоти якранг, яъне соҳавӣ ҷузъи таркибии он маҳсуб меёбад. Барои ноил гардидан ба чунин ҳадаф, зарур аст, ки дастовардҳои навини илмӣ, аз қабили технологияҳои муосир, инноватсияҳо, технологияҳои молиявӣ, иттилооти навин, база (пойгоҳ)-и маълумотҳо ва «маълумотҳои калон» ба таври васеъ мавриди истифода қарор дода шаванд.

Маълум аст, вақте дар иқтисодиёт кластер мавриди истифода қарор дода мешавад, ки он дорои хусусиятҳои минтақавӣ мебошад. Бо ибораи дигар барои таъсиси кластери соҳаи кишоварзӣ онро дар ҳудуд ва фазои иқтисодии вилояти Хатлон бояд дар назар дошт. Дар ин сурат, ваколат ва салоҳиятҳои мақомотҳои ҳокимияти маҳаллӣ мушаххас карда мешаванд. Мавриди ба зикр аст, ки дар дораи санадҳои меъёриву ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти иқтисодӣ тағйиротҳои куллӣ мушоҳида карда намешаванд. Танҳо баъзе аз корҳои иҷрошуда ба раванди «автоматикунонӣ» табдил дода мешаванд. Раванди мазкур имкон медиҳад, ки иҷрои баъзе аз корҳо бояд бозбинӣ карда шуда, салоҳиятҳои мақомоти маҳаллӣ низ иваз карда шаванд. Дар ин росто, пешниҳод карда мешавад, ки сохтори тартибии он (иерархия) аз поён ба боло, яъне маҳал, ноҳия, шаҳр ва вилоят иваз карда шавад. Сабаби асосии интихоби усули индуксионӣ дар он аст, ки бояд дар мадди аввал манфиатҳои субъектҳои поёнӣ, ки дар сатҳи маҳаллӣ фаъолияти иқтисодӣ менамоянд, ба назар гирифта шаванд. Дар ҳолате, ки кластери соҳаи кишоварзӣ ҳудуди маҳдудро дар вилояти Хатлон ишғол намояд, дар ин ҳолат чунин тартиб мантиқан асоснок дониста мешавад. Дар ҳолати баръакс, ҳангоми васеъ будани ҳудуди кластери соҳавӣ, яъне барои соҳаи кишоварзӣ имкониятҳои мақомотҳои болоиро метавон ҷудо намуд.

Асоси кластери соҳаи кишоварзиро пояи иттилоотии он ташкил медиҳад ва он дар навбати худ ба мавҷудияти иҷозатномаи ҷойгирсозии маълумотҳои иттилоотӣ вобастагӣ дорад. Инҷо сухан дар бораи андозаи ҳаҷми «интернет», ки дар худ маълумотҳои омориро дар кадом шакл инъикос менамояд, меравад. Фарз карда мешавад, ки маълумоти зарурӣ оид ба қитъаи замин дар шакли анъанавӣ, яъне суратгузориш ҷойгир карда шудааст. Шояд дар ин ҳолат барои баъзе аз субъектҳо мавҷудияти чунин аёният мусоид ва қобили қабул нагардад. Дар чунин ҳолат маълумотҳои иттиилоотии таҳлилӣ дар шакли «видеогузориш» манзур карда мешавад ва ҳангоми дида баромадани он субъектҳои фаъолияти хоҷагидор ба зудӣ қарорҳои идоракунии худро оид ба амалӣ намудани фаъолияти сармоягузорӣ мебароранд. Мисоли дигар, сармоягузор дар натиҷаи шиносоӣ пайдо намудан бо фаъолияти субъектҳои иштирокчии кластери соҳаи кишоварзӣ

тасмим мегирад, ки ба андозаи «n» маблағ ҷудо намояд. Он субъекти иқтисодӣ, ки аввалин шуда чунин маълумотро самаранок таҳлил менамояд ва қарори дахлдорро оид ба пиёда намудани фаъолият мебарорад, муваффақ дониста мешавад. Яъне ҳангоми аз худ намудани маблағҳои ҷудогардида ва аз ин ҳисоб истифода намудани қитъаи замин, ки натиҷаи ҳосили он вобаста ба муҳлати муайяни вақт аст (дар назар дошта мешавад хусусиятҳои мавсимӣ) дар худ таваккали муайянеро нишон медиҳад ва ин ҳолат бинобар сабаби номуайянӣ эҷод кардан дигар иштирокчиёнро баҳри пешбурди фаъолият ба андеша мебарад.

Дар амал тартиби гурӯҳбандии ноҳияҳои маъмурӣ, деҳот ва блокҳои кадастрӣ дар маҳаллаҳои аҳолинишин кластеркунии заминро муайян мекунад. Ассосатсияи маҳаллаҳои аҳолинишин ва блокҳои кадастрӣ дар асоси наздик будани масофаҳои байни онҳо ба амал бароварда мешавад. Дар мавриди кластерҳои заминҳои кишоварзӣ дар ҳудуду минтақаҳои гуногуни деҳот, онҳоро аз рӯйи ҳамаи нишондиҳандаҳои омилӣ, аз ҷумла, захираҳои хоку замин, шароити табиию иқлимӣ, захираҳои иқтисодӣ фарқ карда, инчунин аз рӯйи нишондиҳандаи ягонаи иқтисодӣ тасниф кардан мумкин аст. Масалан, ба категорияи якуми кластер оид ба захираҳои хок ва замин он минтақаҳое дохил мешаванд, ки шароити хуби намӣ, ҳосилхезӣ ва дастгирии бештари сармоягузорӣ ва буҷетӣ доранд. Ба категорияи якуми кластер сатҳи баланди захираҳои иқтисодӣ, яъне арзиши кадастрии замин ва дар сатҳи баланд таъмин намудани захираҳои иқтисодӣ хос аст. Ин ҷолибияти сармоягузории ҳудудҳоро муайян мекунад. Умуман, дар натиҷаи таҳлили кластерӣ гуногунрангии сохтори захираҳои замин ва иқтисодии минтақаҳои гуногуни деҳот, дараҷаи тараққиёти истеҳсолоти кишоварзӣ, истифодаи оқилона ва самараноки замин ошкор мегардад. Дар натиҷаи таҳлили кластерӣ сатҳи амнияти иттилоотии раванди сармоягузории субъектҳои хоҷагидории минтақавӣ баланд шуда, таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ беҳтар мегардад. Замин - ҳамчун амволи ғайриманқул ва манбаи сармоягузорӣ дар кадастри замини кишвар, яъне дар низоми бақайдгирии давлатӣ инъикос ёфтааст.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ қайд мегардад, ки иттилоот оид ба замин дар худ он маълумотҳое инъикос менамояд, ки вобаста ба мавҷудияти таҳқиқотҳои амиқи илмӣ бошанд, яъне то чи андоза иттилооти таҳлилӣ илман асоснокшуда мебошад. Дар инҷо мавқеи махсус ба ниҳодҳои давлатие дода мешавад, ки дар сохтори худ институтҳои илмӣ-таҳқиқотиро доранд. Бо ибораи дигар, то чи андоза ҳиссаи ниҳодҳои давлатии илмӣ ва бахши хусусӣ ҳиссагузори раванди фаъолияти иқтисодии субъектҳо арзёбӣ карда мешаванд. Татбиқи амалии ҳадафҳои кластери ягонаи соҳаи кишоварзӣ муттаҳидкунандаи ниҳодҳои бахшҳои гуногун буда, дар натиҷаи алоқамандӣ ва ба ҳамоӣ (генератсия) кардан иттилооти таҳлилӣ боз ҳам васеъ мегардад. Раванди истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ, ки маҳз дар замин сурат мегирад, бояд ба иттилоот нигаронида шавад. Ин ҷо сухан дар бораи ҳамгироии ду раванд: истеҳсоли маҳсулоти истеъмолӣ ва таъмини раванди иттилоотонӣ, ки дар навбати худ аёният ва шаффофияти раванди якумро дар худ инъикос менамояд. Ҳамаи сарватҳои табиӣ, ки барои пешбурди фаъолияти иқтисодӣ мавриди истифода қарор дода мешаванд, бояд дар махзани ягонаи иттилоотӣ ҷойгир карда шаванд. Дар чунин ҳолат нишондиҳандаҳои иқтисодии онҳо ба монанди арзиши аслии маҳсулот, шохиси нархҳои истеъмолии маҳсулотҳои истеъмолӣ, рақобатпазир будани маҳсулоти истеҳсолӣ аз ҳисоби сифат, мавҷуд будани таклифот байни истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ пурра нишон дода мешаванд.

Гуфтаҳои боло ба он оварда мерасонад, ки кластери ягонаи соҳаи кишоварзӣ дорои як қатор хусусиятҳои хосси худ мешавад ва миёни онҳо метавон номбар намуд:

- маҷмуи агентҳои (ташкилотҳои) мустақил, вале бо манфиатҳои умумӣ дар силсилаи таъсиси захираи иттилоотии бозори давлатӣ ё маҳсулоти бо ҳам алоқаманд;
- мавҷудияти муассисаҳои таълимӣ ва илмӣ ҳамчун «асос»-и илмию истеҳсолӣ, ки на танҳо таҳқиқотро пеш мебаранд, балки барои ин соҳа мутахассис тайёр мекунанд;

- мавҷудияти ҳатмии ташаббус аз поён ва мутаносибан ҳавасмандгардонии иштирокчиён, ҳар як иштирокчии кластер бояд имконпазирӣ ва зарурати муттаҳидшавиро дар атрофи истеҳсол ва пешниҳоди маҳсулоти иттилоотӣ, инчунин баланд бардоштани сифати он дарк намояд;

- мавҷудияти шабакаи ягонаи иттилоотӣ, барои субъектҳои бахши хусусӣ, ки манфиатҳои иқтисодии онҳо аз манфиатҳои субъектҳои бахши давлатӣ ҳангоми ба даст овардани фоида тафовут дошта арзёбӣ карда мешавад.

Таҳқиқ намудани хусусиятҳои болоӣ имкон медиҳад, ки таваҷҷуҳи асосиро ба маҳсулоти кластери ягонаи соҳавӣ равона созем, ки ин ҳам бошад иттилоот оид ба замин дониста мешавад. Нуқтаи муҳим дар ин натанҳо маҳсулоти истеҳсолии соҳаи кишоварзӣ, инчунин иттилоот ҳамчун маҳсулот низ дониста мешавад. Воситаҳои ба даст овардани чунин маҳсулот, яъне раванди тавлиди он дар асоси васеъсозии пойгоҳи маълумотҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, истифодаи васеи корҳои геологӣ, аз қабали харитасозии қитъаҳои замин, нақшаи ҷойгиршавии маҳалли кластери ягонаи соҳавӣ, ҷудо намудани сарватҳои қабатҳои замин (зеризаминӣ ва рӯйизаминӣ), ҷудо намудани навъҳои растаниҳо ва ҳайвонот (флора ва фауна) дониста мешаванд. Бо ҳамин тартиб метавон гуфт, ки дар вилояти Хатлон тамоми заминаҳо баҳри амалӣ намудани ғояи илмӣ, яъне таъсиси кластери ягонаи соҳаи кишоварзӣ мавҷуд аст ва ба инобат гирифтани манфиатҳои ҳамаи иштирокчиён, аз ҷумла хоҷагиҳои хонаводаҳо, корхонаҳои истеҳсолӣ, ташкилотҳо ва муассисаҳои сармоягузору маблағгузор сатҳи рушди иқтисодиро дар вилоят таъмин месозад. Дар баробари ин, ҳамгироии манфиатҳои ҳамаи иштирокчиён суръати рушди иқтисодиро дар натиҷаи баланд бардоштани дараҷаи самаранокии истеҳсолӣ низ таъмин месозад. Дар ояндаи дарозмуддат метавон хулоса намуд, ки гардиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотҳои соҳаи кишоварзӣ, ки дар ҳудуди кластери он тавлид гардидаанд, имкониятҳои иқтисодии дигар субъектҳои берун аз кластерро ҳангоми ба вуҷуд овардани рақобати мукаммали солим боз ҳам ҳавасманд месозад.

Дар умум, метавон қайд намуд, ки асоси кластери соҳаи кишоварзиро агар аз як ҷониб ҷалби воситаҳои молиявӣ дар шакли сармоягузорӣ ташкил диҳад, аз

ҷониби дигар ташаккули заминаҳои моддӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ қисми таркибии кластери соҳавӣ дониста мешаванд. Дар сохтори кластери соҳавӣ мавқеи субъектҳои танзимкунандаи фаъолияти иқтисодӣ бояд дар мадди аввал қарор дода шавад. Он лоиҳаҳои сармоягузорӣ, ки бевосита аз ҷониби мақомоти болоӣ баҳри васеъ намудани фаъолияти субъектҳои хоҷагидор ҷудо карда мешаванд, хусусиятҳои фарқкунандаи худро аз воситаҳои молиявии ташкилотҳои байналмилалӣ вобаста ба ҳадафҳои гузошташудаи Ҳукумати мамлакат барои рушди иқтисодии сатҳи минтақа, яъне вилояти Хатлон мегузоранд. Воқеан, татбиқи моҳияти мураккаби иқтисоди фазоӣ ва мутобиқан сифати лоиҳаҳои инвеститсионӣ ва инноватсионии минтақавӣ ба маълумоти боэътимод дар бораи қонунҳои рушди муносибатҳои замин дар минтақа вобаста аст. Ин ҳам ба сатҳи миллӣ ва ҳам ба сатҳи минтақавӣ дахл дорад. Муносибати замин як падидаи бисёрҷанба ва хеле мураккаб мебошад, зеро захираи замин ба категорияи захираҳои комилан маҳдуд дохил мешавад. Аз инҷо бар меояд, ки дар шароити минтақаҳои кӯҳии кишвар, ки дар вилояти Хатлон чунин минтақаҳо мавҷуданд, вазъи истифоди замин хусусиятҳои хосси худро дорад.

Хулосаи боби сеюм

1. Дар таҳқиқот мавқеи махсус ба танзми давлатии муносибатҳои иқтисодӣ ҳамчун механизми асосии амалкарди истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ дода мешавад ва ҳадаф ва мақсади асосии арзёбии ҳолати он иборат аст аз муайян намудани арзиши пулии замин ва дар заминаи он интихоб намудани самти фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ. Асоси онро дурустии ҷобаҷогузории қуввахои истеҳсолӣ ташкил медиҳад. Интихоби усули арзёбии иқтидори заминҳои кишоварзӣ мавҷуд мебошад. Барои муайян намудани даромад ва сармоя аз замини соҳаи кишоварзӣ, рентаи дифференсиалии 1 ва рентаи дифференсиалии 2, васеъ истифода мешавад. Илова бар ин, ҳангоми муайян намудани арзиши кадастрии заминҳои кишоварзӣ вобастагии худро аз мавҷудияти ҳаҷми сармоягузории бахшҳои давлатӣ ва хусусӣ ташкил медиҳад. Бо ибораи дигар, то чи андоза замин ҳамчун воситаи асосии истеҳсолӣ дараҷаи пардохтпазирии субъектҳои иқтисодиро ҳангоми истифодабарӣ нишон медиҳад.

2. Механизми идоракунии такрористеҳсоли замин дар асоси идоракунии низоми заминсозӣ ва истифодаи самараноки он, беҳтар намудани иқтидори иқтисодӣ асос меёбад. Бо ду роҳ метавонем такрористеҳсоли заминро таъмин намоем: дар ихтиёри истифодабаранда ва ё соҳиби муваффақ ва кордон вогузор кардани заминҳои кишоварзӣ ва ё тағйир додани муносибати давлат нисбат ба тамоми бахши кишоварзӣ. Асоси назорати давлатии заминҳои кишоварзӣ бояд ҳадди аксар аз имкони таъмини бозори озуқа аз ҳисоби истифодаи иқтидори иқтисодии замин, таъмини ҳосилхезии замин ва рушди самаранокии манотиқи деҳот дар шароити ташаккули низоми муносиби идоракуннии захираҳои замин миёни ҳамаи бахшҳои истифодабарандагони замин иборат бошад. Дар инҷо татбиқи механизми амалкарди идоранамоӣ ва танзимкунандаи раванди такрористеҳсолоти васеи заминҳои кишоварзӣ ташкил дода, асоси онро он технологияҳое ташкил медиҳанд, ки дар худ иттилоот ва маълумоти заруриро барои пешбурди фаъолияти иқтисодӣ инъикос менамоянд.

